АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ
ба номи Аҳмади Дониш

Бо ҳуқуқи дастнавис

КОМИЛОВ МЕҲРОҶ ШАРИФОВИЧ

# ФАЪОЛИЯТИ КИТОБХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ (солҳои 1991-2016)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои таърих**
**аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,
профессор Абулҳаев Р.

Душанбе - 2020

# МУНДАРИҶА

**Феҳристи ихтисораҳо...........................................................3**

**Муқаддима ........................................................................4**

**Боби 1. Омилҳои ташаккул ва таҳаввули китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол.......................................21**

§1. Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти китобхонаҳо..................................................21

§2. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ......................................65

§3. Нақши озмуну фестивалҳои китобдорӣ дар такмили фаъолияти китобхонаҳо..................................................87

**Боби 2. Пайдоиш ва ташаккули китобхонаҳои электронӣ дар Тоҷикистони муосир.............................................99**

§1. Имкониятҳои китобхонаҳои электронӣ дар тавлид ва пахши иттилоот.........................................................99

§2. Раванди компютеркунонии китобхонаҳо...........................107

§3. Вижагиҳои фаъолияти шабакаи китобхонаҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ..............................................123

**Хулоса...............................................................................159**

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда........................................170**

**Замимаҳо...........................................................................194**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

**АБК** – Абонементи байни китобхонаҳо

**АМИТ** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**АМСБРСК – ХКТ** – Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон

**БҶ** – Бойгонии ҷорӣ

**ВАО** – Васоити ахбори омма

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ДДФСТ** – Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КБ** – Китобхонаи  бачагона

**КВ** – Китобхонаи вилоятӣ

**КМ** – Китобхонаи марказӣ

**КМТ** – Китобхонаи миллии Тоҷикистон

**КМЭТ** – Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**КФ** – Китобхона-филиал

**ПИТФИ** – Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот

**СМК** – Системаи марказонидашудаи китобхонаҳо

**СММ** – Созмони Милали Мутаҳид

**ТДУ** – Таснифоти даҳгонаи универсалӣ

**ТКБ** – Таснифоти китобдорӣ – библиографӣ

**ФБҲГ** – Фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарӣ

**ХФБ** – Хадамоти федералии бехатарӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶХК** – Ҷойгоҳи худкори корӣ

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити феълии рушди ҳаёти ҷомеа китобхона ҳамчун муассисаи фарҳангӣ-маърифатӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мақоми хосаро касб кардааст. Бахусус, нақш ва мақоми он дар ташаккули раванди донишандӯзӣ ва таҳкими маърифату фарҳанги ҷомеа хеле назаррас мебошад.

Омӯзиши вазъи пажӯҳиши мавзӯи интихобшуда нишон дод, ки то кунун дар таърихнигории ватанӣ масоили таърихи фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст ва ҳатто то имрӯз ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти ҷудогона таваҷҷуҳи ягон муҳаққиқро ба худ ҷиддан ҷалб накардааст.

Муҳим будани таҳқиқи масоили мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди бемайлони воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар радифи китобхонаҳои анъанавӣ пайдо шудану ба фаъолият шурӯъ кардани китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи иттилоотӣ ба сифати объекти таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Дар ин робита, омӯзиши фаъолияти гуногунҷабҳа ва шаклгирии шабакаи китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол ниҳоят муҳим мебошад. Муҳиммияти таҳқиқотро инчунин масъалаҳои зерин асоснок менамояд:

– якум, таҳқиқи фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ, ки тадриҷан тавассути рақамӣ кардани маҷмӯаҳои бузурги худ ба пайдоиши китобхонаҳои электронӣ мусоидат мекунанд, имкон медиҳад, ки аҳамияти онҳо дар шукуфоии фарҳанги давлати миллӣ дар давраи нави таърихӣ арзёбӣ карда шавад;

– дуюм, муҳиммият ва мубрамияти бознигарии нақш ва ҷойгоҳи ҳама намудҳо ва шаклҳои китобхонаҳо дар шароити имрӯзаи рушди давлати соҳибихтиёр меафзояд;

– сеюм, дар амалия татбиқ намудани таҳияҳои нави назариявӣ дар соҳаи китобдорӣ ба такмили равишҳои илмии рушди китобхонашиносӣ ҳамчун як соҳаи алоҳидаи илмӣ, таъсири судманд мерасонад;

– чаҳорум, омӯхтани амиқи мавзӯъ ва ҷамъбасти натиҷаҳои илмии таҳқиқот оид ба таърихи фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиклол имкон медиҳад, ки доир ба ин масъала донишҳои нави илмӣ ба даст оварда, раванди ташаккули китобхонаҳои шаклҳои гуногун ва дурнамои рушди онҳо ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини рушди устувори иҷтимоиву фарҳангии ҷумҳурӣ баҳогузорӣ карда шавад.

**Дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯъ:** Омӯзиши таърихи фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои мухталифи илмро ба худ ҷалб карда, тавассути осори ҷамъбастӣ, рисолаву маҷмӯаҳои илмӣ, таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва мақолаҳо дар матбуоти даврӣ, мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Ба хотири таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзӯи интихобшуда, муаллифи рисола зарур донист, ки сараввал маводи марбут ба мавзӯъро дар шакли феҳристи алоҳида таҳти унвони «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол»[1] мураттаб созад. Феҳристи мазкур соли 2016 ба табъ расид ва аз 7 қисм: санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ доир ба фаъолияти китобдорӣ (144 номгӯй); осори Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба фаъолияти китобдорӣ (73 номгӯй); барнома, дарснома ва дастурҳои таълимӣ доир ба соҳаи китобдорӣ (47 номгӯй); асарҳои илмӣ ва методӣ доир ба соҳаи китобдорӣ (1079 номгӯй); китобномаҳои шарҳиҳолӣ доир ба фаъолияти олимон ва мутахассисони соҳаи китобдорӣ (23 номгӯй); автореферати диссертатсияҳо (16 номгӯй) ва кумакфеҳристҳои алифбоии асарҳо ва

[1] Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол: феҳристи адабиёт / мураттиб М. Комилов. – Душанбе: Арҷанг, 2016. – 312 с.

ашхос иборат буда, дар маҷмӯъ 1382 номгӯи адабиёти дар тӯли солҳои 1991-2016 ба забонҳои тоҷикиву русӣ интишорёфтаро, фаро мегирад.

Қабл аз ҳама, таҳқиқи масоили таърихи фаъолияти китобхонаҳои мамлакат дар даврони истиқлол дар радифи дигар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ инъикоси воқеии худро дар ҷилди VI китоби «Таърихи халқи тоҷик»[1] пайдо кард. Дар боби VI китоби мазкур «Ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ» (солҳои 1991-2010) фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳо бо дарназардошти вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Вазъи иқтисодию иҷтимоии соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи китобдорӣ дар даврони истиқлол дар китоби муаррихи шинохта Н. Б. Ҳотамов «Дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар замони истиқлолият (1991-2006)»[2] низ арзёбӣ шудааст. Ҳамзамон маълумотҳои ҷолиб оид ба вазъи фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳо дар боби XXII «Илму фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият (солҳои 1991 – 2010)»-и китоби дарсии «Таърихи халқи тоҷик»[3] пешниҳод шудааст.

Вижагиҳои фаъолияти китобхонаҳо дар ҳар як давраи таърихӣ, шурӯъ аз аҳди бостон то ибтидои асри XX дар таҳқиқотҳои ҷудогонаи олимони соҳаи китобдории тоҷик: Р. Шарофзода[4], С. Сулаймонӣ, Ҷ. Шерматов[5], С. Муҳиддинов[6], Ф. Ёров[7] мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

---

[1] История таджикского народа. Т.VI: Новейшая история (1941 –2010 гг.). – Душанбе: Империал-групп, 2011. – 688 с.

[2] Хотамов Н.Б. Социально-экономические преобразования в Республике Таджикистан в период суверенитета (1991-2006 гг.) / Н. Б. Хотамов. – Душанбе, 2008. – 268 с.

[3] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 644 с.

[4] Шарофзода Р. Авиценна и таджикская библиография / Р. Шарофзода. – Душанбе: Дониш, 1990. – 35 с.

[5] Сулаймонӣ С. Аз таърихи китобдории тоҷик: аз оғоз то ибтидои садаи XX / С. Сулаймонӣ, Н. Нуралиев. – Душанбе: Маориф, 1998. – 116 с.; Сулаймонӣ, С. Таърих, тамоюл ва рушди фаъолиятҳои китобдорӣ дар Тоҷикистон / С. Сулаймонӣ, Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 160 с.

[6] Мухиддинов С. Таджикская библиотека в XI – XVI веках / С. Муҳиддинов. – Душанбе, 2005. – 47 с.

[7] Ёров Ф. С. История библиотечного дела в Бухарском эмирате: вторая половина XIX – начало XX вв. / под ред. профессора А. Х. Рахимова / Ф. С. Ёров. – Душанбе, 1997. – 126 с.

Маълумоти бештар оид ба рушди фаъолияти китобдории тоҷик дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ дар асарҳои муҳаққиқон З. Шевченко[1], Б. Холов[2], С. Ғоибназаров[3], Қ. Бӯриев[4] арзёбӣ шудааст.

Дар даврони истиқлол доир ба масоили мубрами илми китобхонашиносӣ ва библиографияшиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқони ҷавон 9 рисолаи номзадиву 1 рисолаи докторӣ дифоъ шудаанд[5]. Ҳамзамон дар 5 рисолаи номзадиву 1 рисолаи доктории дигар[6] баъзе масоили фаъолияти китобхонаҳо, қисман мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Масоили назариявӣ, тафсири мафҳумҳои асосии соҳаи китобдорӣ дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, нашрҳои

---

[1] Шевченко З. М. Из истории библиотечного дела в Таджикистане / З. М. Шевченко. – Душанбе: Дониш, 1968. – 136 с.

[2] Холов Б. Развитие сети массовых библиотек в Таджикистане на современном этапе / Б. Холов. – Душанбе, 1986. – 21 с.; Холов Б. С. Библиотечное строительство в Таджикистане: автореф. дис...канд.пед.наук: 05.25.03 / Б. С. Холов. – Л.: ЛГИК, 1989. – 16 с.

[3] Гаибназаров С. Н. Развитие сети массовых библиотек Таджикистана: краткая характеристика / С. Н. Гоибназаров // Библиотековедение. Библиография. История таджикской книги. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 101-112.

[4] Бӯриев Қ. Б. Таърихи библиографияи тоҷик (аз замонҳои қадим то ибтидои асри XXI) / Қ. Б. Бӯриев. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 260 с.

[5] Шорахматов З. Пути оптимизации комплектования фондов сельских библиотек в условиях многоязычия (на примере Таджикистана): автореф. дис. канд. пед. наук: 05.25.03 / З. Шорахматов. – М.: МГИК, 1991. – 16 с.; Муазазов С. Разработка автоматизированного рабочего места библиографа-эксперта в научно-технической библиотеке: автореф. дис. канд. пед. наук: 05.25.03 / С. Муазазов. – М.: МГИК, 1992. – 16 с.; Мухиддинов С. Библиографирование персидско–таджикской минётуры: культурно–исторический и теоретико–методические аспекты: автореф. дис... канд. пед. наук: 05.25.03 / С. Мухиддинов. – М.: МГИК, 1993. – 16 с.; Сулаймони С. Библиотечное дело в Иране: история и современное состояние: дис…д-ра.пед.наук в форме науч.докл: 05.25.03 / С. Сулаймони. – СПбГАК, 1995. – 44 с.; Ёров Ф. С. История библиотечного дела в Бухарском эмирате (вторая половина XIX – начало XX вв.): автореф. дис…канд.пед.наук: 05.25.03 / Ф. С. Ёров. – М.: МГИК, 1997. – 16 с.; Авгонов К. Г. Проблемы совершенствования библиотечного образования (На примере учебных заведений Республики Таджикистан): автореф. дис… канд. пед. наук: 13.00.01 / К. Г. Авгонов. – Душанбе, 1999. – 16 с.; Буриев К. Библиография земледельческой культуры таджикского народа: автореф. дис….на соик.канд.ист.наук: 07.00.09 / К. Буриев. – Душанбе, 2000. – 22 с.; Гуломшоев С. История библиотечного дела в ГБАО: автореф. дис…. канд. ист. наук: 07.00.02 / С. Гуломшоев. – Душанбе, 2007. – 26 с.; Камолзода С. Детские и школьные библиотеки в системе образовательных учреждений Таджикистана: история, состояние и проблемы развития: автореф. дис… канд.пед.наук: 13.00.01 / С. Камолзода. – Душанбе, 2010. – 22 с.; Мамадазимова М. М. Становление Национальной библиотеки Республики Таджикистан и её трансформация в период с 1933 по 2013 гг.: автореф. дис…. канд. ист. наук: 07.00.02 / М. М. Мамадазимова. – Душанбе, 2019. – 26 с.

[6] Мухиддинов С. Изучение истории изобразительного искусства таджикского народа (до советский период): автореф. дис… д-ра. ист. наук: 07.00.09 / С. Мухиддинов. – Душанбе, 2003. – 47 с.; Бахромов З. Социально–экономическая и культурная жизнь ГБАО Республики Таджикистан в годы независимости (1991–2008): автореф. дис…канд.ист.наук: 07.00.02 / З. Бахромов. –Душанбе, 2009. – 23 с.; Собиров Ш. Вклад интеллигенции Гиссарской долины в развитие культуры Республики Таджикистан (1921-1991): автореф. дис…канд.ист.наук: 07.00.02 / Ш. Собиров. – Душанбе, 2010. – 23 с.; Халимова М. Научные и культурные связи Таджикистана со странами Европейского Союза в годы независимости (1991-2014 гг.): автореф. дис…. канд. ист. наук: 07.00.15 / М. Халимова. – Душанбе, 2015. – 26 с.

маълумотдиҳанда ва адабиёти илмиву таълимӣ, ифодаи расмии худро ёфтаанд[1].

Таҳқиқи илмӣ ва амалии фаъолияти Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рисолаи номзадии муҳаққиқ М. Мамадазимова «Таъсиси Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигаргунсозии он дар давраи солҳои 1933-2013)»[2] мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Рисола дар асоси маводи бойгонӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ иншо шудааст ва роҳи тайнамудаи китобхонаро дар тӯли 80 сол баррасӣ менамояд. Дар § 1-и боби якуми рисола «Масъалаҳои таърихнигории ташаккул ва рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон» муҳаққиқ адабиёти марбут ба мавзӯъро гурӯҳбандӣ намуда, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Дар § 2-и боби якуми рисола «Ташаккул ва тақвияти заминаи моддию техникии Китобхонаи миллии Тоҷикистон» аспирант сабабҳои заиф шудани заминаи моддию техникии китобхонаро дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба бад шудани вазъи сиёсию ҷамъиятии мамлакат вобаста карда, шарҳ додааст, ки дар ин давра кам шудани маблағгузории соҳа, зиёд шудани нархи китобҳо ва матбуоти даврӣ, паст будани маоши китобдорон ва дигар омилҳо ба рушди фаъолияти китобхона монеа эҷод кардаанд. Ба андешаи муҳаққиқ хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) ва барқароршавии

---

[1] Дар бораи фаъолияти китобдорӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – №8. – С.10 – 16; Библиотечное дело: терминологический словарь / Рос. гос. б-ка. – 3-е изд., значит. перераб. и доп. – М., 1997. – 168 с.; Столяров Ю. Н. Маҷмӯаи китобхона: дарснома барои донишҷӯёни фак. китобдорӣ / аз русӣ тарҷ. З.Шораҳматов / Ю. Н. Столяров. – Душанбе: Амри илм,1997. – 329 с.; Сулаймонов С. Китобхонашиносии умумӣ: дарснома барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ / С. Сулаймонов. – Душанбе: Маориф, 1998. – 142 с.; Справочник библиотекаря. – СПб.: Профессия, 2003. – 432 с.; Игумнова Н. П. Библиотечное законодательство стран СНГ: история и современное состояние / Н. П. Игумнова. – М: Пашков дом, 2004. – 24 с.; Библиотечная энциклопедия / Рос. гос. б-ка. – М.: Пашков дом, 2007. – 1300 с.; Сулаймонӣ С. Китобхонаҳои электронӣ: маводи таълимӣ барои донишҷӯён ва китобдорон / С. Сулаймонӣ. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 104 с.; Раҳмонов А. А. Информатика: васоити таълимӣ / А. А. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 152 с.; Фаъолияти китобдорӣ. Фаъолияти иҷтимоӣ – фарҳангӣ: назария, услубҳо, амалия: маҷмӯаи мақолаҳо / муаллиф С. Шосаидов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 240 с.; Шарофов Р. Библиографияи адабии тоҷик: китоби дарсӣ / Р. Шарофов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 240 с.; Ванеев А. Н. Библиотечная среда и библиотечное пространство - синонимы? (Некоторые вопросы современной библиотечной терминологии) / А. Н. Ванеев // Библиосфера. – 2016. – № 2. – С. 91-95; Модельный Библиотечный кодекс для государств – участников СНГ: новая редакция. – М.: Пашков дом, 2017. – 67 с.

[2] Мамадазимова М. М. Становление Национальной библиотеки Республики Таджикистан и её трансформация в период с 1933 по 2013 гг.: дис.... канд. ист. наук: 07.00.02 / М. М. Мамадазимова. – Душанбе, 2019. – 185 с.

сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон барои инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи китобдорӣ мусоидат кард.[1] Дар § 3-и боби якуми рисола масоили такмили фондҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон, дар § 2-и боби дуюм вазъи таъмин ва истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхона ва дар § 3-и боби дуюм нақши китобхона дар тарбияи шаҳрвандони мамлакат баррасӣ шуда, тавсияҳои мушаххас ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти китобхона пешниҳод шудааст.

Рисолаи номзадии С. Ғуломшоев[2] ба масоили омӯзиши таърихи фаъолияти китобдорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) дар давраҳои гуногуни таърихӣ бахшида шудааст. Дар § 2-и боби дуюми рисола «Китобхонаҳои ВМКБ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳаққиқ фаъолияти китобхонаҳои вилоятро бо дарназардошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии солҳои 1991-2005 мавриди баррасӣ қарор дода, роҷеъ ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти китобхонаҳои ВМКБ, аз қабили хизматрасонӣ ба хонандагон, такмили фонди китобӣ, баргузории чорабиниҳои оммавӣ ва тарғиби донишҳои китобдорӣ, маълумоти ҷолиб пешниҳод кардааст. Ҳамзамон, дар ин робита таҳкими заминаи моддию техникии китобхонаҳои вилоят ва таъмини онҳоро бо кадрҳои баландихтисос зарур шуморидааст.

Дар рисолаи номзадии Р. Каримова «Таърихи рушди фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои истиқлол» (солҳои 1991-2011)[3] масоили марбут ба фаъолияти китобхонаҳо дарякҷоягӣ бо фаъолияти дигар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар § 1 ва 2-и боби аввал ва § 1-и боби дуюми рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ асосан бо шарҳ додани қабули 3 барномаи давлатии соҳаи китобдорӣ, нишон додани таҳлили муқоисавии шумораи китобхонаҳо дар солҳои 1991-2009, пешниҳод

---

[1] Мамадазимова М. М. Становление Национальной библиотеки Республики Таджикистан и её трансформация в период с 1933 по 2013 гг.: дис.... канд. ист. наук: 07.00.02 / М. М. Мамадазимова. – Душанбе, 2019. – С.55-56.

[2] Гуломшоев С. История библиотечного дела в ГБАО: дис.... канд. ист. наук: 07.00.02 / С. Гуломшоев. – Душанбе, 2007. – 157 с.

[3] Каримова Р. История развития культуры Таджикистана в годы независимости (1991 –2011 гг.): автореф. дис...канд.ист.наук: 07.00.02 / Р. Каримова. – Душанбе, 2012. – 25 с.

кардани маълумоти мушаххас оид ба ифтитоҳи Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва шурӯъ шудани корҳои сохтмонии китобхонаи нав дар маркази вилояти Хатлон, иктифо кардааст.

Дар рисолаи номзадии Б. Ғаффоров «Таърихи муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 1991-2011)[1] вазъи фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ, аз ҷумла фаъолияти китобхонаҳои мамлакат мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ дар § 2-и боби якум «Вазъи фаъолияти китобхонаҳо ва осорхонаҳо дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ» ва боби дуюми рисола «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва томоюли рушди онҳо дар аввали асри XXI» воқеабинона самтҳои асосии фаъолияти китобхонаҳои мамлакатро дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар таҳлил намуда, бо истифода аз маводи бойгониву чопӣ сабабҳои кам гардидани теъдоди китобхонаҳо ва паст шудани сатҳи китобхонии мардумро исбот кардааст.

Бо вуҷуди ин, дар корҳои диссертатсионии дар боло ишорашуда, ки масоили гуногуни фаъолияти китобхонаҳоро дар даврони соҳибистиқлолӣ баррасӣ мекунанд, ба таври муҷтамеъ (комплексӣ) фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1991-2016 мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқотҳои анҷомёфта вазъи воқеии ҷараёни ташаккул ва рушди китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ (виртуалӣ) бо дарназардошти вижагиҳои технологию касбӣ таҳлил нашудаанд.

Паҳлуҳои алоҳидаи масоили фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол, аз қабили равандҳои ҷаҳонишавии технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ, нақши сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои мамлакат дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа, фароҳамоварӣ ва ҳифзи нусхаҳои хаттӣ дар китобхонаҳо, бунёд ва такмили захираи ҳуҷҷатҳои электронӣ дар

[1] Гаффоров Б. История культурно – просветительных учреждений Республики Таджикистан (1991 –2011 гг.): дис.... канд. ист. наук: 07.00.02 / Б. Гаффоров. – Душанбе, 2014. – 186 с.

китобхонаҳо, вазъият ва проблемаҳои стандартсозии истилоҳоти китобдорӣ, дурнамои рушди китобхонаҳо дар самти ҷорӣ намудани низоми хизматрасониҳои нав бо истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, андешидани чораҳо вобаста ба баланд бардоштани фарҳанги хизматрасонӣ, нуфузи китобхона, касби китобдорӣ, савияи дониш ва такмили ихтисоси кормандони китобхонаҳо, маданияти муошират, санъати қабул ва сари вақт қонеъ гардонидани талаботи хонандагон – истифодабарандагони китобхона, усулҳои ҷустуҷӯи босифат ва ошкор кардани сарватҳои иттилоотӣ, тарғибу ташвиқи соҳаи китобдорӣ дар байни наврасону ҷавонон, таъмини дастёбии хонандагон ба сарчашмаҳои пурраматни интернетӣ ва дигар масоили марбут ба фаъолияти китобхонаҳо, дар мақолаҳои олимону мутахассисони соҳаи китобдорӣ[1] ва нашрияҳои илмӣ[2], инъикоси воқеии худро ёфтаанд.

---

[1] Маҳмудов Г. Баъзе масоили омӯзиши библиографияи давлатии тоҷик / Г. Маҳмудов // Маърӯзаҳои конфронси илмӣ–амалии олимон ва мутахассисони ҷавони ҷумҳурӣ. – Қӯрғонтеппа, 1991. – С. 150-151; Сулаймонӣ С. Зарурияти бунёди Китобхонаи миллӣ: консепсияи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: лоиҳаи алтернативӣ / С. Сулаймонӣ // Садои мардум. – 1992. – 25 апрел. - №83(335); Раҳимов А. Андешаҳо перомуни китобу китобхона / А. Раҳимов // Китобхонаи миллии Тоҷикистон: ҷашннома. – Душанбе, 1993. – С.32 – 40; Сулаймонӣ С. Диди тоза ба навъи китобхонаҳо / С. Сулаймонӣ // Анис. – 1999. – №4. – С. 20 – 29; Каримзода Б. Китобхонаҳо дар арафаи асри XXI / Б. Каримзода // Баҳори Аҷам. – 2000. – №4. – С.3; Сулаймонӣ С. Китобхонаҳо ва иттилоотсозӣ: чанд тарҳи пешниҳодӣ / С. Сулаймонӣ, Т. Розӣ // Анис. – 2000. – №2–4. – С. 42 – 48; Холов Б. Вазъият ва проблемаҳои таълими фанҳои китобдорӣ / Б. Холов // Анис. – 2000. – №2 –4. – С.48 – 54; Юнусов А. Вазъият, фароҳамоварӣ ва ҳифзи нусхаҳои хаттии ниёгон / А. Юнусов // Китобхонаҳои Тоҷикистон дар арафаи асри XXI: мӯҳтавои конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ (27 – 28 апрели соли 2000, ш. Душанбе). – Душанбе, 2000. – С. 24 – 26; Тошев Ш. Инкишофи китобхонаҳои Тоҷикистон дар 10 соли истиқлолият / Ш. Тошев // Китоб. – 2001. – декабр; Шарофзода Р. Фарҳанг ва китобшиносӣ / Р. Шарофзода // Фарҳанг ва таҳсил дар ибтидои асри XXI. – Душанбе, 2004. – С.25–30; Шосаидов С. Стандартсозии истилоҳоти китобдорӣ: вазъият ва проблемаҳо / С. Шосаидов // Фарҳанг – силоҳи маънавии пирӯзӣ: маводи конфронси илмӣ – амалӣ. – Душанбе: Эҷод, 2005. – С. 66 –69; Шерматов Дж. Библиотечное дело за годы независимости Таджикистана (1991-2007 гг.) / Дж. Шерматов // Паёмномаи фарҳанг. – 2007. – №10. – С. 19-28; Умарова М. С. Государственная политика суверенного Таджикистана в сфере библиотечного дела (1991-2005 годы) / М. С. Умарова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики / Серия общественных наук. – 2011. – №1 (45). – С.137-144.

[2] Фаъолияти китобдорӣ дар даврони ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ: маҷмӯаи мақолаҳои омӯзгорони факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 88 с.; Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ, 18 –19 апрели соли 2013, ш. Душанбе / мураттибон Ҷ. Қурбонов, Ш. Комилзода, Б. Боев. – Душанбе: Бебок, 2015. – 112 с.; Ташкили маъхазҳои электронӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ, 15–16 майи с. 2014, ш. Душанбе / мураттибон Ҷ. Қурбонов, Ш. Комилзода, Б. Боев. – Душанбе: Бебок, 2015. – 96 с.; Раванди ҷаҳонишавии технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 5–6 майи с. 2016, ш. Душанбе / мураттибон Б. Боев, И. Қаҳоров. – Душанбе: Бебок, 2016. – 132 с.

Роҷеъ ба масоили ташаккули китобхонаҳои наву замонавии анъанавӣ, пайдоиши китобхонаҳои электронӣ, мақолаҳои ҷолиб низ ба табъ расидаанд[1].

Оид ба вазъи ногувори фаъолияти баъзе китобхонаҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бо таври бояду шояд ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ барои таъмини китобхонаҳо бо китобҳои тозанашр, таъмиру азнавсозӣ ва тақвияти заминаи моддию техникии китобхонаҳо, дар биноҳои номувофиқ ҷойгир шудани китобхонаҳо ва таъмирталабу садамавӣ будани онҳо, бахусус дар деҳоти кишвар, дар сатҳи пасти тахассусӣ баргузор шудани чорабиниҳои оммавӣ дар китобхонаҳо, пайваста роҳандозӣ нашудани ҷалби аҳолии кишвар ба китобхониву донишандӯзӣ, нокисии махзани китобии китобхонаҳо, танқисӣ кашидани китобхонаҳо аз камбудии технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва пайваст набудани онҳо ба шабакаи байналмилалии Интернет, тибқи нақша иҷро нагардидани нишондодҳои барномаҳои давлатии соҳаи китобдорӣ, норасоии кадрҳои баландихтисос дар

---

[1] Саидова М. Маркази иттилоотӣ дар китобхона: оид ба Маркази иттилоотии кӯдакону наврасон дар Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи Мирсаид Миршакар / М. Саидова // Омӯзгор. – 2007. – 26 январ. – №4 (11558); Ворид намудани технологияи муосир дар фаъолияти китобхонаҳо // Паёми Душанбе. – 2007. – 1 феврал. – №8 (1163); Холов Б. Ҷомеаи иттилоотӣ ва проблемаҳои тарбияи китобдорон дар Тоҷикистон / Б. Холов // Мероси Рӯдакӣ ва масоили рушди фарҳангу ҳунар: маводи конфронси илмию назариявӣ ва эҷодӣ. – Душанбе: Эҷод, 2008. – С. 34-36; Авғонов Қ. Компютеркунонии китобхонаҳо / Қ. Авғонов // Садои мардум. – 2010. – 17 август. – №93 (2618); Комилзода Ш. Китобҳои электронӣ манфиатоваранд / Ш. Комилзода // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2010. – 25 март. – №12 (9127); Шосаидов С. Рушди фаъолияти китобдорӣ / С. Шосаидов // Баҳори Аҷам. – 2011. – 28 январ. – №2-3 (194); Аминзода М. Китобхонаи электрониро бо адабиёти форсиву англиси ғанӣ мегардонем / М. Аминзода // Чархи гардун. – 2012. – 28 ноябр. – № 48 (847); Комилзода Ш. Нашри китобҳои электронӣ ва тарғиби онҳо тавассути сомонаҳои интернетӣ / Ш. Комилзода // Паёмномаи фарҳанг. – 2012. – №2 (19). – С. 73 –79; Авғонов Қ. Рушди китобу китобхонаҳо дар даврони истиқлолият / Қ. Авғонов // Паёми Душанбе. – 2013. – 6 сентябр. – №1 (1748); Ҳаётзода А. Бо зуҳур намудани китобхонаҳои электронӣ китобхонаҳои суннатӣ аз байн меравад? / А. Ҳаётзода // Дунёи китоб. – 2013. – №3 (03). – феврал; Абдуллозода И. Истаравшан. Китобхонаи нав бунёд мегардад / Н. Абдуллозода // Ҷумҳурият. – 2015. – 23 январ. – № 16 (22578); Комилзода Ш. Китоб ва Интернет: Оё байнашон рақобат вуҷуд дорад? / Ш. Комилзода // Садои мардум. – 2015. – 19 август. – № 111 (3412); Комилов М. Таҳкими заминаи меъёрӣ–ҳуқуқии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол / М. Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2015. – №3 (31). – С. 55 –58; Бунёди ду китобхонаи нав дар деҳот // Хатлон. – 2016. – 7 апрел. - №13 (3050); Бунёди китобхонаҳои замонавӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ // Баҳори Аҷам. – 2016. – 21 июн. – №19-20 (387); Нуруллоев Н. Китобҳои электронӣ / Н. Нуруллоев, Ҳ. Шарифов // Омӯзгор. – 2016. – 3 июн. – №23 (12039); Файзалӣ Т. Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ чӣ гуна амалӣ гардид? / Т. Файзалӣ // Садои мардум. – 2016. – 16 июн. – №77 (3557); Толибов Ф. Шакли нави хизматрасонӣ «Системаи бақайдгирӣ ва муроҷиати электронии истифодабарандагони китобхона» / Ф. Толибов // Баҳори Аҷам. – 2017. – 28 феврал. – №6 (409).

китобхонаҳои ҷумҳурӣ, дар мақолаҳои коршиносону мутахассисони соҳа интишор ёфтаанд. Аз ҷумла, дар мақолаҳои З. Ҳасан «Китобхонаҳои маҳаллӣ магар зарур нестанд!», «Хатлон: китобхонаҳои маҳаллӣ ҳоли табоҳ доранд»[1], Ф. Раҳимов, Ҳ. Ҳомид «Фаъолияти китобхонаҳо беҳбудӣ мехоҳад ё чаро мутасаддиён ба кори китобхонаҳо кам аҳамият медиҳанд»[2], Ф. Файзалӣ «Барнома пурра иҷро нашуд. Чаро?», «Аз «Агар» то «Аммо». Дар бораи китобхонаҳои аз мадди назари масъулон дур»[3], Ҳ. Назрулло «Истаравшан. Китобхонаи бемакон»[4], Д. Шарифов «Дари бастаи китобхонаҳо ва дигар мушкилоти ҷойдошта...»[5], Қ. Аҳмадзод «Китобхона макони муқаддас аст, аммо...»[6], Қ. Бӯриев, М. Муродӣ «Китобхонаҳои деҳот. Чанд паҳлуи як проблема»[7] ва дигар мақолаҳо масоили зикршуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ходимони илмии шуъбаи китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографияшиносии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот (минбаъд ПИТФИ) дар доираи таҳқиқи мавзӯъҳои илмии пажӯҳишгоҳ тавассути баргузории таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва омӯзиши маводи бойгонӣ ба таҳқиқи масоили таърихи китобхонаҳо, таърихи библиографияи миллӣ ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Таҳқиқотҳои доирнамудаи олимони ПИТФИ имкон доданд, ки таърихи пайдоиш, давраҳои рушд ва хусусиятҳои хоси ҳар як давраи инкишофи назария ва

[1] Ҳасан З. Китобхонаҳои маҳаллӣ магар зарур нестанд?!: оид ба вазъи китобхонаҳои вилояти Хатлон ва тадбиқи «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» / З. Ҳасан // Хатлон. – 2012. – 11 октябр. – №41-42(2884); Хатлон: китобхонаҳои маҳаллӣ ҳоли табоҳ доранд // Ҷумҳурият. – 2012. – 4 декабр. – №149 (22130).

[2] Раҳимов Ф. Фаъолияти китобхонаҳо беҳбудӣ мехоҳад ё чаро мутасаддиён ба кори китобхонаҳо кам аҳамият медиҳанд: оид ба фаъолияти китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Хатлон / Ф. Раҳимов, Ҳ. Ҳомид // Омӯзгор. – 2013. – 5 апрел. – №14 (11874).

[3] Файзалӣ Ф. Барнома пурра иҷро нашуд. Чаро?: оид ба рафти иҷрои Барномаи давлатии рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 / Ф. Файзалӣ // Ҷумҳурият. – 2013. – 24 октябр. – №141 (22278); Аз "Агар" то "Аммо". Дар бораи китобхонаҳои аз мадди назари масъулон дур // Ҷумҳурият. – 2017. – 27 сентябр. – №203 (23284).

[4] Назрулло Ҳ. Истаравшан. Китобхонаи бемакон / Ҳ. Назрулло // Ҷумҳурият. – 2014. – 15 ноябр. – № 223 (22528).

[5] Шарифов Д. Дари бастаи китобхонаҳо ва дигар мушкилоти ҷойдошта...: оид ба фаъолияти Китобхонаи марказии ноҳияи Шӯробод / Д. Шарифов // Баҳори Аҷам. – 2015. – 14 август. – №28 (355).

[6] Аҳмадзод Қ. Китобхона макони муқаддас аст, аммо...: оид ба вазъу фаъолияти китобхонаҳои ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ / Қ. Аҳмадзод // Ҷумҳурият. – 2017. – 1 август. – №161 (23242).

[7] Бӯриев, Қ. Китобхонаҳои деҳот. Чанд паҳлуи як проблема / Қ. Бӯриев, М. Муродӣ // Ҷумҳурият. – 2017. – 28 июл. – №159 (23240).

амалияи илми китобдории тоҷик бо дарназардошти рушди ҳаёти ҷомеа муайяну мушаххас карда шаванд. Аз ҷумла, дар силсиламаҷмӯаи «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон», ки то имрӯз 8 шумораи он[1] ба табъ расидааст, маводи ҷолиб марбут ба масоили назарӣ, таърих ва рушдёбии илми китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносии тоҷик пешниҳод гардидааст. Масалан, фасли аввали шумораи 6-уми маҷмӯа – «Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ» 15 мақолаи олимони соҳаро, аз қабили мақолаҳои С. Шосаидзода «Инноватикаи китобдорӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ», Б. Холов «Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ», Г. Маҳмудов «Роҳандозии равандҳои инноватсионии таълим дар факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ», ки ба масоили мубрами татбиқи равандҳои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ бахшида шудаанд, фаро гирифтааст.

Ҳамзамон, ин масоил дар доираи мавзӯи илмии «Равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ дар муҳити ҷаҳонишавии фарҳанг», аз ҷониби ходимони илмии шуъбаи китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносии ПИТФИ татбиқ гардида, равандҳои инноватсионии китобдорӣ, библиографӣ ва иттилоотии муассисаҳои китобдорӣ, марказҳои библиографӣ ва иттилоотии кишвар мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Натиҷаи таҳқиқотҳои дар доираи мавзӯи илмии «Равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ дар муҳити ҷаҳонишавии фарҳанг» баргузоршуда собит сохт, ки

[1] Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон: хрестоматия / мураттибон С. Ҳ. Шосаидов, Қ. Б. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 200 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар замони истиқлолият / таҳияи Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир С. Шосаидов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 225 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби III: маҷмӯаи мақолаҳо / таҳияи Қ.Б. Бӯриев; муҳаррирон С.Ҳ. Шосаидов, Б. С. Холов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 172 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби IV: маҷмӯаи мақолаҳо / таҳияи Қ.Б. Бӯриев. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – 184 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби V: маҷмӯаи мақолаҳо / таҳияи Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир С.Ҳ. Шосаидов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 240 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Б. Бӯриев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 640 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Б. Бӯриев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 480 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VIII: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Б. Бӯриев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 636 с.

то имрӯз на ҳамаи китобхонаҳои мамлакат, бахусус дар ноҳия ва деҳоти кишвар бо технологияи нави иттилоотию иртиботӣ таҷҳизонида шудаанд. Ин мушкилот имконияти ба таври мукаммал қонеъ намудани эҳтиёҷоти рӯзафзуни хонандагони китобхонаҳоро маҳдуд менамояд. Илова бар ин, бунёд ва такмили фонди электронии китобхонаҳо дар ҷумҳурӣ ҷавобгӯи талабот нест. Бештари китобхонаҳои мамлакат ба мутахассиси дорои неруи муқтадири зеҳнӣ, коршиноси навҷую навовар ва дорандаи мафкураи замонавӣ сахт эҳтиёҷ доранд.[1]

Ҳамин тавр, вазъи умумии омӯзиши мавзӯъро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки масоили марбут ба фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол ба тавri муҷтамеъ (комплексӣ) дар асарҳои дар боло зикршуда ҳамчун объекти таҳқиқоти мустақил, мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ *(давраи муосир)*» барои солҳои 2016-2020, иҷро гардида, инчунин бо «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 9 феврали соли 2015, №53) ва «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 феврали соли 2015, №105) робита дошта, ҷиҳати татбиқи бандҳои дахлдори онҳо мусоидат мекунад.

---

[1] Комилов М. Истиқлолият ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII: маҷмӯаи мақолаҳо / М. Комилов, Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С. 135-136.

**Мақсади таҳқиқот** – омӯзиши раванди инкишоф ва тағйирпазирии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон ва вазъи онҳо дар даврони истиқлол.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– баррасии заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти китобхонаҳо дар даврони истиқлол;

– муайян намудани раванди шаклгирӣ ва марҳилаҳои инкишофи шабакаи китобхонаҳои анъанавӣ дар Тоҷикистон;

– омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар фаъолияти китобхонаҳо;

– таҳқиқи самарабахшии озмуну фестивалҳо ва муайян намудани нақши онҳо дар рушди анъанаҳои китобдорӣ;

– таҳлили вазъи корбурди технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳо;

– нишон додани афзалиятҳои фаъолияти китобхонаҳои электронӣ дар қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон;

– коркарди тавсияномаҳои мушаххас ҷиҳати такмили фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ, электронӣ ва дурнамои рушди онҳо дар шароити давлати соҳибистиқлол.

**Объекти таҳқиқот** – китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол.

**Предмети таҳқиқот** – ташаккул ва таҳаввули фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистони муосир.

**Асоси назариявӣ-методологии таҳқиқот.** Бунёди назариявӣ ва методологии омӯзиши ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ ва коркарди амалии таҳқиқотро афкору андешаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар асару мақолаҳояшон бо диди густардаи илмиву таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ташкил медиҳанд. Таҳқиқот, ҳамзамон ба осори илмии олимони ватаниву хориҷӣ: китобшиносон, китобхонашиносон, библиографияшиносон, муаррихон, фарҳангшиносон, сотсиологҳо ва философҳо, такя менамояд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқот чунин усулҳо истифода шуданд: ҷамъоварии иттилооти таърихӣ – барои арзёбии сатҳи тахияи илмии мавзӯъ; таърихӣ-генетикӣ ва таърихӣ-муқоисавӣ – барои омӯзиши раванди инкишоф, моҳият ва тағйирпазирии фаъолияти китобхонаҳо; сотсиологӣ (пурсиш, мусоҳиба, омӯзиш ва ҷамъбасти натиҷаи таҳқиқ) – барои муайян намудани сатҳу сифат ва шароити хизматрасонӣ дар китобхонаҳо.

**Чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот,** ки ба маҷмӯи рӯйдодҳои сиёсӣ ва воқеияти таърихӣ асос ёфтааст, даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон – солҳои 1991-2016 дар бар мегирад ва ба ду марҳила тақсим мешавад: солҳои 1991-2000 ва 2001-2016.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот.** Барои ҳалли вазифаҳои дар таҳқиқ гузошташуда, теъдоди зиёди адабиёти чопӣ ва маводи интишорнаёфта мавриди ҷамъоварӣ ва омӯзиш қарор дода шуд, ки бештари онҳо бори нахуст аз нигоҳи илмӣ баррасӣ шуданд. Дар маҷмӯъ адабиёти истифодашударо метавон ба панҷ гурӯҳ ҷудо намуд.

1. Маводи бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи марказии илмии ба номи И. Гандии АМИТ, Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар, китобхонаҳои вилоятӣ ва пойтахт.

2. Маводи расмӣ, яъне санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, қарору қонунҳо, барномаҳои давлатӣ, созишномаву консепсияҳо, низомномаву дастурамалҳо ва дигар асноди ҳуқуқӣ. Ба ин гурӯҳи мавод ҳам сарчашмаҳои чопӣ ва ҳам ғайричопӣ шомиланд.

3. Асару мақолаҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба масоили фарҳанги миллӣ ва рушди фаъолияти китобдорӣ. Ба ин гурӯҳи мавод паёмҳои Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва матни суханрониҳои Пешвои миллат дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат ворид шудаанд.

4. Асарҳои илмӣ, илмӣ-методӣ ва таълимӣ доир ба соҳаи китобдорӣ. Ба ин гурӯҳи мавод монографияҳо, фишурдаи маводи конфронсу симпозиумҳо, маҷмӯаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмӣ-методӣ ворид шудаанд.

5. Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаҳои «Илм ва ҳаёт», «Тоҷикистон», «Паёмномаи фарҳанг», «Анис», «Китобдор», «Фирӯза», «Вестник Библиотечной Ассамблеи Евразии» ва рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Минбари халқ», «Омӯзгор», «Адабиёт ва санъат», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Баҳори Аҷам», «Паёми Душанбе», «Китоб», «Дунёи китоб», «Народная газета», «Азия плюс» нашршуда.

**Навигарии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии Тоҷикистон дар даврони истиқлол бо дарназардошти вижагиҳои технологию касбӣ, тамоюлҳои тағйирпазирии мусбату манфии шабакаи китобхонаҳои мамлакат ва амсоли ин бо таври муҷтамеъ (комплексӣ) мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамчунин маводи бойгонӣ ва сарчашмаҳои муҳимми марбут ба таърихи китобхонаҳои Тоҷикистон дар ин давра таҳқику таҳлил гардида, ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кори китобхонаҳо ва дурнамои фаъолияти онҳо тавсияҳои мушаххас тарҳрезӣ шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои ба сомон расонидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷиҳати баррасии таърихи китобхонаҳои мамлакат дар даврони истиқлол мусоидат намоянд. Мазмун, хулосаву тавсияҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи кори китобхонаҳои Тоҷикистон, таҳияву тайёр намудани барномаву дарсномаҳои таълимӣ барои мактабҳои миёнаи касбӣ ва олии китобдорӣ ва хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои «Китобхонашиносӣ», «Таърихи китобхонаҳои Тоҷикистон», «Афкори китобхонашиносии тоҷик» ва диг., истифода кард.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

– дар давраи нави таърихии инкишофи давлатдории миллӣ раванди ташаккули китобхонаҳо аз ҳар ҷиҳат ба омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиву ҳуқуқӣ алоқамандӣ доштааст;

– китобхона ҳамчун муассисаи иттилоотӣ, фарҳангӣ ва омӯзишӣ дар ҷамъоварӣ, коркарду феҳристнигорӣ, гурӯҳбандиву ҷобаҷогузорӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, тарғибу ташвиқи асноди дар ҳама навъи воситаҳои интишорӣ тавлидшаванда: анъанавӣ (дастхатҳо ва нашри чопӣ), электронӣ (дар компютер, компакт дискҳо ва дигар ҳомилҳо), савтӣ (китобҳои гӯё, овоздор), маҷозӣ (дастёбӣ ба манобеи Интернет) саҳм мегирад;

– шабакаи китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави фароҳамоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи иттилоотии электронӣ дар даврони истиқлол ташаккул ёфта, мақоми хоса касб кардаанд;

– истифодаи мақсадноки сомонаҳои интернетӣ метавонад ҷиҳати бо таври ройгон такмил додани захираи китобхонаҳои анъанавӣ ва электронӣ шароит фароҳам оварад;

– номувофиқии ҷойгиршавии китобхонаҳои деҳоти кишвар (1199 адад китобхона-филиал) ба шумораи маҳалҳои аҳолинишини он (2798 деҳа, ки аҳолиаш аз 500 нафар зиёд аст) бунёди инфрасохтори нави хизматрасонии китобдорӣ, аз ҷумла таъсиси китобхона-филиалҳои нав, китобхонаҳои сайёр, мутаҳаррик (мобилӣ) ва нуқтаҳои китобдиҳиро тақозо мекунад;

– такмили заминаҳои моддиву техникии китобхонаҳои мамлакат, таъмини китобхонаҳои шаҳраку деҳот бо биноҳои замонавӣ, таҷҳизоти муосир, адабиёти тозанашру дархӯри замон, мутахассисони баландихтисос ва ҳавасмандгардонии моддиву маишии китобдорон шартҳои асосии рушди минбаъдаи китобхонаҳо маҳсуб меёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмӣ ва нашрияҳои даврии солҳои 1991-2016 нашргардида доир ба фаъолияти китобхонаҳои

анъанавӣ ва электронии Тоҷикистони соҳибистиқлол бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ таҳлили маҷмӯии таҳқиқоти мазкурро анҷом додааст. Дар заминаи омӯзиши паҳлуҳои гуногуни фаъолият ва вижагиҳои китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии мамлакат роҳҳои минбаъдаи рушди фаъолияти онҳоро муайян кардааст. Ҳамзамон натиҷаҳои илмии бадастомада, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсияҳои хислати амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**Таъйид (апробатсия)-и диссертатсия.** Доир ба мавзӯи диссертатсия 1 феҳрист, 1 рисола ва 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидааст. Нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби аспирант дар шакли маърӯза дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, «Таҳқиқи фарҳанги миллӣ дар даврони истиқлол» (24 октябри соли 2017), «Роҳҳои татбиқи инноватсия дар фаъолияти китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (3 сентябри соли 2018), «Истифодаи навгониҳои технологияи муосир дар фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон» (26 октябри соли 2018), «Китоб – равшангари дилҳо» (27 феврали соли 2019) пешниҳод шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи №11 аз 7 ноябри соли 2019) муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 204 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи манбаъҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (196 номгӯй), замимаҳо (6 ҷадвал), иборат аст.

# БОБИ 1. ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ КИТОБХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

## §1. Заминаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти китобхонаҳо

Даҳсолаи охири асри XX, аз лиҳози фарогири маҷмӯи ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоӣ дар таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик беназиру бесобиқа маҳсуб меёбад. Зеро дар ин даҳсола давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар ибтидои он солҳо Тоҷикистон ҷузъи таркибии ин давлат буд, ба гирдоби ҳодисаҳои бузурги сиёсӣ кашида шуда, оқибат пароканда гардид.

Дар натиҷа, ҷумҳуриҳои иттифоқие, ки ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ дохил буданд, пайи якдигар истиқлолияти давлатии худро эълон карданд. Тоҷикистон низ аз ин раванди сиёсӣ дар канор намонд. Дар Иҷлосияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ки 31- уми августи соли 1991 баргузор гардид, Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШСТ) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуда, 9 сентябри ҳамон сол дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум оид ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд, ки он ба давлати соҳибихтиёри миллати тоҷик асоси қонунӣ бахшид.

Ҳамин тариқ, санаи 9 сентябри соли 1991 дар таърихи миллати куҳанбунёди тоҷик бо ҳарфҳои заррин инъикос гардид. Зеро дар ин рӯз, тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: **«Орзуи ба даст овардани мустақилияти миллӣ амалӣ гашт. Ва дар асл чунин осон ба даст омадани озодӣ ва истиқлолро касе ҳам тасаввур надошт. Ин**

**истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих буда, устувору пойдор нигоҳ дошта тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза мебошад».**[1]

Аҳаммияти таърихии истиқлолияти давлатӣ, агарчи дар ибтидо саҳлу осон ба даст омада бошад ҳам, вале бо гузашти муҳлати на чандон зиёд ба вуқӯъ пайвастани маҷмӯи ҳодисаҳои мудҳиш, фоҷеаҳои хунин, яъсу ноумедӣ, амалҳои террористию ифротгароӣ, зидди якдигар барангехтани аҳолии минтақаҳо ва бо истифода аз ҳамин зуҳуроти номатлуб афрӯхтани ҷанги шаҳрвандӣ, ки аз ҷониби душманони дохилию хориҷии миллат роҳандозӣ гардиданд, ҳадафи асосии он маҳрум кардани миллат аз соҳибихтиёрӣ ва соҳибдавлатӣ иборат буд. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки дар радифи дигар давлатҳои пасошӯрвии ба соҳибистиқлолӣ расида, мушкилтарин ва сангинтарин соҳибихтиёрии давлатиро миллати тоҷик ба даст овардааст.

Бояд мутазаккир шуд, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ вазъи сиёсии кишвар ноором ва пуршиддат гардида, аҳолии як қисми минтақаҳои кишвар дар зери таъсири ғояҳо ва мақсадҳои муғризонаю фиребандаи аз хориҷ тарҳрезишуда, ба ду ҷанбаи ба ҳам зид тақсим гардида, тадриҷан ҷумҳуриро ба коми ҷанги бародаркуши шаҳрвандӣ кашиданд. Ҷанги шаҳрвандии ошкоро аз соли 1992 то соли 1997 идома пайдо карда, боиси ҳалокати бештар аз 150 ҳазор шаҳрвандони асосан бегуноҳ, ба коми оташ фурӯ рафтани даҳҳо ҳазор хонаҳо, харобу валангор гардидани шаҳракҳо, деҳаҳо ва дигар фоҷеаҳои мудҳиш гардид, ба андешаи мо яке аз сабаби асосии сар задан ва авҷ гирифтани он дар ибтидо фалаҷ гардидани пояҳои сохтории давлат ва дар ин замина фароҳам омадани фазои холимондаи беҳокимиятӣ буд. Дар чунин авзои фалокатбору ноустувор ва таҳдиди парокандашавии давлат ва маҳви миллат рӯи кор омада буд, зарурати ногузири эъмори давлати нав, сиёсати нави давлатдорӣ пеш омад, ки ин вазифаи сахту сангинро Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 16 ноябр то 2

---

[1] Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Иборат аз чаҳор китоб. Китоби якум: Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон 2009. – С. 123.

декабри соли 1992 дар Хуҷанд баргузор гардид, то андозаи муайян ҳаллу фасл намуд. Дар Иҷлосия оид ба барпо намудани давлати Тоҷикистони нави соҳибистиқлоли демократӣ қарорҳо ва қонунҳои таърихӣ кабул карда шуд. Роҳбари давлат интихоб гардидани фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон ва мурочиати ӯ ба халқи шарифи Тоҷикистон, аз 12 декабри соли 1992, ки онро метавон ҳамчун Изҳороти қатъии аз ҳолати бухрони шадиди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ наҷот додани ҷумҳурӣ ҳисобид, дар тадриҷан ба эътидол овардани авзои аз ҳар ҷиҳат ноорому ноустувори мамлакат чун нуқтаи гардиши бебозгашт арзёбӣ намуд. Бо мурури ду соли Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994 вазъият дар ҳудуди кишвар нисбатан рӯ ба оромӣ оварда, аксарияти аҳолии мамлакат тадриҷан ба ҳаёти осоишта баргаштанд ва дар минтақаҳои ҷангзада раванди барқароркунии хоҷагиҳои харобу валангоршуда оғоз ёфт. Пояҳо ва ҳамаи рукнҳои сохтории давлат зина ба зина мустаҳкаму устувор гардида, заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии қабули Конститутсияи нави давлати соҳибистиқлолро фароҳам оварданд.

Дар ин радиф, махсусан фароҳам овардани фазои мусоиди сиёсӣ тавассути ба ҳам овардани неруҳои сиёсии дар дохили мамлакат амалкунанда – ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки ба ҳалли ин масъала Ҳукумати Тоҷикистон тайи солҳои 1994-1996 кӯшиши зиёд ба харҷ дод, шоистаи таъкид мебошад. Зеро раванди оғозгардидаи истиқрори сулҳ аз ҳукумат, аҳли ҷомеа ва неруҳои мухолифин амалҳоеро талабу тақозо дошт, ки ба эъмор ва таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мусоидат намоянд. Бинобар ин, баҳри пойдор кардани сулҳи воқеӣ ва дар ҳамин замина фароҳам овардани фазои орому заминаҳои мусоиди таъмини рушди ҳарҷонибаи кишвар таъсиси ташкилоти ҷамъиятие зарур буд, ки он тавонад вазифаи ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми неруҳоро ба амал барорад. Чунин созмони ҷамъиятӣ метавонист Шӯрои ҷамъиятӣ бошад, ки асоси ҳуқуқию сиёсии таъсиси онро имзои Аҳдномаи ризоияти ҷомеа, ки 9 марти соли 1996 ба тасвиб расонида шуд, фароҳам овард. Вусъати

равандҳои сиёсии ҷумҳурӣ зарурати дар маркази ягона баҳамоварӣ ва муттаҳид намудани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсии амалкунандаро ба миён овард. **«Ҳадафҳои асосии эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду иҷтимоии Тоҷикистон роҳбарони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳукуматро гирди ҳам оварданд, ки ин худ далели возеҳи аз ҷониби аксарияти ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дастгирӣ ёфтани сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумати мамлакат дар бобати истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа буд».**[1]

Бо вуҷуди он ҳам, музокирот ҷиҳати фароҳамсозии истиқрори сулҳ дар байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифин, ки дар вазъияти ниҳоят мураккаби сиёсию бухрони шадиди иқтисодии кишвар идома меёфт, ниҳоят 27 июни соли 1997 дар пойтахти Федератсияи Россия шаҳри Москва бо имзои ҳарду ҷониб ба «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ расман хотима бахшид.

Ҷиҳати тақвият додани пояҳои ҳанӯз заифу ноустувори ваҳдати миллӣ бо ташаббуси Ҳукумати Тоҷикистон 18 июли соли 1997 **«Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикикистон»** таъсис дода шуд, ки аз оғози фаъолият то айни замон дар ин самт корҳои аҳаммияти таърихидоштаро ба сомон расонидааст.

Ҳамчунон, дар фароҳамсозии ваҳдати устувори миллӣ нақши **Комиссияи оштии миллӣ,** ки тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 4 июни соли 1997 таъсис дода шуд, қобили мулоҳизаи амиқ мебошад.

Ҳамин тавр, вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 1991-2016 таҳлилу таҷзия карда, ин давраро, ба андешаи мо метавон аз лиҳози фарогирии маҷмӯи рӯйдодҳои сиёсӣ ва воқеияти таърихӣ **ба ду**

---

[1] Раҳмон Э. Иттиҳоди нерӯҳои сиёсии ҷомеа беҳтарин василаи ваҳдату ягонагии кишвар аст: суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 15–солагии Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 29 апрели соли 2011 / Э. Раҳмон // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз 11 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 2012. – Ҷилди 11. (2010, июл – 2011, август). – С. 366–378.

**марҳила тақсимбандӣ намуд:** марҳилаи якум – солҳои 1991-2000 ва марҳилаи дуюм – солҳои 2001-2016.

Марҳилаи якум даҳ солро дар бар гирифта, аз лиҳози фарогири ҳодисаҳои муҳимми таърихӣ беназир аст. Ин марҳила аз эълони «Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (9 сентябри соли 1991) оғоз ёфта, то таъсисёбии парлумони касбӣ (моҳи феврали соли 2000) идома пайдо кардааст, ки аз лиҳози фарогирии маҷмӯи ҳаводиси муҳимми барои миллати тоҷик сарнавиштсоз, ба андешаи мо, ҳамчун як давраи томи таърихи миллат шумурдан иштибоҳ нахоҳад буд. Зеро дар ин даҳсола миллати тоҷик дар тӯли таърихи бостонии беш аз 6000 солааш бо номи худаш соҳиби давлати сирфан миллӣ гардида, ин давлатро на танҳо дар набардҳои хунини ҷанги дохилии шаҳрвандӣ, балки дар муборизаҳои беамони ғоявӣ бо душманони ошкору пинҳонаш ҳифзу нигоҳдорӣ намуд. Дар ин марҳила, тавассути қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии пойдории давлат устувор гардонида шуда, ваҳдат ва ризоияти миллӣ фароҳам омад. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлате бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном гардида, ҳуқуқҳои он ҳамчун давлати соҳибихтиёр аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид эътироф гардида, ба узвияти ин созмон ва даҳҳо дигар ташкилотҳои бонуфӯзи сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта шуд. Оғозу анҷоми ҷанги шаҳрвандии дохилӣ, раванди дуру дарози музокирот дар байни тарафҳои ба ҳам муқобил, ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» (27 июни соли 1997), таъсисёбӣ ва анҷомёбии фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, шакл гирифтани даҳҳо ташкилотҳои сиёсию ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсии нав ва ба сиёсати давлатӣ пайвастани онҳо, рушду тавсеъа ёфтани асосҳои ҳуқуқбунёдӣ, демократӣ ва дунявии пояҳои давлатдории миллӣ, ташкил ва ташаккулёбии парламенти дупалатагӣ ва маҷмӯи дигар рӯйдодҳои таърихӣ, ки дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар нақшу мақоми хоса доранд, маҳз ба ҳамин давра мансуб мебошанд.

Ба ин даҳсолаи таърихи миллат баҳои сиёсӣ дода, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикру таъкид кардаанд, ки даҳсолаи аввали давлатдории миллии мо, асосан ба ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла ба эътидол овардани вазъияти кишвар, баргардонидани гурезаҳо, бо хонаву ҷой таъмин кардани онҳо, бесилоҳ гардонидани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ҳалли масъалаҳои дар Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ муайяншуда сарф гардида, танҳо пас аз соли 2000-ум ба давлату Ҳукумат муяссар гардид, ки ба таври ҷиддӣ ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоиро роҳандозӣ намояд[1].

Дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи фарҳангу санъати кишвар низ чун дигар соҳаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба душворию мушкилоти вазнин мувоҷеҳ гардид. Аз як тараф бухрони шадиди сиёсию иқтисодӣ ва дар ин замина аз фаъолият бозмондани аксарияти корхонаҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ, ки боиси касодии буҷети давлатӣ гардида, маблағгузории ин соҳаро қариб ба нестӣ расонида буд, аз тарафи дигар ҷанги шаҳрвандии идомадошта ба пояҳои моддию техникӣ, ва хусусан кадрии илму фарҳанг зарбаҳои ҷонкоҳ заданд. Дар ин миён дари муассисаҳои таълимӣ ва китобхонаҳову марказҳои фарҳангӣ-фароғатии шаҳру ноҳияҳое, ки алангаи ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд, то замоне баста шуданд ва ё ба таври бояду шояд фаъолият накарданд. Ҳамзамон дар ин макон диққати одамони синну сол ва касбу кори гуногун аз китобхониву донишандӯзӣ дур гашт. Ғорату ба яғмо бурдани амволи садҳо муассисаҳои фарҳангу санъат, мактабҳои махсуси мусиқӣ, клубҳо, воситаҳои нақлиётӣ, аз ҷониби шахсони тасодуфию аз соҳа дур шахсикунонии даҳҳо мактабҳои санъату фарҳанг ва китобхонаҳо, парокандашавию аз байн рафтани теъдоди зиёди дастаҳои ҳунарию гуруҳҳои эҷодӣ, басташавии дарҳои театрҳои халқию китобхонаҳо,

---

[1] Раҳмон Э. Ватани худро мисли модарамон ва баробари ҷонамон дӯст дорем: суханронӣ ба ифтихори 25 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2016. – 8 сентябр. – №181 (23003).

тарки Ватан кардани ҳазорҳо ходимони варзидаи илму фарҳанг, тороҷ гардидани дороии молиявии муассисаҳои илмӣ ҷузъе аз талафотҳоеанд, ки дар ин даҳсола ба соҳаи илму фарҳанг ва санъат расонида шуданд.

Вобаста ба ҳамин, ба маврид аст зикр намуд, ки Тоҷикистон дар бахши китобхонаю китобдорӣ аз замони Иттиҳоди Шӯравӣ мероси нисбатан хубро соҳиб шуда буд. Мутобиқ ба сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони соҳаи китобдорӣ раванди бунёди шабакаи китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони шӯравиро метавон ба 4 давра гурӯҳбандӣ кард:

– дар давраи якум (солҳои 1917-1941), ки ҳамчун давраи пур аз тазод, душворӣ ва тақдирсоз дар таърихи халқи тоҷик маҳсуб ёфта, ҳодисаҳои таърихии аз Инқилоби Октябри Россия то оғози Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ бавуқӯъпайвастаро фаро гирифтааст, ба пайдоиши аввалин китобхонаҳо дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти Тоҷикистон замина гузошта шуд;

– дар давраи дуюм (солҳои 1941-1945) китобхонаҳои Тоҷикистон фаъолияти худро ба тақозои талаботи айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ мувофиқ намуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши сиёсию фарҳангии омма тавассути тарғиби адабиёт ва ташкилу баргузории чорабиниҳои мухталиф саҳми муносиб гузоштанд;

– давраи сеюми рушди бунёди шабакаи китобхонаҳои Тоҷикистон (солҳои 1946-1960) ба солҳои барқароршавии хоҷагии халқ ва рушди муассисаҳои фарҳангӣ рост меояд ва дар ин давра таваҷҷуҳ ба рушди шабакаи китобхонаҳо ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ ба гурӯҳҳои гуногуни хонандагон бештар зоҳир карда шуд, дар бештари шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ китобхонаҳои шаҳриву ноҳиявии марказӣ ва бачагона таъсис дода шуданд;

– дар давраи чорум (аз соли 1961 то моҳи сентябри соли 1991), ки ҳамчун давраи рушди фарҳанг ва комёбиҳои соҳаи китобдорӣ дар ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёбад, барои рушди китобхонаҳои мамлакат тадбирҳои мушаххас андешида шуданд, дар ин давра на танҳо шумораи

китобхонаҳо афзоиш ёфта, захираи китобии онҳо бо адабиёти тозанашр мукаммал гардид, балки сатҳу сифати хизматрасонӣ дар китобхонаҳо нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардида, низоми нави корӣ дар фаъолияти онҳо ҷорӣ шуд.

Ҳамин тавр, дар даврони шӯравӣ дар Тоҷикистон шабакаи васеи китобхонаҳои оммавӣ, илмӣ, соҳавӣ бунёд шуда, сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ ва библиографӣ тадриҷан боло рафт ва китобхонаҳо ҳамчун такягоҳи боэътимоди ташкилотҳои ҳизбӣ дар баланд бардоштани дараҷаи маданӣ ва маълумотнокии аҳолӣ саҳми муносиб гузоштанд.

Дар соли 1991 теъдоди умумии китобхонаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол маҷмӯан 1747 ададро ташкил медод, ки онҳо «на танҳо махзани китобии шаҳру ноҳияҳо, мактабҳои олӣ, балки корхонаҳои бузурги саноатӣ ва ҳатто деҳаҳои бузурги аҳолинишин низ соҳиби китобхона буданд»[1]. Вале дар солҳои минбаъдаи идомаёбии ҷанги шаҳрвандӣ бо иллати зоҳир нашудани таваҷҷуҳи зарурӣ ба ин бахш, ҳам теъдоди китобхонаҳо, ҳам захираи китобии китобхонаҳо ва ҳам теъдоди хонандагон – аъзоёни чунин муассисаҳои фарҳангии ҷумҳурӣ бо таври назаррас коҳиш ёфтанд. Таври мисол, дар соли аввали ҷанги шаҳрвандӣ, яъне соли 1992, шумораи умумии китобхонаҳо қариб 500 адад кам шуд. Дар солҳои минбаъда коҳишёбии китобхонаҳои ҷумҳурӣ тамоюли манфиро касб карда, сол то сол рӯ ба пастравӣ ниҳоданд. Чунончи, дар соли 2000-ум то 1441 адад, дар соли 2005 – 1414 адад, дар соли 2010 – 1392 адад ва дар соли 2015 – 1366 ва дар соли 2016 низ ба ҳамин теъдод боқӣ монданд, ки ин аз боздории раванди камшавии теъдоди китобхонаҳо шаҳодат медиҳад[2] (муфассал ниг.ба ҷадвали №4).

Тайи ин солҳо дар зери таъсири омилҳои дарҷшуда, теъдоди захираи китобӣ ва шумораи хонандагони китобхонаҳо низ сол то сол рӯ

[1] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2015. – С.582.

[2] Таджикистан: 20 лет государственной независимости: статистический сборник. – Душанбе: Шарки озод, 2011. – С. 302-305; Тоҷикистон дар рақамҳо 2017 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 69.

ба камшавӣ ниҳодааст. Аз ҷумла, шумораи умумии захираи китобии китобхонаҳои мамлакат дар соли 1991, дар маҷмӯъ 16115 ҳазор нусхаро ташкил медод, ки аз ин миқдор дар соли 2000-ум то 13487 ҳазор нусха, дар соли 2013-ум то 11800 ҳазор нусха коҳиш ёфтааст (муфассал ниг.ба ҷадвали №5). Теъдоди хонандагони китобхонаҳо дар давоми ҳамин солҳо аз 1256,9 ҳазор нафари соли 1991, дар соли 2000-ум то ба 805,9 ҳазор нафар поин рафта, шурӯъ аз соли 2011 нишондиҳандаҳо дар ин бахши китобдорӣ рӯ ба болоравӣ ниҳодааст: соли 2011 – 1311,5 ҳазор нафар, соли 2015 – 1461,8 ҳазор нафар ва дар соли 2016 то 1626,7 ҳазор нафар боло баромадааст[1], ки ин омор вазъи воқеии китобхонаҳои ҷумҳуриро дар ин солҳо инъикос менамояд (муфассал ниг.ба ҷадвали №6).

Ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳаёти осоиштаи халқ, пешрафти иқтисодиёт, рушди илму маориф ва фарҳанги ҷумҳурӣ зарбаи сахти ҳалокатборе расонд. Ин ҷанги хонумонсӯз ба кори китобхонаҳо низ таъсири манфии худро гузошт. Масалан, тибқи иттилоъи муҳаққиқ Б. Ғаффоров дар ҷараёни ҷанги шаҳрвандӣ бештари китобхонаҳо, бахусус дар минтақаҳои фарогирифтаи амалиётҳои ҷангӣ, зарар диданд. Аз ҷумла, соли 1992 7 китобхонаи ҷамоатҳои деҳоти «Сарвати истиқлол» ва «Заргар»-и ноҳияи Бохтар аз фаъолият боз монданд. Китобхонаҳои ҷамоати деҳоти «Машъал»-и ноҳияи Вахш пурра несту нобуд карда шуданд.[2]

Нобасомониҳое, ки дар минтақаи Рашт тул кашиданд, бахусус кори қасрҳои фарҳанг, хонаҳои фарҳанг, клубу китобхона ва матбааҳоро фалаҷ гардонд. Дар давоми 7-8 сол бисёр муассисоти фарҳангии водӣ аз фаъолият бозмонда буд, дари клубу китобхонаҳо баста буданд, дар онҳо имкони баргузории чорабиниҳо набуд. Ҳатто баъзе муассисаҳо аз байн рафтанд. Масалан дар ноҳияи Тавилдара (ҳоло Сангвор) як хонаи мада-

---

[1] Таджикистан: 20 лет государственной независимости: статистический сборник. – Душанбе: Шарки озод, 2011. – С. 302-305; Тоҷикистон дар рақамҳо 2017 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 69.

[2] Гаффоров Б. История культурно – просветительных учреждений Республики Таджикистан (1991 –2011 гг.): дис.... канд. ист. наук: 07.00.02 / Б. Гаффоров. – Душанбе, 2014. – С. 27.

нияти сӯхта ба хок яксон гардид, якчанд китобхонаҳо низ вайрону валангор шуданд ва китобдорон захираҳои онҳоро дар хонаҳои хеш нигоҳ медоранд. Дар ноҳияи Дарбанд (ҳоло Нуробод) дар давоми солҳои ноороми қариб тамоми асбобу анҷоми техникӣ, мусиқӣ ва воситаҳои нақлиёти муассисоти фарҳангӣ талаю тороҷ гардид.[1] «Дар солҳои муқовимати сиёсӣ ноҳияи Дарбанд дар водии Рашт беш аз дигар ноҳияҳо зарар дидааст. Зеро дар ин ноҳия гурӯҳҳои силоҳбадаст то ниммаҳои соли 2000-ум амал карда, барои пешрафти бомароми он монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекарданд. Таъсири манфии гурӯҳҳои силоҳбадаст, хусусан дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангии ноҳия возеҳу равшан дарку эҳсос гардидааст. Дар давоми бештар аз ҳашт сол на дар маркази ноҳия ва на дар деҳоти он ягон муассисаи фарҳангӣ амал намекард. Асбобу анҷоми онҳо пурра ба яғмо бурда, биноҳояшон ё оташ зада шуда буданд ва ё ба штабҳои низомии силоҳдорон табдил дода буданд».[2]

Бино ба маълумоти мудири системаи марказонидашудаи китобхонаҳои ноҳияи Ғарм Т. Нуриддинова вазъи сиёсӣ ва ҷангҳои дохилии ноҳия ба кори китобхонаҳо зарари хеле калон расонида, соли 1993 аз китобхонаҳо адабиёти бисёри гуногунмазмун, таҷҳизот, мебел, асбобҳои техникӣ ва ғайра ба яғмо бурда шуданд. Дар ҷараёни муҳорибаҳои ҷангӣ китобхонаи деҳоти Шулмаки ҷамоати деҳоти Раҳимзода пурра оташ гирифт, ки дар натиҷаи он фонди китобиаш низ нобуд шуд. Ҳамзамон, китобхона-филиалҳои №6, 14, 15, 32-и деҳаҳои Навдӣ, Ҳисорак, Ҳоит ва Навдонаки ноҳияи Ғарм хароб гаштанд.[3]

Соли 1993 аз фонди китобхона-филиалҳои №12, 4-и шаҳракҳои Кибил ва Лангари системаи марказонидашудаи китобхонаҳои шаҳри Норак 6466 нусха китоб ҳамчун китобҳои ғораткардашуда дар рафти ҷанги

---

[1] Оид ба фаъолияти муассисаҳои фарҳангию иттилоотии ноҳияҳои водии Рашт: қарори маҷлиси ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги ҶТ аз 30.10.2001, №6/37 // Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд БҶ ВФ ҶТ): қарорҳои мушовараи ВФ ҶТ. – 2001. – С. 2.

[2] Гузориши сармутахассиси шуъбаи фарҳанги Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ҳ. Ҷалилов оид ба санҷиши вазъи китобхонаҳо ва муассисаҳои фарҳангии ноҳияҳои водии Рашт аз 18 то 25 ноябри соли 2002 тибқи банди 57-и Нақшаи кории ДИПҶТ барои нимсолаи дуюми соли 2002 // БҶ ВФ ҶТ: ҳуҷҷатҳои дохилшуда. – 2002. – С. 8.

[3] Ҳисоботи хаттии солонаи системаи марказонидашудаи китобхонаҳои ноҳияи Ғарм дар соли 1993 // БҶ ВФ ҶТ: солҳои 1992-1993. – С. 5-6.

шаҳрвандӣ аз эътибор соқит карда шуданд. Бинобар сабаби аз шаҳри Норак кучида рафтани аҳолии русзабон шумораи хонандагони китобхонаҳои марказӣ ва бачагонаи шаҳрӣ 1281 нафар кам шуд.[1]

Дар давраи вазъи муташанниҷи ҷумҳурӣ Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ низ зарари моддӣ дид. «Тирезаҳо, мизу курсиҳо шикаста шуданд, мошинкаи чопкунӣ дуздида шуд, ки маблағи умумии онҳо 200 ҳазор сумро ташкил медиҳад».[2]

Илова бар ин, бештари чорабиниҳои банақшагирифтаи китобхонаҳо бинобар сабаби ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ иҷро намегардиданд. Аз ҷумла, семинари минтақавии «Роҳҳои нави ба китобхонаҳо ҷалб намудани меҳнаткашони деҳот», семинари илмӣ-амалии «Масоили актуалии кори китобхонаҳои бачагонаи ҷумҳурӣ дар марҳилаи ҳозира» ва ғайраҳо, ки соли 1994 ба нақша гирифта буданд, барпо нагаштанд. Аз сабаби кам будани маош ва баҳрабардор набудан аз имтиёзҳо бештари мутахассисони соҳа тарки касб намуданд.[3] Илова бар ин, вазъи ногувори муассисаҳои фарҳангӣ ба пешрафти кори онҳо монеа эҷод мекард. Масалан, тибқи маълумоти Раёсати муассисаҳои фарҳанг ва фароғати Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар қаламрави ҷумҳурӣ «90% муассисаҳои фарҳанг ва фароғат дар фасли зимистон гарм карда намешаванд, 2500 маҳалли аҳолинишин муассисаҳои клубӣ ва китобхонавӣ надоранд, 348 китобхонаҳои оммавӣ таъмири капиталиро нигаронанд».[4]

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ низоми воридоту содироти китоб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷрои худро дигар кард. Дигар китобҳо ба ҳайси нусхаҳои ҳатмӣ аз марказ ва ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳод ба китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ворид намешуданд.

---

[1] Ҳисоботи солонаи СМК шаҳри Норак дар соли 1993 // БҶ ВФ ҶТ: солҳои 1992-1993. – С. 16-17.

[2] Гузориши директори Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ С. Н. Ғоибназаров ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳуҷҷатҳо оид ба Китобхонаи миллии ҶТ // БҶ ВФ ҶТ. – 1993. – С. 2.

[3] Фаъолияти Идораи фарҳанг ва фароғат дар соли 1994 ва нақшаҳо дар соли 1995 // БҶ ВФ ҶТ: солҳои 1993-1998. – С. 3-4.

[4] Таклифу пешниҳодҳо оид ба беҳбудии проблемаҳои ҳалталаби муассисаҳои фарҳанг ва фароғати ҷумҳурӣ // БҶ ВФ ҶТ. – 1994. – С.2.

Масалан, агар соли 1991 ба шуъбаи нигоҳдории китобҳои Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, тавассути сарчашмаҳои мухталиф 59057 китоб ворид шуда бошад, пас аз як сол, яъне соли 1992 ин рақам 15158 ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 43899 адад кам шуда буд. Солҳои минбаъда низ воридоти китоб ба Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ кам гардид. Масалан, соли 1993 – 12756 адад, 1994 – 7472, 1995 – 3138, 1996 – 3136, 1997 – 1663, 1998 – 2040, 1999 – 2894, 2000 – 2500. Тибқи маълумоти солҳои 1991 – 1994 диҳиши китоб ба хонандагон низ кам гардид. Соли 1994 аз шуъбаи нигаҳдории китобҳо ба толори умумии хониш, толори хониши илмҳои дақиқ, абонементи байни китобхонаҳо ва дигар шуъбаҳои китобхона 73742 адад адабиёт дода шудааст. Ин рақам соли 1995 – 38060 ададро ташкил дод, ки нисбат ба соли 1994 – 35680 адад кам мебошад[1]. Дар солҳои 1992-1995 воқеан шароити китобхона ба талабот ҷавобгӯ набуд. Барои фаъолияти муназзами китобхона маблағҳои зарурӣ ҷудо намегардиданд. Бо ин сабаб Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ҳамчун маркази методии китобхонаҳои ҷумҳурӣ на танҳо имконияти расонидани ёрии амалӣ-методиро ба китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ надошт, балки ҷиҳати интишору паҳн кардани дастуру мактубҳои методӣ танқисӣ мекашид.[2] Дар фасли зимистон толорҳои китобхона сард буданд, теъдоди зиёди мутахассисони соҳаи китобдорӣ бинобар сабаби кам будани маош китобхонаро тарк карданд. Ташрифи хонандагон низ ба китобхона кам шуд. Масалан, бинобар сабаби набудани суратҳисобҳои маблағгузоронӣ аз кишварҳои ИДМ ба китобхона «дар муддати се-чор соли охир адабиёти нав ворид нашуд. Китобхона фақат дар тӯли моҳҳои май-сентябри соли 1995 аз ташкилотҳои гуногун ба маблағи 1 млн.735 ҳазор рубл қарздор шуд. Тӯли солҳои 1994-1995 аз Китобхона 146 нафар кормандон, аз ҷумла 42 нафар бо маълумоти олии

---

[1] Ҳисоботи муфассали шуъбаи нигаҳдории китоби Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ (солҳои 1991- 2010) // Бойгонии ҷории Китобхонаи миллии Тоҷикистон (минбаъд БҶ КМТ): солҳои 1991-2010. – С. 2.

[2] Гузориш дар бораи проблемаҳо ва масъалаҳои ҳалталаби Раёсати фарҳанг ва ҳунар барои соли 1997 // БҶ ВФ ҶТ: солҳои 1993-1998. – С.11.

умумӣ, 23 нафар бо маълумоти олии тахассусӣ, 8 нафар бо маълумоти миёнаи махсус аз кор рафтанд».[1]

Тавре аз омори дарҷшуда бармеояд, дар даҳсолаи аввали истиқлолияти ҷумҳурӣ чун дигар бахшу самтҳои фарҳангу санъат ҳолати китобхонаҳо низ ниҳоят вазнин гардида, садҳо китобхонаҳо дар шаҳру деҳоти кишвар барҳам дода шуда, биноҳои онҳо ё шахсӣ гардидаанд ё барои истифода ба тавозуни дигар муассисаю ташкилотҳо гузаронида шудаанд. Дар натиҷаи рӯй додани чунин ҳолат захираи китобии онҳо низ аз байн рафта, хонандагони китобхонаҳои барҳамхӯрда ё аз фаъолият бозмонда пароканда гардидаанд. Масалан, «бинои китобхонаҳои ҷамоатҳои деҳоти Машъал, Оқгазаи ноҳияи Вахш, Калинин, Заргари ноҳияи Бохтар, деҳаҳои Шаҳрак, Дашти Ар-ар, Буйдоқободи ноҳияи Мӯъминобод фурӯхта шуданд ва захираи китобии ин китобхонаҳо дар хонаҳои истиқоматии китобдорон нигоҳ дошта мешаванд».[2] Бино ба маълумоти муҳаққиқ Б. Ғаффоров сабабҳои кам шудани шумораи китобхонаҳои шаҳрии системаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат буданд, ки баъзеи онҳо ба сохторҳои дигар, аз қабили қисмҳои ҳарбӣ ва инчунин шахсони алоҳида супорида шуданд. Масалан, тибқи фармоиши Раёсати фарҳанги Ҳукумати шаҳри Душанбе, як қатор филиалҳо баста шуда, ба ташкилотҳои дигар дода шуданд. Аз соли 1995 то 2001 аз тавозуни системаи марказонидашудаи китобхонаҳои (СМК) шаҳри Душанбе 7 китобхона-филиал бароварда шуд. Аз ҷумла, филиали № 9 бо тамоми фондаш ба қисми ҳарбии № 21522 Вазорати мудофиаи ҶТ, филиали №15 ба мактаби миёнаи № 6-и назди қисми ҳарбии № 01162 Федератсияи Россия, филиали №19 ба миқдори 12625 нусха китоб ба гурӯҳи сарҳадии ХФБ (ФСБ)-и Россия, филиали №8 бо фонди китобии 13231 нусха ба мактаби миёнаи №13-и Вазорати маорифи ҶТ, филиали №16 бо фонди китобии 15366 нусха ба мактаби №76,

---

[1] Дар бораи фаъолияти Китобхонаи миллии ҶТ ба номи А. Фирдавсӣ: лоиҳаи қарори ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон // БҶ ВФ ҶТ. – 1996. – С. 4-6.

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2001 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2002. – Душанбе: Матбуот, 2002. – С. 31-32.

филиали № 4 ба Осорхонаи «Шарафи ҷангӣ» ва бинои филиали №12 ба оилаи Ҳунарпешаи мардумии ҶТ А.Назриев дода шуда, фонди он бо теъдоди 17850 нусха китоб ба қисми ҳарбии №18735 баталиони десантӣ-ҳуҷумии Вазорати мудофиаи ҶТ мутобиқи мактуби фармондеҳи ин қисм интиқол дода шуд.[1]

Дар солҳои баъдиҷангӣ аксари китобхонаҳои деҳот «дар биноҳои номувофиқ фаъолият мекарданд, ба таъмиру тармим ниёз доштанд ва ҷавобгӯйи оддитарин талаботи нигоҳдории китобу хизматрасонӣ набуданд. Ҳодисаҳои ғайримақсаднок ва ғайриқонунӣ истифода бурдани биноҳо ва ҳудуди онҳо ба мушоҳида мерасид. Дар хусуси таҷҳизоти замонавии фаъолият, технологияи муосири иттилоотию маърифатӣ, дастрасӣ ба компютеру интернет ҳоҷати гап ҳам набуд»[2].

Худ аз худ маълум аст, ки ҳамаи ин омилҳои номатлуб ба фаъолияти китобхонаҳо дар даҳсолаи аввал (солҳои 1991-2000) таъсири манфӣ расонида, нишондиҳандаҳои расмии омории ин солҳоро дар ин самт бо таври назаррас коҳиш додаанд.

Илова бар ин, тайи ин солҳо дар зери таъсиррасонии равонию ғоявии душманони миллат афроди камсаводу ҷоҳил ба харобкунии ваҳшиёнаи осори гаронбаҳои ҷанбаи динию мазҳабидоштаи фарҳанг ва санъат даст заданд. «Тоҷикистон дар солҳои ҷанг (шаҳрвандӣ) аз теъдоди зиёди арбобони варзидаю барҷастаи санъат, фарҳанг, илм маҳрум гардид, ки онҳо ё дар натиҷаи амалҳои террористӣ кушта шуданд, ё барои дарёфти зиндагонии шоиста кишварро тарк карданд. Дар натиҷа ҳамаи ин омилҳо ба ҳаёти мадании ҷумҳурӣ таъсири ҳалокатовар расонида, захираи маънавию зеҳнии мамлакатро босуръат коҳиш дод»[3].

---

[1] Гаффоров Б. История культурно – просветительных учреждений Республики Таджикистан (1991 –2011 гг.): дис.... канд. ист. наук: 07.00.02 / Б. Гаффоров. – Душанбе, 2014. – С. 33-34.

[2] Мерганов Д. Татбиқи барнома самар меорад, ба шарте ки камбудиҳои ин раванд сари вақт рафъ гарданд / Д. Мерганов // Садои мардум. – 2013. – 1 июл. – №81-82 (3066-3067).

[3] История таджикского народа. Т.VI: Новейшая история (1941 –2010 гг.). – Душанбе: Империал-групп, 2011. – С. 607.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти хусусиятҳои ба худ хосаш даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти илму фарҳанг, ки бо далелҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва бо таъсири он ба вуҷуд омадани бухрони шадиди сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қариб, ки аз маблағгузории давлатӣ дар канор монданд, шахсикунонии бемавриду бемавқеъ, аз фаъолият боз мондани садҳо театрҳои халқию гурӯҳҳои ҳунарӣ, дастаҳои худфаъолиятӣ, осорхонаҳо, китобхонаҳо, тороҷ гардидани молу амволи муассисаҳои илму фарҳанг, тарки диёр кардани арбобони намоёну машҳури соҳа ва даҳҳо дигар зуҳуротҳои манфӣ характернок мебошад, метавон ҳамчун давраи заволи муваққатии илму фарҳанги ҷумҳурӣ тавсиф намуд.

Баъди анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф кардани оқибатҳои бархурдҳои ғоявӣ, ҷилавгирии ҷавонон аз пайвастан ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, ки дар оғози асри нав мамолики зиёди ҷаҳонро фаро гирифта, дунёро ба ларзаю изтироб овард, тадбирҳои зиёд андешида, ба амал баровард.

Дар ин радиф таваҷҷуҳи хосса ба ҷалби ҳарчи беҳтару бештари ҷомеа, бахусус насли наврас ба китобхониву донишандӯзӣ, беҳтар намудани мазмуну муҳтаво ва сатҳу сифати нашри китобҳо, ба талаботи замони нав мувофиқу созгор намудани фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, зоҳир карда шуд. Ҳаллу фасли ин масъалаҳо бештар дар мулоқоти Сарвари давлат бо намояндагони зиёиёни мамлакат, 20 марти соли 2001 мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, таъкид шуд, ки: **«Имрӯз барои хонанда асарҳое лозиманд, ки арзиши Истиқлолияти давлатӣ, ғояи худшиносии миллӣ, ватанпарастиву инсондӯстӣ, меҳнати ҳалолу зиндагии бошарофона, арзишҳои миллӣ ва умумибашариро талқин намоянд.... барои кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони то синни мактабӣ, китоб хеле кам чоп мешавад, кӯдакону наврасон аз сарчашмаҳои маънавӣ маҳруманд».**[1] Дар ин мулоқот Президенти мамлакат оид ба вазъи

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷилди 3 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – С. 531-532.

ногувори муассисаҳои фарҳангии мамлакат изҳори нигаронӣ карда, аз ҷумла чунин қайд карданд: «**Дар мамлакат 1463 китобхона, 28 осорхона, 1096 хонаи маданияту клубҳо ба ном мавҷуд буда, дар онҳо ҳазорон нафар китобдор, кормандони осорхона, хизматчиёни хонаҳои маданияту клубҳо гӯё фаъолият мекунанд. Вале ин муассисаҳо дар кадом ҳолатанд, кормандони онҳо оё бо кори касбии худ машғуланд, касе намедонад. Вазъи Китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, ки ганҷинаи бебаҳои миллат ва маркази маърифат аст, ниҳоят ташвишовар мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг оид ба беҳтар сохтани фаъолияти он бояд чораҳои таъхирнопазири ҷиддӣ андешанд. Ин масъала зери назорати мо хоҳад буд».**[1]

Ҳамзамон, Ҳукумати кишвар дар идомаи солҳои 2001-2016 барои тадриҷан ба маҷрои рушд ворид кардани ҳамаи соҳаҳои фарҳангу санъат ва илм кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода, дастовардҳои назаррасро ноил гардид. Чунончи, дар давоми ин солҳо ҷиҳати таъмини рушди бонизоми тамоми бахшҳои фарҳанг ва санъат, эҳтиром ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, эҳёи анъанаву ҳунарҳои мардумӣ, рушди киною санъати мусиқӣ ва театр таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд.

Рушди устувори ҷумҳурӣ ба Ҳукумати мамлакат имкон дод, ки барои беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла фаъолияти китобхонаҳо ғамхорӣ намояд. Дар ин давра, заминаи меъёриву ҳуқуқии китобхонаҳои мамлакат тақвият ёфта, қарору қонунҳои нав ва консепсияву барномаҳои давлатӣ марбут ба соҳаи китобдорӣ қабул шуданд, барои азнавсозӣ ва бунёди китобхонаҳои наву замонавӣ аз ҳисоби буҷети давлат маблағҳои зарурӣ ҷудо шуданд. Аз ҷумла, таъсис ёфтану ба фаъолият шурӯъ намудани дукон ва мағозаҳои китобфурӯшӣ, баргузор шудани намоишгоҳҳои байналмилалии китоб дар шаҳри Душанбе, ҷашн гирифтани 4-сентябр ҳамчун Рӯзи китоб дар ҷумҳурӣ, сохтан ва ба истифода дода шудани биноҳои замонавии

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷилди 3. – С. 536.

китобхонаҳо дар кишварро метавон аз дастовардҳои назарраси даврони соҳибистиқлолӣ дар самти рушди фаъолияти китобдории мамлакат арзёбӣ кард. Масалан, тибқи маълумотномаи «Китобхонаҳои вилояти Суғд»[1] дар ин вилоят тӯли солҳои 2001-2016 **14 китобхонаи нав**, ки дорои 113254 нусха фонди китобӣ мебошанд, ба фаъолият шурӯъ кардаанд. Аз ин ҳисоб 18373 нусха адабиёт ба забони тоҷикӣ, 77262 нусха ба забони русӣ, 22431 нусха ба забони ӯзбекӣ ва 147 нусха ба дигар забонҳо ташкил медиҳад. Дар вилояти Хатлон бошад **58 китобхонаи нав** бо 258220 нусха фонди китобӣ ба фаъолият шурӯъ карданд, ки аз ин ҳисоб 83824 нусха адабиёт ба забони тоҷикӣ, 157118 нусха ба забони русӣ, 12801 нусха ба забони ӯзбекӣ ва 6184 нусха ба дигар забонҳо мебошад.[2] Мутобиқи маълумоти Китобхонаи вилоятии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии ВМКБ тӯли солҳои 2001-2016 дар ноҳияҳои Ишкошим ва Шуғнон **5 китобхонаи нав** бо теъдоди 18854 нусха китоб ба фаъолият шурӯъ карданд, ки аз ин ҳисоб 13679 нусха адабиёт ба забони тоҷикӣ ва 5168 нусха ба забони русӣ мебошад.[3] (оид ба теъдоди фонди китобхонаҳои мазкур ва гурӯҳбандии онҳо тибқи забони нашр муфассалтар ниг. ба ҷадвалҳои №1, 2, 3).

Барои бунёди фазои солими корӣ ва беҳтар намудани вазъи китобхонаҳои мамлакат ва ба ин васила ҳарчи бештар ҷалб намудани аҳолии кишвар ба китобхонӣ аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор татбирҳои мушаххас андешида шуданд. Дар радифи ташкилу баргузории озмуну фестивалҳои китобдорӣ аз ҳисоби адибон ва мутахассисони варзидаи соҳаи фарҳанг Г. Келдӣ, С. Маъмур, И. Насриддин, А. Юнусов, Ҷ. Раҷабов, Г. Малиев, Т. Назаров, А. Боймуродов ва дигарон бригадаҳои ёрирасони Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон ёфта, ба ноҳияҳои водии Рашт, вилояти Суғд, ВМКБ ва як қатор ноҳияҳои вилояти Хатлон сафар намуданд. Мутахассисон оид ба тарзу

---

[1] Китобхонаҳои вилояти Суғд: маълумоти мухтасар / мураттибон А. Қаландаров, С. Шодиева; муҳаррири масъул Б. Мирсаидов. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2017. – 64 с.

[2] Китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон: маълумоти мухтасар. – Қӯрғонтеппа, 2017. – 112 с.

[3] Маълумотнома оид ба китобхонаҳои ВМКБ", ки аз ҷониби Китобхонаи вилоятии ба номи А. Рӯдакӣ пешниҳод шудааст.

усули коргузорӣ, табақабандии махзани китобӣ, роҳҳои муосири ҷалби хонандагон ба китобхонӣ, ороиши айёнӣ, тарҳрезии нақшаҳои намунавии фаъолияти китобхонаҳову клубҳо, кушодани мағозаҳои китоб ёрии амалию методӣ расониданд. Масалан, соли 2003 бо ибтикору дастгирии Вазорати фарҳанг ба муассисаҳои фарҳангии танҳо водии Рашт ҷамъулҷамъ 1270 нусха китоб ва асноди коргузориву дастурҳои методӣ кӯмак карда шуд. Зиёда аз 100 намоишҳои китоб ташкил ёфт. Ин гуна корҳои шоиста дар вилоятҳои Суғду Бадахшон ва Хатлон низ ба анҷом расиданд.[1]

Дар доираи ҳамкориҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Институти «Ҷомеаи Кушод»-и Тоҷикистон зиёда аз 1200 нусха китоб ба маблағи 4000 доллари амрикоӣ ба китобхонаҳои навоҳии Ҳисор, Нуробод, Рашт, Рӯдакӣ, Файзобод, Панҷ ва шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода туҳфа гардид. Инчунин пешниҳоди лоиҳаҳо ҷиҳати созмон додани марказҳои интернетӣ ва почтаи электронӣ дар китобхонаҳои калонтарини пойтахт аз ҷониби ин ташкилот дастгирӣ ёфт.[2]

Тибқи меморандуме, ки байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти «Ҷомеаи Кушод»-и Тоҷикистон ба тасвиб расид, дар Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ китобхонаи намунавӣ (моделӣ) ва маркази Интернет ифтитоҳ ёфт. Дар асоси ин меморандум бо маблағи 84 ҳазор доллари амрикоӣ беш аз 6 ҳазор нусха адабиёти нави таълимӣ, илмӣ, донишномаву маълумотномаҳо доир ба соҳаҳои мухталифи дониш, ки аз ҷониби нашриётҳои Россия ба табъ расидаанд, харидорӣ шуда, ба хизмати хонандагони сершумори Ҷумхурии Тоҷикистон пешкаш гардид.[3] Ҳамзамон тибқи меморандуми мазкур тамоми дороии Китобхонаи намунавии ин ташкилот пас аз 1 солу 7 моҳи фаъолият ба

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2003 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2004. – Душанбе: Матбуот, 2004. – С. 25-26.

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2003 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2004. – Душанбе: Матбуот, 2004. – С. 28-29.

[3] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2005. – Душанбе: Матбуот, 2005. – С. 14.

ихтиёри Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ гузошта шуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ китобхонаҳои Тоҷикистон тавассути соҳиб шудан ба бурсҳои хурд имкони беҳтар намудани заминаи моддиву техникии худро пайдо карданд. Масалан, соли 2002 бо ташаббус ва дастгирии Институти «Ҷомеаи Кушод»-и Тоҷикистон дар назди Китобхонаи вилоятии ба номи Садриддин Айнии минтақаи Кӯлоб маркази иттилоотӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Маркази номбурда дар баробари дастрас намудани адабиёти чопии мазмуни иттилотӣ дошта, ҳафтае як маротиба аз навигариҳои фарҳанги ҷумҳурӣ ба таври хаттӣ ба китобхонаҳои минтақаи Кӯлоб иттилоъ медод. Баъдтар соли 2004 тибқи барномаи «Фарҳанг ва санъат», ки аз ҷониби ҳамин ташкилот таҳти унвони «Ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» пешниҳод гардида буд, китобхона соҳиби бурс (грант) гардид. Дар натиҷа ба китобхона тибқи бурси мазкур 2 компютер, 1 принтер ва 1 дастгоҳи нусхаафзоӣ дода шуд. Илова бар ин, дар доираи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» бо дастгирии ҳукумати вилоят ба китобхона боз 9 компютери дигар дода шуд. Соли 2007 китобхона ба шабакаи байналмилалии Интернет пайваст гардид. Айни ҳол бештар аз 5000 нафар хонандагон аз ин сарвати бебаҳо истифода бурда, эҳтиёҷоти иттилоотии ҳамарӯзаи худро қонеъ мегардонанд. Дар баробари ин технологияи компютерӣ имконият додааст, ки хонандагони китобхона маводи чопӣ ва китобҳои зарурии худро нусхабардорӣ намуда, чандин мушкилоти талаботи лозимиашонро якбора иҷро намоянд. Мувофиқи талаботҳои сершумори хонандагон баъзе китобҳои серталаб дар ҳомилҳои махсус нусхабардорӣ шуда, мавриди истифодаи доимии хонандагон қарор гирифтаанд[1].

---

[1] Азимов А. Сарватҳои иттилоотии Китобхонаи вилоятии ба номи С. Айнӣ / А. Азимов // Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 17-18.

Дар марҳилаи дуюм – солҳои 2001-2016 заминаи моддиву техникии китобхонаҳои мамлакат то андозае беҳтар гардид. Барои харидории китобҳои тозанашр, бунёд ва таъмири бинои китобхонаҳо имконият пайдо шуд. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон барои ба танзим даровардани фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ, таъсиси мағозаҳои фурӯши китоб таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Масалан, чунонки дар суханронии Сарвари давлат дар вохӯрӣ бо намояндагони зиёиёни кишвар (18.03.2006) таъкид шуд: **«Дар давоми як сол бо супориши Президент дар марказҳои аксари шаҳру ноҳияҳо 86 мағозаи фурӯши китоб сохта ба истифода дода шуд. Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки китобхонаву дӯконҳои фурӯши китоб набояд барои худнамоӣ ва фиреби назар вуҷуд дошта бошанд. Дар масъалаи ба эътидол овардани фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ низ роҳбарони шаҳру ноҳияҳо, шуъбаҳои фарҳангу маориф ва сарварони мактабҳои умумӣ бояд муносибати ҷиддӣ дошта бошанд. Ба он муваффақ шудан лозим аст, ки ҳамаи муассисаҳои таълимӣ соҳиби китобхонаи алоҳида гарданд, то фарзандони мардум аз мутолиаи асарҳои илмиву адабӣ баҳра бардоранд ва ғизои маънавӣ гиранд».**[1]

Соли 2006 дар ноҳияи Рашт 3 бинои китобхона бунёд гардида, китобхонаи деҳаи Харангони Болои ноҳияи Варзоб, китобхонаи марказии шаҳри Роғун ба бинои нав кӯчонида шуда, бинои китобхонаи марказӣ ва филиалҳои № 4,5,6,7-и ноҳияи Шаҳринав ба маблағи 15 ҳазор сомонӣ, китобхонаи «Дӯстии халқҳо»-и шаҳри Норак ба маблағи 4,5 ҳазор сомонӣ, филиалҳои Китобхонаи марказии ноҳияи Ваҳдат ба маблағи 8 ҳазор сомонӣ, Китобхонаи марказӣ ва филиали № 65 ноҳияи Хуросон, бинои китобхонаҳои деҳоти Пилдони миёна, Чолболоти ноҳияи Ҷиргатол (ҳоло Лахш), китобхонаи марказии шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Роштқалъа, Ванҷ таъмир гардиданд.[2] Ҳамзамон дар ҳамин сол

---

[1] Раҳмон Э. Зиёиёни парчамбардорони илму маърифатанд: суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, 18 марти соли 2006 // Ҷумҳурият. – 2006. – 21 март. – № 36 (21092).

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2007. – Душанбе: Матбуот, 2007. – С.13-14.

ба фонди китобхонаҳои ВМКБ – 970 нусха, вилояти Хатлон – 22082 нусха, ноҳияҳои Шаҳринав – 1151 нусха, Варзоб – 459 нусха, шаҳрҳои Роғун 539 – нусха, Турсунзода – 578 нусха, Душанбе – 1217 нусха, адабиёти нав ворид гардид. Барои китобхонаҳои ноҳияҳои Файзобод ба маблағи 3100 сомонӣ, Рашт – 1500 сомонӣ, Ваҳдат – 5000 сомонӣ, Ҳисор – 1000 сомонӣ, Айнӣ – 3000 сомонӣ, Мастчоҳ – 1000 сомонӣ, Тавилдара – 1800 сомонӣ ва шаҳри Истаравшан – 4606 сомонӣ китобҳои нав харидорӣ шуд.[1]

Соли 2007 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафар ба ноҳияи Мастчоҳ дар баробари таваҷҷуҳ намудан ба рушди иқтисодиёт, ба пешрафти фарҳанги ноҳия, аз он ҷумла китобхонаҳо низ мароқ зоҳир намуданд. Бо иқдоми Сарвари давлат барои таъмиру тармими китобхонаҳо 300 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда щуд, ки бо ин маблағ китобхонаи бачагона, китобхонаи марказӣ ва 15 филиалҳои дар маҳалбудаи он аз таъмири хушсифат баромаданд. Соли 2010 дар асоси «Барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2008-2015», як филиал-китобхона дар мавзеи назди сарҳадии ноҳия бунёд карда шуд[2].

Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бошад, бо маблағгузории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон китобхонаҳои деҳаи Пастиғав ва бачагонаи деҳаи Худгифи Боло аз таъмири ҷорӣ баровардa шуда, бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин шуданд.[3]

Дар даврони истиқлол дар радифи фаъол гардонидани чопи китобҳо тавассути нашриётҳои ватанӣ, ки яке аз сарчашмаҳои такмили фонди китобхонаҳои ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд, тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини китобхонаҳо бо китобҳои ниёзи хониш андешида

---

[1]Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2007. – Душанбе: Матбуот, 2007. – С.13.

[2] Қурбонов Д. Китобхона – маркази илму дониш // Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: Маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ / Д. Қурбонов. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 71-72.

[3] Охунзода С. Кӯҳистони Мастчоҳ: дастовардҳо назаррасанд: оид ба рафти иҷрои Барномаи давлатии рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 / С. Охунзода // Ҷумҳурият. – 2014. – 5 июн. – №106 (22411).

шуданд. Аз ҷумла, ин масъала дар суханронии Президенти мамлакат дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат (20.03.2009) мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин мулоқот Сарвари давлат бо мақсади ҷалби ҳарчи бештару бештари ҷомеа ба китобхониву донишандӯзӣ ва дастрасии хонандагон ба китобҳои арзишманд, ба аҳли зиёи кишвар чунин мурочиат карданд: **«ҳамасола аз Хазинаи эҳтиётии Президенти мамлакат барои табъу нашр ба таври мақсаднок маблағ ҷудо мешавад. Дар натиҷа даҳҳо номгӯй китобҳои адибони гузашта ва муосир ба табъ расида, дастраси ихлосмандони каломи бадеъ мегарданд. Вале бояд хотирнишон кард, ки дар ин самт имкониятҳои имрӯзаи мо ба дараҷаи кофӣ нестанд ва мо ҳанӯз наметавонем ниёзмандии мардуми фарҳангдӯсти худро ба китоб пурра қонеъ гардонем. Аз ин рӯ, бо истифода аз фурсат мехостам ба шумо – аҳли зиё бо дархосте мурочиат намоям. Бешубҳа, дар китобхонаҳои шахсии шумо асарҳои зиёде маҳфузанд, ки истифода кардаед ва метавонед онҳоро ба хотири баҳрабардории дигарон ва ғизои маънавӣ гирифтани хусусан ҷавонон ба китобхонаҳои оммавӣ, соҳавӣ ва муассисаҳои таълимии мамлакат тақдим намоед».**[1]

Ин иқдоми наҷиби Президенти мамлакат саривақт аз ҷониби қиршҳои гуногуни ҷомеа ҳамовозӣ пайдо кард. Нахустин шуда Эркин Раҳматуллоев, мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ 2000 адад китоби шахсии худро ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосими Фирдавсӣ тақдим намуд, ки аксари онҳо нодиру камёфт буда, барои қонеъ гардондани талаботи хонандагони сершумор муфид мебошанд. Ҳамин гуна амали нек аз ҷониби Мирзошоҳрух Асрорӣ, вазири фарҳанги ҷумҳурӣ, низ сурат гирифт. Ӯ беш аз 1300 адад китоби илмию фарҳангиро ба хазинаи Китобхонаи миллӣ ворид намуд. Дар вилояти Суғд аввалин шуда дар ин самт доктори илми филология, профессор Атахон Сайфуллоев ташаббус нишон дода, наздик 2 ҳазор адад китоб, дастабанди рӯзномаву

---

[1] Раҳмон Э. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, 20 марти соли 2009 // Ҷумҳурият. – 2009. – 21 март. – №37(21544).

маҷаллаҳоро ба ихтиёри аъзоёни Китобхонаи оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии шаҳри Хуҷанд гузошт. Ҳамчунин Мунира Бобокалонова, духтури беморхонаи физиотерапевтии шаҳри Хуҷанд, 91 адад китоби нодири тиббӣ, Бахтиёр Ашӯров, судяи Суди шаҳри Хуҷанд, 100 адад китоби ҳуқуқӣ ва дигар шахсони касбу кори гуногун ба ин хазинаи маърифат аз китобҳои шахсии худ теъдоде тақдим намудаанд[1]. Бо мақсади дастгирии ташаббуси Сарвари давлат аз ҳисоби захираи китобҳои вазорату идораҳо, китобхонаҳои шахсӣ ва шахсони ҷудогона фонди китобхонаҳои давлатӣ-оммавӣ мукаммал гардонида, аз ҷумла ба Китобхонаи миллӣ – 3648 нусха, китобхонаи вилояти Хатлон – 75511 нусха, китобхонаи ВМКБ – 4000 нусха, китобхонаи вилояти Суғд – 20000 нусха, китобхонаҳои шаҳри Исфара – 15000 нусха, китобхонаҳои ноҳияи Ҳисор – 11270 нусха, Китобхонаи давлатии бачагонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи М. Миршакар 380 нусха, дар маҷмӯъ – 129809 нусха китобҳо ворид гардиданд[2].

Соли 2009 китоби «Қуръони карим» ҳамчун тухфаи Президенти мамлакат бо ҳуруфоти тоҷикӣ ба тамоми китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳои халқии ноҳияи Ҷиргатол (ҳоло Лахш) бо теъдоди 108 нусха, ноҳияҳои Рашт – 152 нусха, Тоҷикобод – 56 нусха, Нуробод – 76 нусха, Тавилдара – 24 нусха ва шаҳри Роғун – 34 нусха тақсим карда шуд.[3] Инчунин дар ҳамон сол Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба китобхонаҳои мамлакат беш аз 55 ҳазор китобҳои тозанашр, аз ҷумла 5328 нусха китоби «Қуръони карим»-ро ҳамчун тухфаи Президенти кишвар ба таври ройгон тақсим намуд, ки дар маҷмӯъ ҷиҳати мукаммал гардонидани фонди китобхонаҳои мамлакат то андозае мусоидат намуд.[4]

---

[1] Раҳмониён Ф. Имкони дастрасӣ ба китобҳои нодир пайдо мегардад ё пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавриди тақдими китобҳои шахсӣ ба китобхонаҳо чӣ гуна дастгирӣ меёбад / Ф. Раҳмониён // Ҷумҳурият. – 2009. – 22 август. – 104 (21611).

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2010. – Душанбе: Матбуот, 2010. – С.8.

[3] Гузориши Вазорати фарҳанги ҶТ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи фаъолияти муассисаҳои фарҳанги водии Рашт ва шаҳри Роғун дар соли 2009 аз 14.10.2009, №3-03/2624 // БҶ ВФ ҶТ: мукотиба ба Ҳукумати ҶТ, ДИП ва Шӯрои Олӣ оид ба масъалаҳои фарҳанг (03-2). – С.2-9.

[4] Иттилои вазири фарҳанги ҶТ Асрорӣ М. ба идораи рӯзномаи «Фараж» дар иртибот ба мақолаи «Китобхона ҳасту китобхонӣ нест ва ё чаро маркази фарҳангию китобхонӣ надорем?»

Ҳамзамон дар соли 2009 китобхонаҳои нав дар деҳаи Заркалъаи ҷамоати деҳоти Зиракии шаҳри Кӯлоб, дар ҷамоати деҳоти Машъал ва ҷамоати шаҳраки Кирови ноҳияи Вахш, деҳаи Деҳқонободи шаҳраки Бӯстони ноҳияи Мастчоҳ, кӯчаи Рӯдакии шаҳраки Меҳрободи ноҳияи Ҷаббор Расулов, кӯчаи Маяковскии шаҳри Бӯстон, кӯчаи Ҷ. Румии ҷамоати деҳоти Палоси шаҳри Бӯстон, кӯчаи Furfurt Бобоҷон Ғафурови ҷамоати деҳоти Ворухи шаҳри Исфара ба фаъолият шурӯъ карданд.[1] Китобхонаҳои системаи марказонидашудаи шаҳри Бӯстон дар асоси мувофиқаи пешакии тарафайн байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон ва КД «Востокредмет» санаи 29 майи соли 2009 бо Қарори №162-и ҳокимияти маҳаллӣ бо махзани китобии 30732 адад китобҳои гуногунсоҳа, ки аз мувозинаи КД «Востокредмет» ба мувозинаи бахши фарҳангии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон гузаронида шуд, ҳамчун китобхонаи оммавии системаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Тӯли се соли фаъолияташ китобхона махзани китобиашро то 38108 адад афзоиш дода, 2181 нафар хонандаи доимиро ба хониш ҷалб намуда, микдори диҳиши адабиётро ба 18923 нусха расонид. Ҳар сол байни хонандагон беш аз 90 чорабиниҳои ҷолибро дар китобхонаи марказӣ ва филиалҳо гузаронида, дар тарғиби китобҳо доир ба ҳамаи соҳаҳои дониш ҳамчун Маркази иттилоотии №1 дар шаҳр мақом гирифт[2].

Дар низоми фаъолияти китобдории тоҷик, агарчи ба тундӣ ҳам бошад, шурӯъ аз соли 2010 боздории таназзулу поёнравӣ ба амал омада, руҷӯъ ба рушду инкишофи тадриҷӣ ба мушоҳида расид. Масалан, агарчи тайи солҳои 2001 – 2016 нишондиҳандаҳои оморӣ дар самти афзӯдан ё кам шудани теъдоди китобхонаҳои кишвар қариб, ки ба амал наомада,

(Фараж, №59 аз 23.12.09) аз 30.12.2009, №1-03/3227 // БҶ ВФ ҶТ: ҷавоб ба ҳуҷҷатҳои дохилшуда (03-19). – С.1.

[1] Китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон: маълумоти мухтасар. – Қӯрғонтеппа, 2017. – 112 с; Китобхонаҳои вилояти Суғд: маълумоти мухтасар / мураттибон: А. Қаландаров, С. Шодиева; муҳаррири масъул Б. Мирсаидов. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2017. – 64 с.

[2] Дадабоева Ҳ. Китобхона – махзани дониш // Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ / Ҳ. Дадабоева. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 62.

дар ҳудуди 1370 - 1430 адад сабт шуда бошанд ҳам, болоравӣ дар дигар самтҳои фаъолияти китобдорӣ, аз ҷумла захираи умумии китобу маҷаллаҳо ва теъдоди хонандагони китобхонаҳо таври назаррас ба мушоҳида мерасанд. Чунончи: дар соли 2010 теъдоди умумии китобу маҷаллаҳо дар ҳамаи китобхонаҳои ҷумҳурӣ 12078 ҳазор нусхаро ташкил дода, ин нишондиҳанда дар соли 2011 то 12526 ҳазор нусха ва дар соли 2015 то ба 16653 ҳазор нусха боло баромадааст (муфассал ниг.ба ҷадвали №5). Мутаносибан, теъдоди хонандагони китобхонаҳо дар соли 2010 - 1193,0 ҳазор нафар, соли 2011 - 1311,5 ҳазор нафар, соли 2013 - 1331,8 ҳазор нафар, соли 2015 - 1461,8 ҳазор нафар ва соли 2016 бошад то ба 1626,7 ҳазор нафар афзоиш ёфтаанд[1] (муфассал ниг.ба ҷадвали №6).

22-юми июли соли 2011 дар арафаи ҷашнҳои 100-солагии устод Мирзо Турсунзода ва 20-умин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташрифи Пешвои миллат, Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бинои Китобхонаи марказии шаҳри Турсунзода ба истифода дода шуд ва бо пешниҳоди Президенти Тоҷикистон китобхонаи мазкур ба номи шоири зиндаёд устод Мирзо Турсунзода номгузорӣ гардид. Бинои китобхонаи марказӣ аз шуъбаи китобтаъминкунӣ, китобхонаи бачагона, толори хониши бачагона, шуъбаи компютерӣ, толори хониши калонсолон ва маҷлисгоҳ иборат аст. Дар китобхонаи марказии ба номи Мирзо Турсунзода 5-нафар корманд аз рӯи ихтисоси китобдорӣ кору фаъолият менамоянд. Фонди умумии китобхонаи мазкур 46179 нусха буда, теъдоди китобҳо бо забони тоҷикӣ 11661, бо забони русӣ 30245 ва бо дигар забонҳо 4273 нусхаро ташкил медиҳад. Дар назди китобхонаи марказӣ шуъбаи компютерӣ низ фаъолият менамояд, ки бо технологияи замонавӣ муҷаҳҳаз гардида, дорои 10-адад компютер, 4-адад принтер ва 1-адад сканер мебошад. Дар шуъбаи мазкур маҳфили «Омӯзиши курси компютерӣ» дар байни наврасон ба таври ройгон ташкил карда шудааст. Илова бар ин, дар

---

[1] Таджикистан: 20 лет государственной независимости: статистический сборник. – Душанбе: Шарки озод, 2011. – С. 302-305; Тоҷикистон дар рақамҳо 2017 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 69.

назди шуъба бахши адабиёти электронӣ таъсис дода шудааст, ки айни замон зиёда аз 6500-нусха китобҳои нодиру камёб аз ҷумлаи бадеию соҳавӣ нусхабардорӣ карда шудааст. Инчунин тамоми фонди бойгонии китобҳо ба рӯйхат гирифта шудааст, ки талаботу дархости хонанда саривақт қонеъ гардонида мешавад. Шуъба бо шабакаҳои интернетӣ пайваст буда, ҳамарӯза дар фаъолият аст[1].

10 августи соли 2011 дар арафаи ҷашни 20-солагиии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Китобхонаи оммавии вилояти Хатлон ба номи Шамсиддин Шоҳин расман мавриди истифода қарор дода шуд. Китобхона аз толорҳои нигаҳдории китоб, толори китобхонӣ бо 250 ҷой ва бахши китобхонаи электронӣ иборат буда, дорои беш аз 100 ҳазор нусха адабиёти илмӣ, бадеӣ, соҳавӣ ва бачагона мебошад. Дар шуъбаи автоматикунонӣ ва технологияи компютерӣ 10 адад компютер таҷҳизонида шудааст ва китобхона аз моҳи сентябри соли 2013 ба шабакаи Интернет пайваст мебошад[2].

Дар даврони истиқлол аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ, бахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати бунёди китобхонаҳои нави замонавӣ ва таъмин намудани фонди онҳо бо адабиёти навтарин тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Аз ҷумла, Президенти мамлакат аз ҳисоби фонди захиравии хеш баҳри мукаммалгардонии фонди Китобхонаи миллӣ бо китобу рӯзномаҳои тозанашри ватанию хориҷӣ, истифодаи хонандагони он аз пойгоҳҳои иттилоотии хориҷӣ 543586 сомонӣ ҷудо намуданд.[3] Ба ин маблағ Китобхонаи миллӣ 9615 нусха китоб ба забонҳои русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, немисӣ, арабӣ харидорӣ намуд ва ба матбуоти даврии

---

[1] Саидова Г. Раванди ҷаҳонишавӣ дар фаъолияти Китобхонаи марказии ш. Турсунзода // Ташкили маъхазҳои электронӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ / Г. Саидова. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 85-87.

[2] Юсупова Т. Китобхонаҳо дар замони ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ // Ташкили маъхазҳои электронӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ / Т. Юсупова. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 32-33.

[3] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2011 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2012. – Душанбе: Матбуот, 2012. – С.8.

ҷумҳуриявию хориҷӣ, аз қабили манобеи электронии маркази иттилоотии «Euromonitor international» барои соли 2011 обуна шуд.[1] Илова бар ин, тибқи нишондоди «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» дар давоми солҳои 2006-2011 барои бо адабиёти тозанашр таъмин намудани фонди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ бо маблағи 304165,36 сомонӣ 12989 нусха адабиёт доир ба соҳаҳои мухталифи дониш, аз ҷумла 54 нусха дастхатҳои нодир ва ғайра харидорӣ карда шудаанд. Ҳамзамон, дар доираи татбиқи нишондодҳои Барномаи мазкур 89297 сомонӣ барои обуна ба 464 номгӯйи рӯзномаву маҷаллаҳои ватанӣ ва 87 номгӯйи матбуоти хориҷӣ, инчунин пардохти хизмати почта ҷиҳати интиқоли китобҳо баҳри таъмини ҷараёни мубодилаи байналмилалии китоб масраф гардидааст.[2] Тибқи супориши Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади мукаммалгардонии фонди Китобхонаи миллӣ аз шаҳрвандон, созмону ташкилотҳо, вазорату идораҳо, шаҳру ноҳияҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, сафоратҳои кишварҳои хориҷии муқими пойтахт 2589649 нусха адабиёти гуногунмазмун ворид гардиданд.[3] Ҳамзамон тибқи қарордод аз Китобхонаи ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд 308 нусха дастхат ва китоби чопи сангӣ ба Китобхонаи миллӣ тақдим карда шуданд.[4]

Бо Фармони Президенти мамлакат аз 27 июли соли 2011, № 1093 Китобхонаи миллии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки муассиси он Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба ҳайси фармоишгари бинои нави Китобхонаи миллӣ Дирексияи сохтмони иншоотҳои ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии

---

[1] Рӯйхати китобҳои харидоришуда аз ҳисоби фонди захиравии Президенти ҶТ: ҳисоботи шуъбаи такмили адабиёт дар соли 2011 // БҶ КМТ. – 2012. – С.9.

[2] Ҳисоботи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» ва «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» // БҶ ВФ ҶТ. – 2011. – С.10.

[3] Маълумот дар бораи Китобхонаи миллии Тоҷикистон // БҶ КМТ. – 2012. – С.1.

[4] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2011 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2012. – Душанбе: Матбуот, 2012. – С.9.

Тоҷикистон фаъолият намуд. Пудратчии асосии сохтмони бино Ширкати сеюми сохтмону васлкунии «СУАР»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой буд.

Маросими ифтитоҳи бинои нави Китобхонаи миллӣ дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз, 20 марти соли 2012 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Чунонки дар суханронии Пешвои миллат ба муносибати ифтитоҳи ин бинои муҳташам ишора шуд: **«Китобхонаи нав ҳамчун маркази бузурги илму фарҳанг дар ҷамъовариву нигаҳдорӣ ва тарғиби маҷмӯи аснод бо истифода аз имкониятҳои электронӣ, савтӣ ва дастёбӣ ба захираҳои шабакаи ҷаҳонии интернет тамоми шароити мусоидро фароҳам меорад»**[1]. Бинои нави Китобхонаи миллӣ 167 метр дарозӣ ва 52 метр баландӣ дошта, аз чор қисм: қисми «а» - аз 9 ошёна бо таҳхона; қисми «б» ва «в» аз 6 ошёна бо таҳхона; қисми «г» аз 4 ошёна иборат аст. Масоҳати умумии китобхона 44 ҳазору 78 метри мураббаъ мебошад. Китобхона дорои 25 толори хониш барои 1500 ҷойи нишаст, 28 махфузгоҳ барои нигоҳдории 10 млн. китоб ва дигар навъҳои асноди иттилоотӣ, 9 маҷлисгоҳ ва толори баргузории конфронсу симпозиумҳо барои 1200 ҷойи нишаст, 2 толори намоишгоҳи китобҳо, 1 толори театрӣ барои 100 ҷойи нишаст, 40 бахшу шуъба ва марказҳо мебошад ва 518 воҳиди корӣ дорад.[2]

Дар фаъолияти Китобхонаи миллии Тоҷикистон тавассути барномаи «Aleph» (Алеф) низоми нави худкори раванди китобдорӣ-иттилоотӣ роҳандозӣ гардида, барои кормандони Китобхона 312 ҷойгоҳи худкори корӣ (ҶХК) ва барои хонандагон 275 ҶХК муҳайё карда шудаанд. Барномаҳои нави тахассусии: «Бақайдгирӣ» (Registry) – барои ба узвияти китобхона пазируфтани хонандагони нав; «Библиограф» (Bibliograf) – барои иҷрои амалиёти таҳияи картотекаи

---

[1] Раҳмон Э. Кохе барои бузургдошти китоб: суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ ва мулоқот бо зиёиёни кишвар, 20 марти соли 2012 / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2012. – 27 март. – №38 (22019).

[2] Комилзода Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз: дастури таълимӣ барои мактабҳои олӣ / Ш. Комилзода. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 85.

электронии матбуоти даврӣ; «Равоқпояи мусиқӣ» (Music portal) – барои фехристнигории тамоми навъҳои маводи мусаббат; «Ганҷи миллат» – барои ҷамъоварӣ ва дар шакли электронӣ батанзимдарории махзани манбаъҳои маълумотӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти нобиғаҳои миллати тоҷик, шахсиятҳои маъруфи илму адаб, сиёсатмадорону ихтирокорон ва натиҷаи умдатарин дастовардҳои илмию эҷодии онҳо таҳия шудаанд.[1]

Бори нахуст фонди Китобхона тавассути рамзбандии вижайӣ (штрихкод) рақамгузорӣ карда шуд. Барои бунёди фонди электронии китобхона беш аз 1000 матни электронии китобҳо ва маҷаллаҳои солҳои 20-30-и асри XX ба забони тоҷикӣ интишорёфта, аз қабили маҷаллаҳои «Оина» (солҳои 1913-1915), «Роҳбари дониш» (солҳои 1927-1932), «Шӯълаи инқилоб» (солҳои 1919-1921), «Инқилоби маданӣ» (солҳои 1930-1937) ва «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (солҳои 1932-1941) тасвирбардорӣ (сканер) шуданд. Нусхаҳои электронии аввалин рӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» аз китобхонаҳои Ҷумҳурии Нидерландия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дастрас ва дар шакли PDF ба хонандагон пешкаш карда шуд.[2] Ҳамзамон матни электронии рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Минбари халқ», «Халқ овози», «Қонун ва ҷомеа» ва маҷаллаҳои «Бонувон», «Русский язык в школах Таджикистана» солҳои 2006-2012 дастрас карда шуда, барои истифода пешниҳод шуданд.

Фонди электронӣ ва китобҳои савтии мероси мусиқии халқи тоҷик бунёд ёфт ва дар он 50 асарҳои композиторон ва мусиқашиносони Тоҷикистон ва беш аз 1000 гуфторҳои савтии осори классикон ва адибони муосир, суруду оҳангҳои классикӣ ва халқӣ ҷамъоварӣ шуда, ба хонандагони китобхона пешниҳод шуд.[3]

Бо мақсади ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ, феҳристнигорӣ, ҳифз, коркарди илмӣ ва нигоҳдории маҷмӯаи пурраи ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ва адабиёти марбут ба корномаҳои Президенти Ҷумҳурии

---

[1] Ҳисоботи семоҳаи сеюми Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2012 // БҶ КМТ. – 2012. – С.7.

[2] Гузориш оид ба фаъолияти КМТ дар соли 2012 // БҶ КМТ. – 2012. – С.2.

[3] Комилзода Ш. Китобхонаи миллии Точикистон: дирӯз ва имрӯз: дастури таълимӣ барои мактабҳои олӣ / Ш. Комилзода. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 90.

Тоҷикистон, фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори Китобхона Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Бино ба ҳадаф Медиатека фонди алоҳидаи ҳуҷҷатҳои расмии давлатии дар навъҳои гуногуни воситаҳои сабти иттилоот интишорёфтаро созмон дода, дар таҳияю интишори китобномаҳои чопӣ ва электронӣ саҳм мегирад ва ҳамзамон бо мақсади дақиқ омӯхтани таърихи муосири Тоҷикистон ва таҳқиқи вазъи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию фарҳангии мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ манобеи чопӣ ва электронии дар ихтиёри худ доштаро барои истифодаи олимону муҳаққиқон вогузор менамояд.[1]

Фонди шуъбаи хизматрасонии махсус бунёд ёфт, ки дорои 2505 нусха китобҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ буда, бештари онҳо китобҳои бадеӣ мебошанд. Барои истифодаи хонандагони имкониятaшон маҳдуд китобҳои бадеӣ бо алифбои Брайлер (582 нусха), ҳомилҳои электронӣ ва китобҳои савтӣ дастрас карда шуд. Узвият ба шуъба ройгон буда, сафи хонандагони он аз ҳисоби хонандагони литсей-интернатҳои касбии махсуси маъюбони шаҳр, мактаб-интернати нобиноёни ноҳияи Ҳисор, ҷамъияти маъюбони шаҳр, бошандагони маркази минтақавии хизматрасонӣ ба маъюбон ва нафақахӯрони хонашин 310 нафарро ташкил медиҳад. Хизматрасонӣ ба хонандагон тавассути воситаҳои аудиоӣ ва видеодискҳо, сабтҳои гӯё, шабакаи байналмилалии Интернет ва расонидани китобҳои дархостшуда ба манзили истиқоматии маъюбон ва пиронсолон роҳандозӣ шудааст. Дар шуъба аз 6 адад компютер 3-тои он ба шабакаи Интернет пайваст буда, бо барномаи «Ҷовс» барои нобиноён таъмин мебошад.[2]

Барои фароҳамоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, тарғибу ташвиқи мунтазами санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва сари вақт қонеъ намудани эҳтиёҷоти онҳо ба иттилооти ҳуқуқӣ дар махзани Маркази иттилооти ҳуқуқии Китобхонаи

---

[1] Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/node/341(санаи истифодабарӣ: 29.04.2016).

[2] Шуъбаи хизматрасонии махсус [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/node/272 (санаи истифодабарӣ: 29.04.2016)

миллӣ беш аз 55 ҳазор маводи чопӣ ва электронӣ доир ба соҳаи ҳуқуқ ҷамъоварӣ карда шуд, ки бо истифода аз ин манобеъ хонандагон метавонад ба матни электронии санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии бисёрҷониба ва дуҷониба, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор ёфтаанд, шинос шаванд ва онҳоро мавриди истифода қарор диҳанд.[1]

Дар назди Шуъбаи нигоҳдории рисолаҳои илмӣ толори хониши маҷозӣ (виртуалӣ) барои кормандони илм созмон ёфт ва дастрасии онҳо ба беш аз 500 ҳазор матни электронии рисолаҳои номзадӣ ва доктории фонди электронии диссертатсияҳои Китобхонаи давлатии Россия таъмин карда шуд.[2]

Моҳи октябри соли 2013 дар маркази ноҳияи Фархор китобхонаи нав бо харҷи 1 миллиону 450 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ бунёд ёфт, ки дорои 122 ҳазор нусха фонди китобӣ, 15 ҳуҷраи корӣ, толори калони электронӣ бо 30 адад компютери ба интернет пайваст ва дигар нуқтаҳои хизматрасонӣ мебошад.[3]

Соли 2014 бо ташаббус ва роҳбаладии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар деҳаи Садбаргҳои ноҳияи Ховалинг, деҳаи Максим Горкии ноҳияи Кушониён, ҷамоати деҳоти Калинини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, ҷамоати шаҳраки Дӯстии ноҳияи Ҷайҳун, шаҳри Норак ва шаҳраки Баҳори ноҳияи Носири Хусрав китобхонаҳои нав таъсис дода шуданд.[4]

22 сентябри соли 2015 дар шаҳраки Ҳисор Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Китобхонаи марказии ноҳияро расман мавриди истифода қарор доданд. Сохтмони китобхона моҳи феврали соли 2014-ум бо тарҳ ва усули хоси меъморию шаҳрсозӣ шурӯъ гардида, бо харҷи 6 миллион сомонӣ бо

---

[1] Маълумот дар бораи Китобхонаи миллии Тоҷикистон // БҶ КМТ. – 2012. – С.3.

[2] Шуъбаи нигоҳдории рисолаҳои илмӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/node/182 (санаи истифодабарӣ: 29.04.2016)

[3] Шарифниё Ш. Ҳ. Соҳаи китобдорӣ ва рушди он дар даврони истиқлолият // Китобхона дар оинаи матбуот / Ш. Ҳ. Шарифниё. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2017. – С. 53.

[4] Китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон: маълумоти мухтасар. – Қӯрғонтеппа, 2017. – 112 с.

фармоиши Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Монолит 2011» бунёд гардид. Китобхонаи марказӣ дорои 40 толори хизматрасониву китобнигоҳдорӣ ва хуҷраи корӣ буда, дар онҳо 38 компютер васлу насб шудаанд. Китобхона аз шуъбаҳои маълумотдиҳӣ-библиографӣ, илмӣ-методӣ, хизматрасонӣ, феҳристнигорӣ, китобхонаи электронӣ, бахши бақайдгирӣ, толори адибони водии Ҳисор ва ду толори барҳавои хониш иборат мебошад.[1] Бо ибтикори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини фонди китобхонаи навбунёд аз ҳисоби адабиёти тозанашри вазорату кумитаҳо ва ташкилоту муассисаҳои нашриявии давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо теъдоди ду нусхагӣ 31130 китоб ва 1481 маҷалла ба китобхона ворид гардид. Илова бар ин, аз ҷониби Маркази илм ва фарҳанги Россия дар Тоҷикистон 100 нусха китоб аз силсилаи «Китобхонаи классикҳои рус дар 10 аср дар 100 ҷилд» ба ин китобхона тақдим карда шуд.[2]

Солҳои 2015 – 2016 бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик дар якҷоягӣ бо Ҷамоати деҳоти ба номи С. Раҳимов дар деҳаҳои Рӯҳафзо ва Булакдашт, дар ҷамоати деҳоти Танобчӣ дар деҳаи Ситораи Тобон ва дар деҳаи Ҳалқаёри ҷамоати деҳоти ба номи Бобоюнус китобхонаҳои нав сохта ба истифода дода шуданд.[3]

Дар давоми панҷ соли охир аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт дар ҳамкорӣ бо аҳолӣ дар 13 деҳа ба маблағи 1 миллиону 837134 сомонӣ китобхонаҳо бунёд карда, бо таҷҳизоти зарурӣ ҷиҳозонида шуданд.[4]

---

[1] Ифтитоҳи Осорхона, Китобхона ва Кохи фарҳанг дар ноҳияи Ҳисор [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://khovar.tj/2015/09/iftito-i-osorhona-kitobhona-va-kohi-far-ang-dar-no-iyai-isor/ (санаи истифодабарӣ: 30.04.2016)

[2] Гузориш оид ба рафти иҷрои нишондодҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 "Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015" // БҶ ВФ ҶТ: маводҳои ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги ҶТ барои соли 2015. – С.2-3.

[3] Аслзода Э. Аз "Агар" то "Аммо". Дар бораи китобхонаҳои аз мадди назари масъулон дур / Э. Аслзода // Ҷумҳурият. – 2017. – 24 октябр. – №220 (23301).

[4] Мирзо Д. Барои равнақи муассисаҳои фарҳангӣ тадбирҳои муассир бояд андешид / Д. Мирзо // Садои мардум. – 2018. – 18 октябр. – №126 (3920).

Мутобиқи иттилоъи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Орумбекзода танҳо дар давоми 5 соли охир дар ҷумҳурӣ 13 китобхонаи оммавӣ бунёд ёфт ва аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун бинои 305 китобхона таъмир гардид.[1]

Ҳамзамон соли 2016 дар деҳаи Боғефи ноҳияи Шуғнон, деҳаи Отчапари ноҳияи Панҷ, деҳаи Навбаҳори ноҳияи Муъминобод, деҳаи Чашмаибедаки ноҳияи Ховалинг, деҳаҳои Ҳосилот, Зарафшон ва шаҳраки Бӯстонқалъаи ноҳияи Кушониён ва ду китобхона дар ҷамоати деҳоти Яккатути ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ сохта ба истифода дода шуданд. (оид ба теъдоди фонди китобхонаҳои мазкур ва гурӯҳбандии онҳо тибқи забони нашр муфассалтар ниг. ба ҷадвалҳои №№2 ва 3).

Дар даврони истиқлол, бо ташаббуси **шахсони алоҳида,** соҳибкорони маҳаллӣ ва аҳолии шаҳраку деҳот бо усули ҳашар низ китобхонаҳои нав бунёд ёфта, бинои китобхонаҳои куҳна таъмир шуданд. Масалан, яке аз шахсиятҳои шинохтаи ҷумҳурӣ, шодравон профессор Карим Абдулов аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи қалами худ филиали китобхонаи хоҷагии «Зарафшон»-и ноҳияи Мастчоҳро таъмир карда, бо мизу курсиҳои нав ва 1 компютеру 1 принтер таъмин намуд.[2] Ҳамзамон, дар ҷамоати деҳоти ба номи Сафар Амиршоеви ноҳияи Балҷувон бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкори маҳаллӣ Шухрат Тешаев китобхонаи нав бунёд гардид, ки он дорои 6 ҳазор адабиёти гуногуни илмӣ, бадеию соҳавӣ мебошад. Инчунин бо мусоидати сокинони маҳаллӣ дар деҳаи Бахманрӯди ҷамоати деҳоти Танобчии ноҳияи Темурмалик китобхонаи замонавӣ сохта шуда, мавриди истифодаи хонандагон қарор гирифт.[3] Дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бошад бо иқдоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва кӯмаки шахсони саховатпешаи ноҳия Сухроб Чиллаев ва Ёқуб Муҳаммадиев ду китобхонаи наву замонавӣ сохта

---

[1] Орумбекзода Ш. Фарҳанг ҷавҳари ҳастии миллат аст / Ш. Орумбекзода // Ҷумҳурият. – 2016. – 12 август. – 162 (22984).

[2] Қурбонов Д. Китобхона – маркази илму дониш // Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ / Д. Қурбонов. – Душанбе: Бебок, 2015. – С.71-76.

[3] Бунёди ду китобхонаи нав дар деҳот // Хатлон. – 2016. – 7 апрел. – №13(3050).

ба истифода дода шуд.[1] Дар арафаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сокини деҳаи Шулеи ноҳияи Рашт Қиёмуддин Неъмонов аз ҳисоби маблағҳои шахсиаш як китобхонаи замонавӣ сохт, ки аз он муштариёни панҷ деҳаи ҷамоати деҳоти ба номи Боқӣ Раҳимзода истифода мебаранд.[2]

Дар зарфи 25 соли истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ теъдоди зиёди **муассисаҳои нави таълимӣ** сохта ба истифода дода шуданд, ки ҳамаи онҳо дорои китобхонаҳои наву бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз мебошанд. Масалан, дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 685 адад афзуд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ 151 муассисаи типи нав, аз ҷумла 83 гимназия (61 гимназияи давлатӣ, 22 гимназияи ғайридавлатӣ), 68 литсей (60 литсейи давлатӣ, 8 литсейи ғайридавлатӣ) фаъолият мекунад. Ҳамчунин, дар ин давра 9 адад мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд. Дар даврони истиқлолият шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ афзуда, аз 13 адад ба 38 адад расид.[3] Мутобиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон агар солҳои таҳсили 1991/1992 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3229 муассисаи таълими умумӣ фаъолият дошта бошанд, пас солҳои таҳсили 2016/2017 теъдоди ин муассисаҳо ба 3874 адад мерасанд,[4] яъне дар тӯли 25 соли соҳибистиқлолии кишвар 645 муассисаи нави таълимӣ, ки дорои китобхонаҳои замонавӣ мебошанд, сохта ба истифода дода шудааст. Масалан, чунин мактаби наву замонавӣ дар деҳаи Кушки ноҳияи Шуғнон, ки дорои китобхона бо 5 ҳазор нусха китоби таълимиву бадеӣ ва китобхонаи муосири электронӣ бо 22 компютер, ки ба шабакаи доимии интернет пайваст мебошад, бо иштироки

---

[1] Бунёди китобхонаҳои замонавӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ // Баҳори Аҷам. – 2016. – 21 июн. – №19-20 (387).

[2] Зайниддин Х. Китоб ҳамнишини ман ва мо / Х. Зайниддин // Ҷумҳурият. – 2016. – 28 ноябр. – №234 (23056).

[3] Саид Н. Маориф ва илми Тоҷикистон дар давраи истиқлолият / Н. Саид // Маорифи Тоҷикистон. – 2016. – №9. – С. 17-18.

[4] Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмӯа / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 7.

Пешвои миллат ба истифода дода шуд.[1] Инчунин бо иштироки Пешвои миллат дар ҷамоати Қаҳрамони ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 12 барои 624 хонанда дар як баст ифтитоҳ шуд. Барои беҳтар кардани сифати таълиму тарбия дар мактаби нав 23 синфхона, китобхона, синфи компютерӣ, лабаратория, толори маҷлис бо 260 ҷойи нишаст, толори варзиш ва ошхона бо 200 ҷой муҳайё гардидааст.[2] Дар деҳаи Даҳанаи ноҳияи Ёвон дар доираи иҷрои дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Баҳриддин Ҷурахонов муассисаи замонавии таҳсилоти миёнаи умумии рақами 16 бунёд гардид, ки дорои 640 ҷойи нишаст дар як баст буда, аз 27 синфхонаи таълимӣ, 7 утоқи корӣ барои омӯзгорон, китобхона, толори варзишӣ, маҷлисгоҳ бо 240 ҷойи нишаст ва ошхона иборат мебошад.[3]

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари роҳандозии низоми иҷораи китобҳои дарсӣ ба масъалаи таъминоти китобхонаҳои мактабӣ бо китобҳои бадеӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд. Бино ба маълумоти директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ К. Исоев «соли 2012 8 номгӯи китобҳои бадеӣ ба миқдори 1851 нусха, соли 2013 7 номгӯйи китобҳои бадеӣ ба миқдори 6 500 нусха, соли 2014 37 номгӯйи китобҳои бадеӣ ба миқдори 199 865 нусха, соли 2015 13 номгӯйи китобҳои бадеӣ ба миқдори 420 000 нусха нашр ва дастраси хонандагони муассисаҳои таълимӣ гардонида шудааст».[4]

Бахри қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо китобу нашрияҳои даврӣ, дар радифи китобхонаҳои оммавии давлатӣ, нақш ва мақоми

---

[1] Азиз Ҳ. Ифтитоҳи мактаби наву замонавӣ дар Шуғнон / Ҳ. Азиз // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2016. – 26 июн. – №25 (9451).

[2] Сафари корӣ Пешвои миллат ба Ҳамадонӣ // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2016. – 27 июл. – №29 (9455).

[3] Ба истифода додани мактаб, боғча, корхонаи истеҳсоли гаҷкардон дар Ёвон, 22 апрели соли 2016 // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2016. – 28 апрел. – №17 (9443).

[4] Исоев К. Китоб, китобдор ва китобдорӣ / К. Исоев // Омӯзгор. – 2016. – 18 март. – №12-13 (12029).

**китобхонаҳои шахсӣ** низ бузург аст. Китобхонаҳои шахсӣ дар таъмини эҳтиёҷи ба китобдоштаи аҳолии кишвар то андозае мусоидат менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо зиёиёни кишвар ва ифтитоҳи Китобхонаи миллии Тоҷикистон нақшу мақоми китобро ҳамчун сарчашмаи донишу маърифат бисёр муҳим арзёбӣ намуда, таъкид карданд, ки **«китоб дар рушди маънавиёту маърифати инсонӣ нақши асосӣ мебозад. Аз ин рӯ, дар ҳар як хонадон бояд китобхонаи шахсӣ вуҷуд дошта бошад, то ки наслҳои имрӯзу оянда, махсусан наврасону ҷавонон ба китоб унс гиранд ва қадр кардани онро ҳамчун манбаи донишу маърифат омӯзанд. Дар ин кор падару модарон бояд намунаи ибрат бошанд ва шавқи китобхониро дар дилу шуури фарзандон бедор кунанд».**[1]

Дар даврони шӯравӣ дар қаламрави Тоҷикистон шабакаи васеи китобхонаҳои шахсӣ амал намуда, дар оммавигардонии хониш ва ҷалби аҳолӣ ба китобхонӣ хизмати шоиста кардаанд. Масалан, «соли 1989 дар ҷумҳурӣ 552 китобхонаи шахсӣ ва 2 ҳазор тарғиботчиёни китоб мавҷуд буданд, ки ганҷинаи худро барои баҳрабардорӣ ба доираи васеи алоқамандони китоб манзур намудаанд. Дар таъсису тавсеаи китобхонаҳои шахсӣ аҳли илму адаб саҳми бузург доранд. Адабиётшиноси маъруф Соҳиб Табаров аз соли 1939 китобҳо ҷамъ мекард ва бо гузашти солҳо дар ноҳияи Муъминобод китобхонаи шахсии ӯ кушода шуд. Солҳо инҷониб дар ноҳияи Нуробод китобхонаи Гулрухсор Сафӣ, дар шаҳри Хуҷанд китобхонаи хеле калони шахсии муаррихи шинохта Усмонҷон Ғаффоров «Махзан-ун-Усмон», китобхонаи шахсии шоир Абдуфаттоҳ Кулолӣ, дар шаҳри Истаравшан китобхонаи Акбар Бобохӯҷаев - «Кошонаи Саъдӣ», осорхона-китобхонаи Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, китобхонаи Тоҷиннисо Абдуҷалилова «Кошонаи Дилшоди Барно» дар хизмати мардуманд. Дар ин

---

[1] Раҳмон Э. Китобхонаи миллӣ – маркази бузурги илму фарҳанг: суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими таҷлили сеюмин ҷашни ҷаҳонии Наврӯз ва ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ, 20 марти соли 2012 / Э. Раҳмон // Китобдор. – 2013. – №1-3 (10). – С.7.

хазинаҳои илму маърифат аз ҳазор то сӣ ҳазор китобҳо маҳфузанд»[1]. Аз ҷумла, китобхонаи «Кошонаи Саъдӣ» бо ташаббуси шахси китобдӯст, дорусози собиқадор, гиёҳшинос Акбар Бобохоҷаев (03.08.1936 – 23.02.2017) соли 1976 дар шаҳри Истаравшан таъсис ёфт. Китобхона дар қабати дуюми хонаи истиқоматии китобдор ҷой гирифта, дорои 10 ҳазор нусха китобҳои гуногунсоҳа мебошад. Китобҳо дар рафҳои китобхона тибқи соҳаҳои дониш ба адабиёти илмӣ, сиёсӣ, таърихӣ, тиббӣ, бадеӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Ҳамзамон дар фонди китобхона осори аз ҷониби шоирону нависандагон бо соядаст тақдимшуда низ ҳифзу нигоҳдорӣ мешаванд. Роҷеъ ба фаъолияти китобхонаи мазкур садҳо хабару мақолаҳо дар матбуоти даврии ватаниву хориҷӣ дарҷ гардидааст, ки аз хизмати хуби ин китобхона маълумот медиҳанд. Аз соли 2017 инҷониб масъулияти пешбурди фаъолияти китобхонаи «Кошонаи Саъдӣ» бар души фарзанди муассис Анвар Бобохоҷаев вогузор шудааст.[2]

Дар даврони истиқлол бештари китобхонаҳои шахсӣ рисолати азалии хешро содиқона иҷро намуда, иштирокчии фаъоли озмунҳои ҷумҳуриявӣ гаштанд. Масалан, дар ноҳияи Дарвоз 18 августи соли 2008 «Китобхонаи оммавии Амирҷоновҳо» бо теъдоди 2796 нусха китоб ба фаъолият шурӯъ кард. Дар захираи ин китобхона нашри «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ, «Куллиёт»-и Саъдиву девони Ҳофиз, маҷаллаҳои «Шарқи сурх», «Садои шарқ», «Фарҳанг», «Илм ва ҳаёт», «Занони Тоҷикистон» ва дигар осор бо забонҳои тоҷикию русӣ, англисию олмонӣ, арабию эстонӣ ва туркӣ маҳфузанд. Айни ҳол теъдоди захираи китобхона ба 5146 нусха расидааст. Дар афзоиши шумораи китобҳои китобхона зодагону сокинони деҳаҳои Ёгеду Шкев ва Ширговад, ашхоси барӯманди ҷумҳурӣ Худой Шарифзода, Акбаршоҳи Искандар, шоирони халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат, Аскар Ҳаким, шоира Латофати Кенҷа, олимони варзидаи ҷумҳурӣ Нодири

[1] Усмонова Г. Сарвати маънавӣ. Нигоҳе ба вазъи китобхонаҳои шахсӣ / Г. Усмонова // Баҳори Аҷам. – 2015. – 28 апрел. – №14-15 (342).

[2] Юнусова М. Аз таърихи як китобхонаи шахсӣ дар Истаравшан [Матн] / М. Юнусова // [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://asiri.tj/index.php/-news/211-ketabkhanai-shakhsi (санаи истифодабарӣ: 24.03.2017)

Одил, Хуршеди Зиё, Шералии Кабир, Юсуфи Нуралӣ ва бисёр дигарон саҳми арзанда гузоштанд. Танҳо дар соли 2014 бештар аз 500 китоб ба китобхона ворид шудааст. Умуман, бидуни истифодаи бешумори луғатҳои мухталифу воситаҳои ахбори омма, ки дар бастаҳо гирд оварда шудаанд, муштариёни китобхона наздики 3000 китобро барои истифода гирифтаанд. Дар китобхона ҳамчунин, беш аз бист дастхати нодири бо ҳуруфоти арабӣ навишташуда маҳфузанд. Аз соли 2008 то соли 2015 дар васоити ахбори омма бахшида ба фаъолияти китобхона қариб 30 мақола чоп ва намоишҳои зиёди телевизионӣ ва радиоӣ омодаю пахш гардидаанд. Дар китобхона пайваста конференсияҳои хонандагон ва маҳфилҳои илмиву адабӣ баргузор мегарданд.[1] Соли 2014 «Китобхонаи оммавии Амирҷоновҳо» дар номинатсияи «Китобхонаи шахсии сол»-и озмуни ҷумҳуриявии «Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол», ки аз ҷониби Китобхонаи давлатии патентию техникӣ баргузор гардид, иштирок намуда соҳиби «Дипломи дараҷаи 2» шуд.

Дар ноҳияи Восеъ 3 китобхонаи шахсӣ низ бо теъдоди 8 ҳазор нусха китоб дар хидмати мардум қарор доранд. Хусусан, китобхонаи шахсии Тилло Самад, ки соли 2013 бунёд шуда беш аз 5,2 ҳазор нусха китоб дошта, ба мардуми деҳаи Кадучии ҷамоати деҳоти ба номи М. Вайсов хизмати шоиста мерасонад. Китобхона дорои 2 компютер буда бо шабакаи Интернет пайваст аст.[2]

Дар ноҳияи Фархор бо ташаббуси омӯзгорон дар назди муассисаҳои таълимӣ китобхонаҳои шахсӣ ташкил шудаанд. Масалан, китобхонаи шахсии омӯзгор Абдулҳамид Маҷидзода дар мактаби № 10 бо теъдоди 8 ҳазор нусха ва «Адабхона»-и Маҳмуд Мирзоев, омӯзгори мактаби № 5-и

---

[1] Амирҷонов А. Китоб – гарави умри абадият / А. Амирҷонов // Омӯзгор. – 2015. – 5 ноябр. – №45 (12009).

[2] Исматова Г. Нақши китобхонаҳо дар ташаккули маънавии аҳли ҷомеа // Ташкили маъхазҳои электронӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ / Г. Исматова. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 56-58.

ноҳияи мазкур, бо теъдоди 4500 нусха адабиёт дар хизмати мактабиён қарор доранд.[1]

Чунин иқдоми наҷиб дар фаъолияти Китобхонаи миллии Тоҷикистон баъд аз ба истифода дода шудани бинои нави он роҳандозӣ шуд. Ҳоло дар назди Шуъбаи нигоҳдории рисолаҳои илмии Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҳашт китобхонаи шахсии академикҳо Муҳаммадҷон Шакурӣ (8000 нусха), Ахрор Мухторов (2846 нусха), Фозил Тоҳиров (1842 нусха), Михаил Боголюбов (1553 нусха), Раҷаб Амонов (856 нусха), Талбак Назаров (575 нусха) ва профессорон Раҳим Мусулмониён (3694 нусха) ва Бобомурод Исматов (901 нусха) ташкил карда шудааст.[2] Аз ҷумла, рӯзи 12 июни соли 2014 бо иштироки аҳли илму адаб маросими тақдими китобҳо ва ифтитоҳи китобхонаи шахсии академик Муҳаммадҷон Шакурӣ баргузор гардид. Дар фонди китобхонаи мазкур бештар адабиёти илмӣ ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва русӣ маҳфузанд. Дар маросими ифтитоҳи китобхонаи шахсӣ ҳамсари академик Муҳаммадҷон Шакурӣ Дилафрӯз Икромӣ иштирок дошт ва дар суханрониаш таъкид кард, ки «Муаллим то охири умр бо китоб буданд. Аввалин ва охирин васияташон ин буд, ки китоб дастраси хонандаҳо шавад. Ман ҳам кӯшиш кардам, то ин васиятро иҷро кунам. Акнун умед дорем, китобҳо давоми умри устод бошанд ва барои хонандаи ҷавон хизмат кунанд».[3]

Таъсиси китобхонаҳои шахсии донишмандони маъруфи тоҷик дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои дастрасии бештари хонандагон ба адабиёти илмӣ мусоидат намуд ва ҳамарӯза аз махзани ин китобхонаҳои шахсӣ теъдоди зиёди унвонҷӯёну кормандони илм истифода мекунанд.

10 майи соли 2017 дар ҷамоати ба номи Ҳ. Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд китобхонаи хусусии набераи яке аз олимони исломшиноси асри XIX-XX Шайх Муҳаммадсултон Маъсумии Хуҷандӣ,

---

[1] Чиллаев Қ. «Хатлон: китобхонаҳои маҳаллӣ ҳоли табоҳ доранд»: посухи раисони шаҳри Сарбанд ва ноҳияи Фархор / Қ. Чиллаев, Қ. Каримов // Ҷумҳурият. – 2013. – 12 феврал. – №20 (22157).

[2] Усмонова Г. Сарвати маънавӣ. Нигоҳе ба вазъи китобхонаҳои шахсӣ / Г. Усмонова // Баҳори Аҷам. – 2015. – 28 апрел. – №14-15 (342).

[3] 10000 китоби Шакурӣ ҷойи худро иваз кард // Тоҷикистон. – 2014. – 19 июн. – №25 (1067).

профессор Назаров Абдушукур Абдураҳимович ба фаъолият шурӯъ кард ва китобхона ба номи бобову набера гузошта шудааст. Дар ифтитоҳи китобхона раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Зариф Назирӣ ва муовини раиси вилояти Суғд Назира Ғаффорӣ иштирок ва суханронӣ карданд. Китобхона бо мақсади ҷалби хонандагон ба китобхонӣ ва ҳамзамон ёрӣ расонидан ба ҷавонони болаёқат аз оилаҳои камбизоат, ки шароити иқтисодии давом додани хониш ва сайқал додани сармояи худро надоранд, тавассути ташкил кардани курсҳои ройгон, трейнингҳо ва баргузории чорабиниҳои омӯзишӣ бо ҷалби олимони варзида, арбобони давлатӣ, пешқадамони истеҳсолот, инчунин бо пешвоёни соҳаи тиҷорат, таъсис ёфтааст. Китобхона дорои 8 ҳазор нусха адабиёт доир ба соҳаҳои мухталифи илм, аз қабили иқтисодиёт, сиёсат, дин, фалсафа, техника, адаб бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва дигар забонҳо мебошад. Дар китобхона 3 толори хониш бо 60 ҷойи нишаст ба хизмати хонандагон пешниҳод шудааст. Дар ошёнаи дуюми китобхона барои баргузории нишасту маҳфилҳои илмӣ ва омӯзишӣ толори алоҳида амал мекунад, ки истифодаи он ройгон мебошад. Ҳамзамон дар китобхона барои нафароне, ки аз ноҳияҳои дурдаст ба омӯзиш меоянд ду ҳуҷраи хоб бо шароитҳояш пешниҳод шудааст.[1] Китобхона соҳиби сомонаи интернетӣ низ (www.libkan.tj) мебошад, ки тавассути он оид ба фаъолияти китобхона ва захираи он маълумотҳои ҷолиброро пайдо кардан имконпазир аст.

Китобхонаҳои шахсӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ фаъолият доранд ва тибқи ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз «Дар миқёси ҷумҳурӣ 96 китобхонаи шахсӣ амал мекунад. Фонди умумиашон 221782 нусха буда, аз ин шумора 151703 нусха ба забони тоҷикӣ, 52230 нусха ба забони русӣ ва 13699 нусха ба дигар забонҳо мебошад. Инчунин, 4150 нусха китобҳои электронӣ мавҷуданд».[2]

---

[1] Дар бораи китобхона [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://libkan.tj/tg/ (санаи истифодабарӣ: 24.11.2017)

[2] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар семоҳаи аввали соли 2019 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.vfarhang.tj/index.php/tj/khabar-o/2526-isoboti-vazorati-far-angi-um-urii-to-ikiston-oid-ba-fa-oliyat-dar-semo-ai-avvali-soli-2019 (санаи истифодабарӣ: 18.04.2019)

Агар ба саҳеҳии ин рақамҳо такя карда, шумораи китобхонаҳои шахсии дар соли 1989 (522 адад) фаъолиятнамударо ба инобат гирем, пас маълум мегардад, ки дар тӯли 30 сол теъдоди китобхонаҳои шахсӣ дар ҷумҳурӣ 426 адад ва ё 81, 6% кам шудааст. Илова бар ин, то имрӯз оид ба фаъолияти китобхонаҳои шахсии дар қаламрави ҷумҳурӣ фаъолиятдошта ягон таҳқиқоти муҳимму чашмрас доир нагардидааст. Яъне то кунун таҳқиқ нашудааст, ки дар ҷумҳурӣ китобхонаҳои шахсӣ ба кадом гурӯҳи хонандагон хизмат мерасонанд ва ё дар захираи ин китобхонаҳо бештар кадом навъи асару рисолаҳо маҳфузанд. Бисёр хуб мешуд, ки барои ба танзим даровардани фаъолияти китобхонаҳои шахсӣ дар ҷумҳурӣ ягон санади меъёриву ҳуқуқӣ, аз қабили низомномаи китобхонаҳои шахсӣ тартиб дода шавад ва бигзор ин китобхонаҳо зери роҳбарии китобхонаҳои марказӣ фаъолияти худро ба роҳ монанд ва пайваста аз ёрии илмиву методии онҳо бархӯрдор бошанд. Ва ё аз нав эҳё намудани фаъолияти Ҷамъияти дӯстдорони китоб, ки дар даврони шӯравӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти китобхонаҳои шахсӣ дар ҷумҳурӣ корҳои шоистаро ба анҷом расонидааст, мувофиқи мақсад мебошад. Дар ташкили китобхонаҳои нави шахсӣ ва таъмини онҳо бо бино ва замин дар радифи шахсони воқеию соҳибкорони муваффақ ҳамзамон бояд мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ тадбирҳои мушаххас андешанд ва бо дастгириву сарпарастии онҳо ҳарчи бештар китобхонаҳои нави шахсии дастраси умум бунёд гарданд.

Илова бар ин, чунонки таҳлилҳо нишон медиҳанд дар фаъолияти китобхонаҳои кишвар ҳанӯз ҳам **камбудиҳои ҷиддӣ** ба назар мерасанд. Масалан, натиҷаи таҳқиқи фаъолияти китобхонаҳои минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби ходимони илмии ПИТФИ ба сомон расид, начандон хуб арзёбӣ шудааст. Таҳқиқоти доиршуда нишон дод, ки «аксари китобхонаҳои деҳот ба ҳоли худ вогузошта шуда, аз ҷониби ҳукуматҳои маҳаллӣ дастгирие намебинанд ва як қисми ин китобхонаҳо таъмирталаб ва қисми дигар дар биноҳои мактаб, хонаи шаҳрвандон ва дигар ҷойҳо иҷоранишинанд. Дар ноҳияҳое, ки зиёда аз 100 деҳа доранд ҳамагӣ аз 25 то

35 китобхона амал менамояд, ки аз он 70% аҳолии деҳот бебаҳраанд. Китобхонаҳои амалкунада аз ҷиҳати таъмини мутахассис, китобҳои нав, таҷҳизот, дастрасӣ ба иттилоот ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нестанд».[1]

Чунин камбудиҳо дар мақолаи рӯзноманигор М. Сафар низ ишора шудаанд. Мувофиқи маълумоти ӯ соли 2013 «дар вилояти Суғд – 116, Хатлон – 145, ВМКБ – 49, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 109 китобхона таъмирталаб буда, мутаносибан 7, 21, 27, 33 китобхона дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Илова бар ин, дар вилояти Хатлон – 92 китобхона, Суғд – 59 китобхона, ВМКБ – 39 китобхона, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 117 китобхона бинои мустақил надошта, дар биноҳои истиқоматӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо ҷойгир шудаанд».[2] Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад соли 2018 аз шумораи умумии Китобхонаҳои давлатӣ-оммавӣ дар шуъба ва бахшҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 266 адад таъмирталаб, 53 адад садамавӣ буда, 104 китобхона дар хонаҳои шахсӣ, 229 адад дар бинои мактаб, 18 адад дар вагон, 55 адад дар бунгоҳи тиббӣ, 267 адад дар бинои ҷамоат ва 165 адад дар ташкилоту муассисаҳо ҷойгиранд.[3]

Чунонки таҳлили муқоисавии рақамҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, шумораи китобхонаҳои таъмирталаб 153 адад ва китобхонаҳои садамавӣ 35 адад нисбат ба панҷ соли қаблӣ кам шуда бошад, шумораи китобхонаҳои бинои мустақил надошта баръакс 531 адад зиёд шудааст. Яъне имрӯз дар ҷумҳурӣ 838 китобхона бинои мустақили худро надошта дар дигар иншоотҳо ҷойгиранд ва ин рақам дар иртибот ба теъдоди умумии китобхонаҳои оммавӣ-давлатӣ (1422) 58,9% ташкил медиҳад. Илова бар ин, то кунун на ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин дар деҳоти

---

[1] Бӯриев Қ. Китоб ва таъсири он дар ташаккули фарҳанги насли наврас / Қ. Бӯриев, М. Муродӣ // Паёмномаи фарҳанг. – 2015. – №1 (29). – С. 16-17.

[2] Сафар М. Рушди фаъолияти китобдорӣ / М. Сафар // Ҷумҳурият. – 2013. – 13 июл. – №94 (22231).

[3] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар семоҳаи аввали соли 2019 [Матн] [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.vfarhang.tj/index.php/tj/khabar-o/2526-isoboti-vazorati-far-angi-um-urii-to-ikiston-oid-ba-fa-oliyat-dar-semo-ai-avvali-soli-2019 (санаи истифодабарӣ: 18.04.2019)

ҷумҳурӣ бо китобхонаҳо таъмин карда шудаанд. Масалан, мутобиқи маълумоти китоби «Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[1] дар қаламрави ҷумҳурӣ 4223 деҳа ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин ҳисоб теъдоди аҳолии 2798 деҳа аз 500 нафар зиёд буда, аҳолии 1265 деҳа аз 50 то 500 нафарро ва аҳолии 160 деҳа то 50 нафарро ташкил медиҳад. Мавқеи ҷойгиршавӣ ва мансубияти маҳалҳои аҳолинишин дар деҳоти кишвар дар банди 5-и моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин шарҳ ёфтааст: «Ба категорияи деҳаҳо маҳалҳои аҳолинишине мансуб дониста мешаванд, ки ба дараҷаи муайяни ободонӣ ноил гардида, теъдоди аҳолии онҳо на камтар аз 50 нафарро ташкил медиҳад ва аз нисф зиёди аҳолии онҳо ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд. Дар ҳолатҳои истисноӣ ба категорияи деҳа маҳалҳои аҳолинишини дурдаст ва мушкилгузареро низ дохил кардан мумкин аст, ки теъдоди аҳолии онҳо аз 50 нафар камтар мебошад».[2]

Мутобиқи маълумоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат 84,3% ва ё 1199 китобхона-филиал[3] (аз ҳисоби 1422 китобхонаи системаи Вазорати фарҳанг) амал мекунанд, ки бештари онҳо дар деҳоти кишвар ҷойгиранд ва агар ин рақамро шартан ба теъдоди маҳалҳои аҳолинишини деҳот, ки шумораи аҳолиашон аз 500 нафар зиёд аст (2798 деҳа) тақсим намоем, пас маълум мегардад, ки то имрӯз 1599 деҳа ва ё 57,1% маҳалли аҳолинишин дар деҳоти ҷумҳурӣ китобхона надоранд. Агар ин ҷо мо аз теъдоди умумии китобхона-филиалҳо (1199 адад) китобхона-филиалҳое, ки дар ҳудуди 18 шаҳр ҷойгиранд тарҳ намоем, шояд шумораи маҳалҳои аҳолинишине, ки дар деҳот китобхона надоранд, зиёдтар шаванд.

---

[1] Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – С. 30.

[2] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз 19 марти соли 2013, №958 // Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – С. 11.

[3] Натиҷаҳои ҷамъбасти фаъолияти Вазорат дар соли 2018 ва самтҳои афзалиятноки пешбурди соҳаҳои фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2019. – Душанбе, 2019. – С.22.

Мувофиқи муқаррарот, дар деҳот барои 750 - 1000 истиқоматкунанда метавонад китобхонаи оммавӣ таъсис дода шавад, ба шарте ки дар масофаи 2-3 километр ягон китобхонаи дигар вуҷуд надошта бошад. Агар дар минтақаи хизматрасонии китобхонаи деҳот 500 ва ё зиёда кӯдак зиндагӣ намояд, пас дар он ҷо як бахши адабиёти кӯдакон кушодан мумкин аст.[1] Ва ё дар нуқтаҳои аҳолинишини деҳот якчанд китобхонаҳои оммавӣ метавонанд фаъолият намоянд, ба шарте ки хонандагони ҳар кадоми онҳо на камтар аз 300 нафарро ташкил диҳад ва масофаи байни китобхонаҳо беш аз 3 километр бошад.[2]

То имрӯз дар Тоҷикистон на ҳамаи маҳалҳои деҳотӣ, ҳатто маҳалҳои аҳолинишине, ки беш аз 500 нафар аҳолӣ доранд, соҳиби китобхона мебошанд. Масалан, дар деҳаҳои Шулмаки ҷамоати деҳоти Боқӣ Раҳимзода (аҳолӣ – 1789 нафар), Мулло - Бароти ҷамоати Ҷафр (аҳолӣ – 1350 нафар), Қалъаи Сурх (аҳолӣ – 508 нафар) ва маҳаллаи Сарипули ҷамоати шаҳраки Ғарми ноҳияи Рашт китобхонаҳо таъсис наёфтаанд.[3]

Ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар мавридҳои ҷустуҷӯву дарёфти иттилоот ва истифодаи китобхонаҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» муайяну мушаххас намуда, ба танзим медарорад. Дар ин робита метавон гуфт, ки ҳар як истиқоматкунандаи маҳалли аҳолинишин новобаста аз шумораи истиқоматкунандагон ҳуқуқи дастёбӣ ба манбаъҳои иттилоотиро дорад ва масъулинро зарур аст, ки тибқи муқарраროти қонунгузорӣ ҷиҳати ташкили китобхонаҳои оммавӣ, китобхона-филиалҳо, китобхонаҳои сайёр, китобхонаҳои мутаҳаррик (мобилӣ) ва нуқтаҳои китобдиҳӣ тадбир андешанд.

## §2. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ

[1] Мелентьева Ю.П. Сельская библиотека: проблемы развития и перспективы: науч.-метод. пособие / Ю. П. Мелентьева. – М.: Либерея, 2003. – С. 36.

[2] Нормативы размещения библиотек // Модельный стандарт деятельности общедоступной библиотеки муниципального образования Архангельской области. – Архангельск, 2007. – С.8.

[3] Зайниддин, Х. Китоб ҳамнишини ман ва мо / Х. Зайниддин // Ҷумҳурият. – 2016. – 28 ноябр. – 234 (23056); Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – С. 294-296.

Дар даврони истиқлол ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти соҳаҳои фарҳанг чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳимму мубрам таҳия ва қабул шуданд.

Қабл аз ҳама, бо қарори Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 1992 «Консепсияи инкишофи маданияти Тоҷикистон»[1] қабул гардид, ки дар он ҳадаф, вазифаҳо ва самтҳои асосии пешрафти соҳаи фарҳанг, аз ҷумла китобхонаҳо муайяну мушаххас карда шуданд. Ин консепсия барои таҳияю тасвиби як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ доир ба соҳаи фарҳанг, аз ҷумла соҳаи китобдорӣ низ замина гузошт.

Қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] (с. 1994) барои рушди қонунгузорӣ ва таҳияву тасвиби силсилаи қонунҳо доир ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа мусоидат кард. Аз ҷумла, ба тасвиб расидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (с.1997), «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» (с.2003), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи беҳтар намудани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ» (аз 14 августи с. 2003, №361), «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» (аз 2 июли соли 2005, №238), «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» (аз 2 июли соли 2005, №238), «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 30 декабри с. 2005), «Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» (аз 3 марти соли 2007, №85), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони "Китобхонаи миллӣ"- и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе» (аз 28 сентябри соли 2009, № 514), «Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои

---

[1] Консепсияи инкишофи маданияти Тоҷикистон: Бо Қарори Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 1992 тасдиқ шудааст // Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ: маҷмӯаи санадҳои фарҳангӣ. – Душанбе, 1998. – С.20-28.

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.

давлатии оммавии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» (аз 2 августи соли 2010, №384), «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020» (аз 9 феврали соли 2015, №53), «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» (аз 28 феврали соли 2015, №105) барои азнавсозӣ, таҳаввул, бунёд ва ба низоми нави фаъолият ворид шудани китобхонаҳои мамлакат заминаи боэътимод гузоштанд.

Ҳалли бештари масоили марбут ба фаъолияти китобхонаҳо инъикоси воқеии худро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»[1] пайдо карданд. Қонуни мазкур барои сифатан беҳтар намудани ҳифзу нигоҳдории сарватҳои фарҳангӣ ва мавриди омӯзишу тарғиб қарор додани онҳо роҳнамоӣ намуда, имкон дод, ки самтҳои асосии фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ба талаботу вижагиҳои даврони соҳибистиқлолӣ мувофиқу созгор карда шавад. Қонуни мазкур (тибқи моддаи 2) фаъолияти фарҳангиро дар соҳаи табъу нашри китоб, фаъолияти китобдорӣ ва фаъолияти дигари фарҳангие, ки бо эҷоду ташвиқи китоб ва истифодаи он вобаста аст, ба танзим даровper, тибқи моддаи 5 ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати озодона истифода кардани захираҳои китобхонаҳо таъмин менамояд.

Самтҳои асосии фаъолияти китобхонаҳо, нақшу мақом ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо ҳамчун муассисаҳои иҷтимоии фарҳангиву иттилоотӣ ҷиҳати ҷамъовариву коркард, гурӯҳбандиву феҳристнигорӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва тарғибу ташвиқи сарватҳои фарҳангӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», ҳамаҷониба мавриди арзёбӣ қарор гирифтанд. Қонуни мазкур «асоси ҳуқуқии ташкил, ҳифз ва рушди фаъолияти китобдориро дар ҷумҳурӣ муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба татбиқи амалии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мавридҳои ҷустуҷӯ ва дарёфти иттилоот, истифодаи китобхонаҳо, барои дастрасии озодона ба комёбиҳои илмӣ ва

[1] Дар бораи фарҳанг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 декабри соли 1997, №519 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №23-24. – С.120-134.

фарҳангии ҷаҳонию миллӣ, танзим менамояд».[1] Ба Қонуни мазкур чанд маротиба аз ҷониби парлумони кишвар тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Таҳрири нави (соли 2013) қисми дуюми моддаи 16 бамаврид намуд, ки фонди китобхонаҳои ба объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ мутааллиқ таҳти низоми махсуси ҳифзу нигаҳдорӣ ва истифодабарӣ қарор мегиранд ва ба хориҷи кишвар баровардан, нусхабардорӣ, чопи электронӣ, интиқоли матни онҳо тавассути шабакаҳои иттилоотию дигар воситаҳо зери назари дақиқи қонунгузорӣ хоҳад буд. Ҳамзамон ба моддаи 17-и қонуни амалкунанда сархати нав илова карда шуд. Мутобиқи он китобхонаҳое, ки объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ дониста шудаанд, пайваста ва ба таври ройгон ду нусхаи ҳатмии маводи чопии дар мамлакат ва берун аз он нашршудаиноширони Ҷумҳурии Тоҷикистонро, новобаста аз шакли моликияташон, дастрас менамоянд[2].

Дар «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, №501 қабул шудааст, нақши китобхонаҳо ҳамчун хазинаи ҳамагуна шаклҳо, навъҳо ва жанрҳои иттилоотӣ дар тарғиби афкори илмӣ ва бадеӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ шуда, ҷиҳати густариш додани фаъолияти минбаъдаи онҳо ҳаллу фасли масоили зерин зарур шуморида шуд: кори тарғиби китоб дар кулли манотиқ ва ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ такмил дода шавад; китобхонаҳои бузург дар кулли манотиқи ҷумҳурӣ бо таҷҳизоти технологияи муосир ва мутахассисони соҳаи барқароркунии дастнависҳо, таъмир ва барқарорнамоии фондҳои харобгаштаи китоб, ҳамчунин интиқол додани онҳо ба дискҳои СД таъмин карда шавад; шакл ва усулҳои идораи кори китобдорӣ ва таъмини фонди китобхонаҳо тавассути коллекторҳои марказӣ такмил дода шавад; ҳуқуқи афзалиятноки китобхонаҳо барои дарёфти аснод, китобҳои аз рӯи барномаҳои давлатӣ нашршуда ва дар навбати аввал ба даст овардани санадҳои китобхонаҳои

---

[1] Дар бораи фаъолияти китобдорӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – №8. – С.10 – 16.

[2] Қосим Н. Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ… / Н. Қосим // Ҷумҳурият. – 2014. – 14 май. – №90 (22395).

барҳамхӯрда дар амал татбиқ карда шавад; камбуди фонди китобии китобхонаҳои ҷумҳурӣ аз ҳисоби чопи китобҳо ба забони давлатӣ пурра карда шавад; адабиёти кӯҳнашуда аз ҳисоби фондҳои китобхонаҳо бароварда шавад; кори ба микрофилмҳо сабт намудани дастнависҳои кӯҳнашуда, вале пурарзиш ва китобҳои нодир дар кулли шаклҳои моликият ба роҳ монда шавад[1].

Бештари масъалаҳои дар Консепсияи мазкур баррасишуда тавассути қабул ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ роҳи ҳалли худро ёфтанд.

26 декабри соли 2011 аз ҷониби Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» ба тасвиб расид, ки «тартиби ташаккули нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳоро ҳамчун манбаи захиравии мукаммалсозии фонди миллии китобхонавӣ ва иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба таъмини нигоҳдории нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо ва истифодаи ҷамъиятии онҳо, инчунин муҳлат ва тартиби дастрас гардонидани нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳоро ба танзим медарорад»[2]. Мақсади ташкили низоми нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо, чунонки дар моддаи 4-уми Қонуни мазкур омадааст: «пуррагардонии фонди миллии китобхонавӣ ва иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон; амалӣ намудани бақайдгирии давлатии нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо; ташкили нигоҳдории доимии нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо дар фонди миллии китобхонавӣ ва иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон; истифодаи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо барои хизматрасонии иттилоотиву библиографӣ ва китобхонавии истифодабарандагон; бақайдгирии давлатии (библиографӣ ва омории) ҳуҷҷатҳои ватанӣ, омода намудани иттилооти давлатии библиографӣ (ҷорӣ ва тарҷеӣ) ва оморӣ; таҳия ва нашри каталогҳои маҷмӯӣ; иттилоотонии ҷомеа аз ҳамаи намудҳои нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо; ташаккул додани маҷмӯи нусхаи

---

[1] Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбуот, 2006. – С. 19-20.

[2] Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2011, № 792 // Садои мардум. – 2012. – 4 январ. – №1-3 (2828-2830).

ҳатмии ҳуҷҷатҳои маҳаллӣ; амалӣ намудани мубодила бо фондҳои миллии китобхонавӣ ва иттилоотии кишварҳои дигар», мебошад.[1]

Дар робита ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи гирандагони нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо» аз 31 августи соли 2012, таҳти рақами 453 ба имзо расид, ки тибқи муқаррароти он нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо ба Муассисаи давлатии «Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – «Хонаи китоби Тоҷикистон» (минбаъд АМСБРСК – ХКТ) – 3 нусха; Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» (минбаъд КМТ) – 3 нусха; Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – 3 нусха; китобхонаҳои давлатии вилоятӣ – 3 нусха[2] ва тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 апрели соли 2014, №255 «Дар бораи ворид намудани илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №453» ба Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти чумҳурии Тоҷикистон – 1 нусха[3] ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2015, №153 «Дар бораи ворид намудани илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №453» ба Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик – 1 нусха[4] фиристода мешаванд. Албатта ҳар як мақомоту ташкилот вобаста ба вижагиҳои фаъолияти хеш нусхаҳои ҳатмии ройгонро соҳиб мешаванд. Масалан, муассисаҳои АМСБРСК – ХКТ, КМТ ҳуқуқи ба таври ройгон аз ниҳодҳои интишоротӣ гирифтани «нусхаи намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳои чопии дорои хусусияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (китоб, адвор, харита, тасвир, албом, китобча, автореферат,

---

[1] Ҳамон ҷо.

[2] Дар бораи Номгӯйи гирандагони нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31 августи соли 2012, № 453 // [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=54860 (санаи истифодабарӣ: 29.06.2017)

[3] О внесении дополнения в постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 августа 2012 года №453: Постановление Правительства Республики Таджикистан от 11 апреля 2014 года №255 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=67037 (дата обращения: 29.06.2017)

[4] Дар бораи ворид намудани илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 марти соли 2015, № 153 // [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=19213 (санаи истифодабарӣ: 29.06.2017)

рисолаи илмӣ, плакат, рӯзнома, маҷалла, моҳнома, солнома, ҳуҷҷатҳои расмӣ), ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бо фармоиши мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, корхонаҳо, дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ барои паҳнкунии ҷамъиятӣ ба табъ расидаанд, инчунин намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳо, ки бо фармоиши ғайрирезидентҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр ё ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд»[1] доранд. Энсиклопедияи миллии тоҷик аз намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳои чопии дорои хусусияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллидошта фақат китоб, албом, ҷузва, рӯзнома ва маҷалларо ба таври ройгон мегирад. Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад аз муассисаҳои табъу нашри ҷумҳурӣ ҳуқуқи гирифтани нусхаи тамоми намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳои илмӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида мешаванд, доро мебошад. Китобхонаҳои давлатии вилоятӣ тибқи муқаррароти қарори мазкур ҳуқуқ доранд, ки нусхаи тамоми намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳои чопӣ (китоб, албом, китобча, автореферат, плакат, рӯзнома, маҷалла, ҳуҷҷатҳои расмӣ), ки дар ҳудуди вилоят ва шаҳру ноҳияҳои тобеи он ба табъ расонида мешаванд, соҳиб шаванд.

Барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур тибқи моддаи 16-и ҳамин Қонун шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар ин робита тибқи муқаррароти қисми якум ва дуюми моддаи 509-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон «1. Барои риоя накардани тартиби муқарраргардидаи ройгон фиристодани нусхаҳои назоратии матбуоти даврӣ ва маводи чопӣ аз ҷониби воситаҳои ахбори омма ва корхонаҳои полиграфӣ, ки чунин маводро нашр мекунанд, – ба шахсони мансабдор ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. 2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми

[1] Дар бораи Номгӯйи гирандагони нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31 августи соли 2012, № 453 // [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=14279&language=ru (санаи истифодабарӣ: 29.06.2017)

якуми ҳамин модда пешбинишуда, – ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад» ва ё тибқи моддаи 520-и ҳамин Кодекс дар мавриди риоя накардани тартиби расонидани нусхаи ҳатмӣ «Барои аз тарафи истеҳсолкунанда дер ё нопурра расонидани ҳуҷҷатҳои нусхаи ҳатмӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва ташкилотҳо, – ба шахсони мансабдор ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад».[1]

Дар маҷмӯъ, қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ доир ба соҳаи китобдорӣ дар даврони истиқлол барои тақвияти фаъолияти иттилоотӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маърифатии китобхонаҳои ҷумҳурӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати дастёбии озодона ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ мусоидат карда, имкон доданд, ки сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ ба аҳолии мамлакат беҳтар ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва пайваста инкишоф ёфтану мавриди истифода қарор гирифтани технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо, зарурияти дар қонунгузории соҳаи китобдориву иттилоотӣ муайяну мушаххас намудани ҷойгоҳи китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои ҷамъовариву коркард, гурӯҳбандиву тавсифнигорӣ, нигоҳдориву тарғиби манобеи электронӣ, пеш омадааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» аз 22 июли соли 2013, № 1008, сархатҳои чордаҳум, понздаҳум, шонздаҳум ва ҳабдаҳуми моддаи 18-и қонун бо мазмуни зайл илова карда шуданд:

**«- ташкили маркази татбиқи технологияи нави китобдорӣ бо мақсади тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон;**

---

[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31 декабри соли 2008, №455 // [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://mmk.tj/content/кодекси-ҳуқуқвайронкунии-маъмурии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи истифодабарӣ: 29.06.2017)

**- ташкили китобхонаи электронӣ;**

**- таъмини дастрасии китобхонаи электронӣ барои истифодабарандагон ва дигар китобхонаҳо;**

**- таъмини бехатарии техникӣ, амнияти истифода ва хизматрасонии китобхонаи электронӣ»;**

- қисми чоруми моддаи мазкур бо мазмуни зайл илова карда шуд:

**«Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи муздноки китобхонаи электрониро ба роҳ монда, маблағи бадастомадаро барои такмили низоми электронии ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ, коркард, феҳристнигорӣ, ҳифз ва истифодаи ҳуҷҷатҳои он истифода барад»[1].**

Дар робита ба воридоти иловаҳои дар боло зикршуда, ба ақидаи мо, бамаврид аст, ки дар моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», баъди сархати дуюм мафҳуми нав – **китобхонаи электронӣ** бо мазмуни зайл: **«Китобхонаи электронӣ – китобхонае, ки дар захираҳои худ шакли электронии китобҳои чопиро бо низоми муайян ва дастрас ба хонанда нигоҳ дошта, хизматрасонии анъанавӣ ва фосилавиро ба роҳ мемонад»**, ҳамроҳ карда шавад. Дар моддаи 18-и қонуни мазкур зермоддаи нави 18[1] **«Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон»** бо мазмуни зайл: **«Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон дар асоси фонди китобхонаҳои калонтарини мамлакат, бойгонии китобии ҷумҳурӣ бунёд гардида, ба танзим даровардани фаъолияти он ба зиммаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон вогузор мегардад»**, илова карда шавад. Дар аввали сархати якуми моддаи 19 «Китобхонаҳои марказӣ» ибораи **«Мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти иҷроия»** илова карда шуда, баъди ибораи **«Вазифаи китобхонаи марказиро инҳо амалӣ менамоянд»**, матни нав бо мазмуни зайл: **«– дар ҷумҳурӣ - китобхонаи миллӣ;»** ҳамроҳ карда шавад. Дар сархати 2-юми моддаи 19 калимаҳои **«ёрии методӣ»** ба калимаҳои **«ёрии илмӣ-методӣ»** иваз карда шавад. Баъди

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» // Ҷумҳурият. – 2013. – 27 июл. – №106-107 (22243).

сархати 2-юми моддаи 19 сархати нав: «**Барои баландбардории малака ва маҳорати китобдорон маҷаллаҳои илмии касбӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ, курсҳои такмили ихтисос, таҷрибаомӯзӣ ва бозомӯзиро дар доираи салоҳият ташкил намоянд**», ворид карда шавад.

Дар моддаи 1-и қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» мафҳуми «**иттилоот**» дар шакли «**маълумоти мушаххас дар бораи воқеаву ҳаводис: шахс, ашё, рӯйдод, воқеа, ҳодиса, падида ва равандҳо, сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо, ки сарчашмаи муайян дорад, маҳфуз дошта мешавад, коркард ва таҷдид мегардад**», маънидод карда шавад. Дар моддаи 17-и қонун «**Иттилооти оммавӣ**» сархати аввал дар шакли «**Иттилооте, ки ба таври оммавӣ, тавассути воситаҳои чопӣ, сабтҳои овозиву видеоӣ паҳн мегардад**», иваз карда шавад. Сархати сеюм дар шакли зайл иваз карда шавад: «**Воситаҳои электронии ахбори омма аз радио, телевизион, сомонаҳои интернетӣ, кино, сабти овоз ва сабти видео иборатанд**». Дар моддаи 21-и қонун «**Иттилооти дорои хусусияти маълумотию энсиклопедӣ**» пас аз калимаи «**маълумотномаҳо**» иборaи «**сомонаҳои расмии интернетӣ**» илова карда шавад. Дар сархати якуми моддаи 25-қонуни мазкур «**Воридшавӣ ба иттилооти ошкоро**» банди нав бо чунин мазмун «**интишори иттилоот тавассути сомонаҳои расмии интернетӣ**», ворид карда шавад.

Дар моддаи якуми қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар ВАО» баъд аз иборaи «**аудио ва аудиовизуалӣ**» иборaи «**сомонаҳои интернетӣ**» илова карда шавад. Дар қисмати чоруми моддаи 25-и қонун «**Истифодаи мавод ва эҷодиёти муаллифон**» пас аз иборaи «**ахбори омма**» таркиби «**аз ҷумла сомонаҳои интернетӣ**» илова карда шавад. Ҳамзамон дар сархати дуюми моддаи 34 пас аз иборaи «**нашрияҳои чопӣ**» таркиби «**ва сомонаҳои интернетӣ**» ҳамроҳ карда шавад.

Ҳамзамон барои ба китобхонаҳо ва дигар мақомоти дахлдор фиристодани нашрҳои электронӣ ҳамчун нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо зарур аст, ки ба бандҳои 2, 3, 6, 7, 11-и Номгӯйи гирандагони нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №453 «Дар бораи Номгӯйи гирандагони нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо» тасдиқ шудааст, матни нав бо мазмуни зайл: **«нусхаи намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳои электронӣ»** илова карда шавад.

Сари вақт ворид кардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёриву ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи китобдориву иттилоотӣ метавонад барои рушди минбаъдаи китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии мамлакат ва батанзимдарории фаъолияти гуногунпаҳлуи онҳо дар самти роҳандозии хадамоти китобдорӣ ва ҷалби аҳолӣ ба китобхонӣ мусоидат намояд.

Дар даврони истиқлол барои мувофиқу мутобиқ намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ ба талаботҳои замони муосир ва ҳамзамон барқарор намудани фаъолияти китобхонаҳои дар замони ҷанги шаҳрвандӣ зарардида, силсилаи **барномаҳои давлатӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ** таҳия ва дар амал татбиқ карда шуданд.

Қабл аз ҳама, қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи беҳтар намудани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ»[1] ва дар ин робита ба тасвиб расидани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷудо намудани 200 ҳазор сомонӣ, аз ҷониби Ҳукумати шаҳри Душанбе ҷудо шудани 173 ҳазор сомонӣ барои таъмир, тақвияти фаъолият ва беҳтар гардонидани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ва китобхонаҳои оммавии мамлакат шароит муҳайё сохт.[2] Тибқи банди 4-и қарори мазкур вазоратҳои дахлдор вазифадор карда шуданд, ки Барномаи рушди минбаъдаи китобхонаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсиро таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Бахри иҷрои супориши мазкур «аз ҷониби мутахассисони соҳа тамоми самтҳои фаъолияти китобдорӣ мавриди таҳлили амиқ ва

---

[1] Дар бораи беҳтар намудани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 14 августи соли 2003, №361 // Ҷумҳурият. – 2003 – 23 август. – №95 (20713).

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2003 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2004. – Душанбе: Матбуот, 2004. – С. 20.

ҳамаҷониба қарор дода шуд. Таҳлил собит намуд, ки базаи моддӣ-техникии китобхонаҳо, тарбияи китобдорон, вазъи хизматрасонӣ ба хонандагон, ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳаи китобдорӣ, ҳаҷм ва таркиби фонди китобхонаҳо, робитаи гуногунпаҳлуи байналмилалӣ дар ин соҳа ҷавобгӯйи талаботи ҷомеаи тозаистиқлоли Тоҷикистон нест».[1] Тибқи талаботи қарори Ҳукумат барномаҳои давлатии «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» ва «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» таҳия шуданд ва барои татбиқи ҳар ду барнома 7 миллиону 310 ҳазору 200 сомонӣ пешбинӣ гардид.

Ҳадафи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» аз он иборат буд, ки «функсияҳои иттилоотӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маърифатии китобхонаҳоро тақвият дода, ба рушди шабакаи китобхонаҳо дар шароити муносибатҳои бозори мусоидат намуда, дастрасии фонди китобхонаҳоро барои ҳамаи табақаҳои ҷомеа таъмин карда, ба воридсозии технологияҳои нави иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо кӯмак расонида, механизмҳои молиявӣ ва иқтисодии фаъолияти китобхонаҳоро муайян сохта, заминаи моддию техникии онҳоро таҳким бахшида, тарбияи кадрҳои баландихтисосро такмил дода, эътибори иҷтимоии кормандони китобхонаҳоро боло бардорад».[2] Дар Барномаи мазкур вазъи воқеии фаъолияти китобдорӣ дар ҷумҳурӣ арзёбӣ шуда, хусусияти асосии китобхонаҳои оммавӣ, фарқият ва афзалияти онҳо аз дигар муассисаҳои фарҳангӣ, аз қабили ҳадалимкон наздик будани онҳо ба аҳолӣ, мутобиқати онҳо ба хизматрасонии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, фарогир будани фондҳои онҳо ба талаботи маърифатӣ, фарҳангӣ, касбӣ ва дигар дархостҳои иттилоотии аҳолӣ, шарҳ дода шуда, як қатор сабаб ва

---

[1] Мерганов Д. Татбиқи барнома самар меорад, ба шарте ки камбудиҳои ин раванд сари вақт рафъ гарданд / Д. Мерганов // Садои мардум. – 2013. – 1 июл. – №81-82 (3066-3067).

[2] Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 тасдиқ шудааст // Китобдор. – 2007. – №1(2). – С.6.

омилҳои имконияти татбиқи пурра ва самараноки ин афзалиятҳоро надоштани китобхонаҳои оммавии мамлакат, баён ёфтаанд. Аз ҷумла, дар деҳоти ҷумҳурӣ қисми зиёди аҳолӣ аз китобхонаҳо истифода намебаранд, мақомоти фарҳанг дар маҳалҳо аксаран вазъияти воқеии фаъолияти китобдориро таҳриф мекунанд, фаъолияти китобхонаҳо бо нишондодҳои миқдории ғайривоқеӣ арзёбӣ мешаванд, ҳаҷми фонди китобхонаҳои ҷумҳурӣ ба суръати афзоиши аҳолӣ, вазъи демографӣ дар маҳалҳо, ба шумораи хонандагон, талабот ва имкониятăшон ҷиҳати истифодабарӣ аз ин фондҳо мувофиқат намекунад, беш аз 50 фоизи кормандони китобхонаҳо маълумоти махсуси китобдорӣ надоранд, қисми зиёди китобхонаҳои ҷумҳурӣ, махсусан дар деҳот, дар биноҳои номувофиқ, фарсуда ва таъмирталаб ҷойгиранд, системаҳои шамолдиҳӣ ва чангу ғуборкаш вуҷуд надоранд, аксарияти китобхонаҳо ба қадри кофӣ бо таҷҳизоти китобдорӣ ҷиҳозонида нашудаанд.[1] Ҳамзамон дар Барнома самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти китобдорӣ барои солҳои 2006-2015 муайян карда шуданд, ки аз чунин бандҳо иборатанд: ташкил ва такмили фонди китобхонаҳо; такмили идоракунии фаъолияти китобдорӣ, маркетинг ва менеҷменти китобдорӣ; баланд бардоштани самаранокии корҳои илмию тадқиқотӣ ва илмию методии соҳаи фаъолияти китобдорию иттилоотӣ; такмили минбаъдаи маълумоти китобдорию иттилоотӣ, баланд бардоштани эътибори иҷтимоии кормандони муассисаҳои китобдорию иттилоотӣ; мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои китобдорию иттилоотӣ.[2]

Яке аз бандҳои асосии Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» – **ташкил ва такмили фондҳои китобхонаҳо** маҳсуб меёбад. Бино ба маълумоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

---

[1] Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 тасдиқ шудааст // Китобдор. – 2007. – №1(2). – С.6-8.

[2] Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 тасдиқ шудааст // Китобдор. – 2007. – №1(2). – С.8.

мақсади ташкил ва такмили фонди китобхонаҳои мамлакат, аз ҷумла харидории адабиёти нав, обуна ба матбуоти даврӣ тӯли солҳои 2007-2015 аз ҳисоби маблағҳои Барнома фонди китобхонаҳои ҷумҳурӣ бо 1427 номгӯи китобҳо, восоити китобхона ва дигар маводи иттилоотии тозанашр бо теъдоди 262481 нусха бо маблағи умумии 1588801, 10 сомонӣ мукаммал гардиданд.[1]

Аз ҳисоби маблағҳои «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» тӯли солҳои 2006-2011 баҳри мукаммалгардонии фонди Китобхона бо маблағи 304165,36 сомонӣ 12989 нусха адабиёти тозанашри соҳаҳои гуногун, аз ҷумла 54 нусха дастхатҳо, ба монанди «Қуръон»-и карим, «Фиқҳ»-и Имоми Аъзам, «Равзат-ул-аҳбоб», «Китоб-ул-мавоиз ва аҳодис»-и Набавӣ, «Девони имло», «Нодир-ул-меъроҷ», «Шарҳи танқеҳ-ул-усул», «Сироҷ-ул-қулуб», «Шарҳи вақоеъ», «Китоби масъала ва тӯҳфат-ул-воизин», «Мулк-ул-ваҳҳоб», «Китоби фиқҳ», «Маслак-ул-мутаққин»-и Суфи Аллоҳёр ва ғайра харидорӣ карда шудаанд.[2]

Тӯли солҳои 2007-2015 бо мақсади татбиқи банди V Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» – баҳри **«мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои китобдорию иттилоотӣ»** аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба шуъбаҳои фарҳангу китобхонаҳои вилояти Суғд – 485933 сомонӣ, вилояти Хатлон – 705090 сомонӣ, ВМКБ – 308082 сомонӣ, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 340427 сомонӣ, Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи М. Миршакар – 10000 сомонӣ ва Китобхонаи марказии шаҳри Душанбе ба номи А. Лоҳутӣ – 12275 сомонӣ, инчунин ҷиҳати иҷрои бандҳои дигари Нақшаи

---

[1] Гузориш оид ба рафти иҷрои нишондодҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» // БҶ ВФ ҶТ: маводҳои ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги ҶТ барои соли 2015. – С.1.

[2] Ҳисоботи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» ва «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» // БҶ ВФ ҶТ. – 2011. – С.10.

чорабиниҳои Барномаи мазкур, аз қабили чопи китобҳову дастурамалҳо – 346672 сомонӣ ва тайёркунӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо – 248722 сомонӣ ҷудо гардида, истифода шуданд.[1] Ҳамзамон аз ҳисоби маблағҳои пешбинигардида барои таъмини китобхонаҳои ҷумҳурӣ бо таҷҳизот, аз ҷумла мебелу ҷевонҳо, дастгоҳҳои нусхабардорӣ, аудиовизуалӣ (тасвирию овозӣ), системаҳои шамолдиҳӣ ва чангкашӣ, рафҳои китобмонӣ, компютерҳо 423 ҳазору 240 сомонӣ ҷудо гардида, ба суратҳисоби шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо интиқол гардид.[2] Дар доираи Барномаи мазкур ҷиҳати таъмини китобхонаҳои мамлакат бо китобҳои тозанашр «Корвони китоб» ташкил карда шуд ва тӯли солҳои 2007-2015 ин Корвон 1405000 нусха китобу ҷузва, васоити китобхона ва дигар маводи иттилоотии тозанашрро ба маблағи 1588801,10 сомонӣ ройгон ба китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тақсим намудааст.[3]

Баъди қабули «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» (с. 2005), «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» (с.2005) ва «Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» (с. 2010) «дар китобхонаҳои кишвар дигаргунии зиёд ба вуҷуд омад. Тӯли панҷ соли охир бинои беш аз 50 китобхонаи навоҳии дурдаст таъмир гардида, бо рафи китобмониву мебел таҷҳизонда шуданд. Дар ноҳияҳои Восеъ, Балҷувон ва баъзе навоҳии дигари кишвар 20 китобхонаи наву замонавӣ сохта ба истифода дода шуд»[4].

---

[1] Гузориш оид ба рафти иҷрои нишондодҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» // БҶ ВФ ҶТ: маводҳои ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги ҶТ барои соли 2015. – С.17-18.

[2] Сафар М. Рушди фаъолияти китобдорӣ / М. Сафар // Ҷумҳурият. – 2013. – 13 июл. – №94 (22231).

[3] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2016. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – С.31.

[4] Файзалӣ Ф. Барнома пурра иҷро нашуд. Чаро?: оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» ва «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» / Ф. Файзалӣ // Ҷумҳурият. – 2013. – 24 октябр. – №141 (22278).

Сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ ва нишондиҳандаҳои асосии Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ низ беҳтар шуд. Масалан, соли 2008 ба китобхона 9139 нусха адабиёти тозанашр ба маблағи 110670 сомонӣ ва 2966 рӯзномаю маҷаллаҳо бо маблағи 38171 сомонӣ ворид гардид. Шумораи хонандагони китобхона дар ин сол нисбат ба соли 2007 2900 нафар зиёд, мутаносибан аз 28500 нафар ба 31400 нафар расид. Миқдори диҳиши адабиёт 529150 нусха адабиётро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2007 (508321) 20829 нусха зиёд мебошад. Теъдоди ташрифоварии хонандагон дар соли 2008 (253341) нисбати соли қаблӣ (182311) 71030 нафар зиёд шуд[1].

Татбиқи барномаҳои зикршуда имкон дод, ки фонди китобхонаҳои мамлакат бо адабиёти тозанашр такмил ёбад, сатҳу сифати хизматрасонии китобдориву библиографӣ ба аҳолӣ беҳтар шавад, заминаи моддӣ-техникии китобхонаҳо тақвият ёбад, дар фаъолияти китобхонаҳо низоми нави худкори раванди китобдорӣ-иттилоотӣ ҷорӣ гардад, ҳамкориҳои байналмилалии китобдорӣ густариш ёбад ва заминаҳои устувор барои воридшавии китобхонаҳои мамлакат ба ҷомеаи иттилоотӣ муҳайё карда шаванд. Дар ин маврид, Президенти мамлакат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (20 апрели соли 2012) махсусан зикр намуданд, ки «**Таи чанд соли охир татбиқи барномаҳои муҳими давлатӣ имкон доданд, ки ҳаҷми фонди китобхонаҳои мамлакат рӯ ба афзоиш ниҳода, ниёзи хонандагон дар самти дастрасӣ ба дастовардҳои асри иттилоот ҳар чӣ бештар қонеъ гардонида шавад. Ин аст, ки имрӯз дар шаҳру деҳоти мамлакат беш аз 1300 китобхонаи оммавӣ ва 120 мағозаи фурӯши китоб фаъолият дошта, танҳо дар панҷ соли охир 30 китобхонаи нав ва дар соли гузашта 20 фурӯшгоҳи нави китоб мавриди истифода қарор дода шуд. Бо дарназардошти ин, метавон гуфт, ки суннати китобдӯстӣ ва**

[1] Ҳисоботи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар соли 2008 // БҶ КМТ. – 2008. – С.2.

**фарҳангпарварӣ, ки ба мо аз гузаштагони тамаддунсозамон ба мерос мондааст, имрӯз ҳам ба таври ибратбахш идома дорад»**[1].

Масалан, танҳо татбиқи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» барои ташаккулёбии фонди китобхонаҳои мамлакат, бахусус бунёди фонди китобҳои электронӣ ва афзудани теъдоди хонандагон мусоидат намуд. Дар тӯли солҳои 2007-2013 фонди китобҳо ба забони давлатӣ 968 ҳазору 127 нусха зиёд шуда, дар 6 китобхонаи ҷумҳурӣ дар баробари феҳристҳои анъанавӣ феҳристҳои электронӣ созмон ёфтанд. Фонди китобҳои электронии китобхонаҳои ҷумҳурӣ ба 4 млн. 852807 нусха расида, шумораи хонандагон ба 323770 нафар ва ё ба андозаи 44,3 фоиз афзудааст[2].

Дар ҷараёни татбиқи барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаву мавзӯъҳои илмии соҳаи китобдорӣ дар радифи бунёду азнавсозии китобхонаҳои мамлакат ва таҷдиди сохтору такмили фонди онҳо, тадбирҳои мушаххас дар самти таъмин намудани мутахассисони соҳа ба маводи методиву таълимӣ андешида шуданд. Мутобиқ ба талаботи банди III Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» бахри баланд бардоштани самаранокии корҳои илмию тадқиқотӣ ва илмию методии соҳаи китобдорӣ дар давоми солҳои 2007-2015 аз ҳисоби маблағҳои Барнома 346672 сомонӣ ҷудо гардида, бо истифода аз неруи илмии ходимони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ПИТФИ), омӯзгорони Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода (ДДФСТ) ва коршиносони Китобхонаи миллии Тоҷикистон (КМТ) 31 номгӯи дастурҳои методӣ, таълимӣ, монографияҳо, луғатҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ чоп ва дастраси

---

[1] Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2012, ш. Душанбе // Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. – №1-2 (9). – С.9-60.

[2] Мерганов, Д. Татбиқи барнома самар меорад, ба шарте, ки камбудиҳои ин раванд сари вақт рафъ гарданд / Д. Мерганов // Садои мардум. – 2013. – 1 июл. – №81-82 (3066-3067).

китобдорон гардиданд.[1] Аз ҷумла, олимони ПИТФИ чиҳати иҷрои сархати 6-7-и банди III Барномаи мазкур – «Ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ дар китобхонаҳо, ташкили менеҷмент ва маркетинги китобдорӣ (нашри дастурҳо ва маълумотномаҳо)» дар таҳияи чунин мавод: «Истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо»;[2] «Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ»;[3] «Хизматрасонии ғайримуқимии китобхонавӣ – иттилоотӣ»;[4] «Менеҷменти фаъолияти китобдорӣ ва иттилоърасонӣ»;[5] «Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ»;[6] «Технологияи бунёд ва истифодаи захираҳои китобдорӣ – иттилоотӣ»;[7] «Таърих, тамоюл ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон»;[8] «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон»;[9] китобҳои дарсии «Таърихи номаҳои Аҷам», «Библиографияи кишоварзии тоҷик», «Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон», «Китобхонашиносӣ», «Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо», «Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ», «Библиографияи адабии тоҷик», «Библиографияи кишваршиносии Тоҷикистон»[10] ва ғайраҳо саҳм гирифтанд.

---

[1] Гузориш оид ба рафти иҷрои нишондодҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» // БҶ ВФ ҶТ: маводҳои ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги ҶТ барои соли 2015. – С.5.

[2] Истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо: дастури амалӣ – методӣ / мураттибон С. Шосаидов, Ҷ. Гулбекова; муҳаррир Ҷ. Шерматов. Душанбе, 2007. – 112 с.

[3] Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ: дастури методӣ-амалӣ / мураттибон С. Шосаидов, Ш. Тошев; муҳаррир Ҷ. Шерматов. – Душанбе, 2007. – 112 с.; Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ: мактуби методӣ ба китобдор / мураттибон Ҷ. Шерматов, С. Шосаидов; муҳаррир О. Шодӣ. – Душанбе, 2008. – 28 с.

[4] Хизматрасонии ғайримуқимии китобхонавӣ – иттилоотӣ: дастури методӣ – библиографӣ / мураттиб С. Шосаидов; муҳаррир О. Шодиев. Душанбе, 2008. – 144 с.

[5] Сулаймонӣ С. Менеҷменти фаъолияти китобдорӣ ва иттилоърасонӣ: дастури таълимӣ / С. Сулаймонӣ, Ҷ. Шерматов. – Душанбе, 2008. – 168 с.

[6] Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ: маълумотнома ва тавсияҳои методӣ / мураттиб С. Шосаидов; муҳаррир А. Раҷабов. – Душанбе, 2008. – 152 с.

[7] Технологияи бунёд ва истифодаи захираҳои китобдорӣ – иттилоотӣ: дастури методӣ / мураттиб Ҳ. Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2009. – 160 с.

[8] Сулаймонӣ С. Таърих, тамоюл ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон: рисолаи илмӣ / С. Сулаймонӣ, Ҷ. Шерматов. – Душанбе, 2009. – 160 с.

[9]Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон: хрестоматия / мураттибон С. Шосаидов, Қ. Бӯриев. – Душанбе, 2010. – 200 с.

[10] Шарофзода Р. Таърихи номаҳои Аҷам: дарснома / Р. Шарофзода. – Душанбе, 2010. – 216 с.; Бӯриев Қ. Библиографияи кишоварзии тоҷик: мавод барои омӯзиши фан / Қ. Бӯриев. – Душанбе, 2011. – 176 с.; Комилзода Ш. Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон: мавод барои омӯзиши фан / Ш. Комилзода. – Душанбе, 2011. – 128 с.; Сулаймонӣ С. Китобхонашиносӣ: китоби дарсӣ / С. Сулаймонӣ. – Душанбе, 2012. – 148 с.; Авғонов Қ. Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо [Матн]:

Бо истифода аз маблағҳои «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» коршиносони КМТ дар ҳамкорӣ бо олимони факултаи китобдории ДДФСТ ба номи М. Турсунзода 7 барномаи таълимии фанҳои «Муқаддимаи ихтисос», «Асосҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ», «Библиографияшиносӣ», «Феҳристҳои китобхона», «Аснодшиносӣ», «Педагогикаи китобдорӣ», «Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо» таҳия ва таҳти унвони «Барномаҳои таълимии соҳаи китобдорӣ» чоп намуданд.[1] Бори нахуст барномаи таълимии «Асосҳои дониши китобдорӣ ва иттилоотӣ» барои кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон интишор ёфт.[2] Ҳамзамон барои китобдорон аввалин маротиба маҷаллаи фарҳангӣ-маърифатии «Китобдор» нашр шуд. Дар 11 шумораи маҷалла (солҳои 2006-2015) оид ба масъалаҳои илми китобдории тоҷик 147 мавод ба табъ расид. Аз ҷумла: а) доир ба **бахши китобшиносӣ** 41 мавод (оид ба масъалаҳои назарияи китобшиносӣ, таърихи китоб ва пайдоиши хат, фаъолияти нашриётҳо, нақши китоб дар ҳаёти ҷомеа, табъу нашри китобҳои электронӣ, савтӣ ва вижагиҳои онҳо); б) доир ба **бахши китобхонашиносӣ** 92 мавод (оид ба масъалаҳои назария ва таърихи китобхонаҳо, фаъолияти илмӣ, методӣ ва фарҳангии китобхонаҳо, шаклу усулҳои ташкили хизматрасонии китобдорӣ, таҳқиқи хонанда ва майлу рағбатҳои он, ташкили китобхонаҳои электронӣ, татбиқи технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳо, маркетинг ва менеҷменти фаъолияти китобдорӣ, омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами китобдорӣ); в) доир ба **бахши библиографияшиносӣ** 14 мавод (оид ба масъалаҳои назария ва таърихи библиография, созмондиҳии

---

китоби дарсӣ / Қ. Авғонов, Г. Маҳмудов. – Душанбе, 2012. – 185 с.; Сулаймонӣ С. Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ: китоби дарсӣ / С. Сулаймонӣ. – Душанбе, 2013. – 256 с.; Шарофов Р. Библиографияи адабии тоҷик: китоби дарсӣ / Р. Шарофов. – Душанбе, 2014. – 240 с.; Муҳиддинов С. Библиографияи кишваршиносии Тоҷикистон: китоби дарсӣ / С. Муҳиддинов. – Душанбе, 2015. – 160 с.

[1] Барномаҳои таълимии соҳаи китобдорӣ: барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ оид ба тахассуси 05.27.00 «Китобдор, библиограф –омӯзгор» / мураттиб Б. Холов; зери назари Ш. Тошев. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 96 с.

[2] Асосҳои дониши китобдорӣ-иттилоотӣ: Барномаи таълимии курси такмили ихтисос барои кормандони Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ / мураттиб Ш. Тошев. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 32 с.

дастгоҳи маълумотӣ-библиографии анъанавӣ ва электронӣ, услуби таҳияи дастурҳои библиографӣ, ташкили навъҳои гуногуни хизматрасонии библиографӣ, истифодаи дастурҳои библиографии чопӣ ва электронӣ дар роҳбарии хониш, таълими донишҳои библиографӣ).[1] Бинобар сабаби маблағгузорӣ нашудан ва аз ҷониби муассис (Китобхонаи миллии Тоҷикистон) дастгирӣ наёфтан нашри маҷалла аз соли 2016 қатъ меёбад.[2]

Татбиқи «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» имкон дод, ки фонди китобхона бо адабиёти тозанашр такмил ёбад, сатҳу сифати хизматрасонӣ ба хонандагон беҳтар гардад, дар сохтори китобхона шуъбаҳои нав созмон дода шаванд. Бори нахуст бо истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ барномаи тахассусии ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаи китобҳои электронӣ таҳия гардид. Дар ин робита толори нави хониши электронӣ бо захираи беш аз 120 ҳазор нусха манобеи электронӣ ташкил карда шуд. Матни электронии беш аз 6000 номгӯй адабиёти нодиру камёб, ки дар китобхона бо теъдоди 1 нусха мафҳуз буданд, рақамӣ гардонида шуданд. Илова бар ин, Китобхона сомонаи худро (www.nlrt.tj) созмон дод, ки тавассути он дар радифи иттилоъи мушаххас дар бораи таърих, фаъолияти бахшу шуъбаҳо ва реҷаи кории Китобхона, боз матни электронии нашрияҳои Китобхона, аз қабили маҷаллаи «Китобдор» ва дастурҳои библиографӣ пешниҳод шуданд. Инчунин, тавассути сомонаи Китобхона хонандагони муқимӣ ва маҷозӣ имкон пайдо карданд, ки бе ягон мамоният матни электронии адабиёти марбут ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллати тоҷикро бо забонҳои русӣ, англисӣ ва форсӣ мавриди истифода қарор диҳанд.[3]

Татбиқи «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» то соли 2011 идома ёфт ва дар тӯли солҳои 2006-2011 ҳамагӣ аз ҳисоби

---

[1] Мақолаҳо дар саҳифаҳои маҷаллаи «Китобдор» // Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол: феҳристи адабиёт / мураттиб М. Комилов. – Душанбе: Аржанг, 2016. – С.219-228.

[2] Суҳбат бо сардабири маҷаллаи «Китобдор» Ш. Комилзода. – 2016. – 11 январ.

[3] Комилзода Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз / Ш. Комилзода. – Душанбе: Ирфон, 2015 . – С. 73-74.

маблағҳои пешбинишуда 1044986 сомонӣ сарф шуд, ки ин баробар аст ба 69,1% иҷрои барнома.[1]

Бинобар сабаби таҷдиди сохтор ва дар бинои нав ба фаъолият шурӯъ кардани Китобхона маблағгузории «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» аз соли 2012 қатъ шуд. Бинои нав барои истифодабарандагони Китобхона шароитҳои мусоиди моддӣ-техникӣ ва технологӣ фароҳам оварда бошад ҳам, вале баҳри ба сатҳи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ва таъмини дурнамои рушди устувори Китобхона, ҳамасола пешбинӣ намудани маблағҳои муайяни мақсадноки буҷетӣ ва дар ин робита таҳияи барномаи навро тақозо намуд. Бо ин мақсад «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» таҳия гардид ва он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, таҳти рақами 105 тасдиқ карда шуд.[2]

Татбиқи барномаи нав барои шаш сол пешбинӣ гардида, хароҷот барои татбиқи он аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳои маблағгузорӣ 9 млн. 760,89 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби грантҳои байналмилалӣ 597,02 ҳазор сомонӣ, аз буҷети ҷумҳуриявӣ 9 млн. 079,81 ҳазор сомонӣ ва маблағҳои махсуси Китобхонаи миллии Тоҷикистон 84,06 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.[3]

Тибқи нақшаи чорабиниҳои барнома дар соли 2015 барои таъмини иҷрои бандҳои ба нақша воридгардида, аз ҷумла ҷиҳати харидории таҷҳизоти техникӣ, ашё ва маҳлулҳои гуногун барои таъсиси озмоишгоҳи таъмиру барқарорсозӣ, таҷҳизот (серверҳои аз нигоҳи техникӣ ва хотира пуриқтидор), таъминоти барномавӣ, иҷозатномаҳо ва ташкили

---

[1] Маълумотнома оид ба харҷи маблағҳои буҷетии «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» // БҶ КМТ. – 2012. – С.1.

[2] Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 феврали соли 2015, №105 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=75023 (санаи истифодабарӣ: 16.05.2017)

[3] Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии барои солҳои 2015-2020: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, №105 тасдиқ шудааст [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=75023 (санаи истифодабарӣ: 16.05.2017)

хизматрасонӣ барои Маркази ягонаи автоматикунонидашудаи кории ҳамоҳангсоз бо захираи ягона, таҷҳизот ва маводи зарурӣ барои Маркази автоматикунонидашудаи захираҳои иттилоотии назди тифлокабинети КМТ, таҷҳизот барои ташаккули фонди электронии фолклор ва мероси мусиқии халқи тоҷик, дастгоҳҳои коркард, танзим ва тақвияти садо, таҷҳизот барои нигаҳдорӣ ва ҳифзи иттилоот ва чорабиниҳо дар самти тарбияи кадрҳо 2565,42 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардид, ки аз ин ҳисоб 1968,4 ҳазор сомонӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва 597,02 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби гранти фондҳои байналмилалӣ буд. Аз маблағҳои пешбинишуда ҳамагӣ 56752 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои Китобхонаи миллӣ, ки барои ташкили таҷрибаомӯзии кормандонаш дар хориҷи кишвар вобаста ба ҷараёни автоматикунонӣ ва истифода аз барномаи «Aleph» (Алеф) ҷудо шуда буд, аз дигар сарчашмаҳо маблағ ҷудо нагардид, яъне бо ибораи дигар гӯем дар соли якуми татбиқи барнома ҳамагӣ 2,2% маблағҳои дар соли 2015 банақшагирифташуда ҷудо шуданду халос. Нақшаи чорабиниҳои татбиқи соли дуюми барнома низ бинобар сабаби ҷудо нашудани маблағҳои пешбинишуда иҷро нагардид. Масалан, дар соли 2016 дар нақшаи чорабиниҳои барнома 2100,7 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки аз ин 2055,64 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва 45,06 ҳазор сомонӣ аз маблағҳои махсуси Китобхонаи миллӣ буд. Барои таҷрибаомӯзӣ ва бозомӯзии касбии кормандони китобхонаҳои ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси Китобхонаи миллӣ ҳамагӣ 19 ҳазору 790 сомонӣ ҷудо гардид, ки ин 1% маблағҳои банақшагирифтаи соли 2016-ро ташкил медиҳад.[1]

Бо мақсади таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ, таъмир ва таъмини коршоямии биноҳои китобхонаҳои мамлакат, харидории асбобу анҷом, таҷҳизоти техникӣ, барномаҳои компютерӣ, барои харидани лавозимоти хоҷагӣ, чопи маводи илмӣ-методӣ, таълимӣ барои китобдорон, таъмир ва хариди мебелҳо аз ҳисоби маблағҳои «Барномаи рушди фаъолияти

[1] Гузориш оид ба иҷрои «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» // БҶ КМТ. – 2017. – С.2-3.

китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» то соли 2015 дар маҷмӯъ 4 млн. 230 ҳазору 32 сомонӣ масраф гардидааст[1].

Тибқи «Барномаи давлатии комютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» дар маҷмӯъ барои харидории технологияи муосир, аз қабили компютер, принтер, сканер ва мизу курсиҳои компютерӣ 1 млн. 35 ҳазор сомонӣ сарф карда шуд[2].

Дар радифи дастовардҳо дар ин самт, бинобар сабаби ҷудо нагардидани маблағҳои пешбинишуда на ҳамаи нақшаи чорабиниҳои татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи китобдорӣ иҷро шуданд. Масалан, барои татбиқи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» ҳамагӣ 5797000 сомонӣ маблағ пешбинӣ шуда буд. Аз ин ҳисоб 4230032 сомонӣ (72,97%) маблағ масраф шуда, боқимонда маблағҳо ба миқдори 1566968 сомонӣ (27,03%) бо сабабҳои бухрони иқтисодӣ истифода нашуданд. Аз ҷумла, нишондоди сархати 3-юми банди 1-и «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» – таъсиси лабораторияҳои таъмиру тармими китоб дар назди калонтарин китобхонаҳои ҷумҳурӣ имконнопазир гардид, сархати 4-уми банди 2 – таҳияи низомнома «Дар бораи ба хориҷ баровардани ҳуҷҷатҳои китобхонавӣ», махсусан нашрҳои нодир ва пурқимат ичро нагардид, сархати 7-уми банди 5 – таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ барои пешниҳод ба созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ЮНЕСКО оид ба сохтмони бинои нави китобхонаҳои ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ дар шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ иҷро нашуд.[3]

---

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2016. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – С.31.

[2] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 // БҶ ВФ ҶТ. – 2015. – С.7-8.

[3] Гузориш оид ба рафти иҷрои нишондодҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» // БҶ ВФ ҶТ: маводҳои ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги ҶТ барои соли 2015. – С.2, 5, 14, 16.

## §3. Нақши озмуну фестивалҳои китобдорӣ дар такмили фаъолияти китобхонаҳо

Дар даврони истиқлол барои шиносоӣ ва омӯзиши вазъи воқеии фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ва андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати бартарафсозии камбудиву норасоиҳои ҷойдошта ва ҳамзамон таҳияву пешниҳоди тавсияномаҳо ва муайянсозии роҳҳои минбаъдаи рушди соҳа, дар қаламрави ҷумҳурӣ озмуну фестивалҳо баргузор шуданд.

Бо ташаббуси Китобхонаи давлатии бачагонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шоири маҳбуби кӯдакону наврасони тоҷик Наримон Бақозода ва ҳамзамон дастгирии Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ аз соли 1996 то соли 2005 дар миқёси мамлакат Фестивали **«Китоб ва мусиқӣ»** баргузор гардид. Ин фестивал идомадиҳандаи ҷашни «Ҳафтаи умумииттифоқии китоби кӯдакон ва наврасон» мебошад, ки дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди шӯравӣ дар рӯзҳои таътили мактаббачагон баргузор мегардид. Аз соли 2006 инҷониб ин фестивал ҳамасола, аз 2 то 9 апрел таҳти унвони Фестивали **«Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон»** дар саросари ҷумҳурӣ баргузор мегардад. Оид ба тарзу усули баргузории фестивал, низомнома, номгӯи чорабиниҳо ва намунаи сенарияҳои он дастурҳои методӣ[1] интишор ёфтаанд, ки бо истифода аз онҳо созмондиҳандагони фестивал ба мақсаду вазифаҳо, тартиби баргузорӣ, талаботу шартҳои озмунҳо шинос мешаванд. Ҳамзамон, ҷараёни баргузории фестивал ва

[1] Ҳафтаи китоби кӯдакон ва наврасон: услубҳои педагогӣ – иттилоотии тарғиби китоб: тавсиф ба китобдорон / КДБҶ ба номи М.Миршакар; таҳияи Ҷ. Шерматов, С. Шосаидов. – Душанбе: Санадвора, 2005. – 40 с.; Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон»: мавод барои созмондиҳандагони фестивал / мураттиб Ҷ. Раҷабов. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 32 с.; Пайвандгари аслҳову наслҳо: мавод барои созмондиҳандагони фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» / мураттибон Қ. Авғонов, Н. Муслихов. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 112 с.; Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон»: дастури маълумотӣ–библиографӣ барои иштирокчиён ва созмондиҳандагони Фестивал / мураттиб Қ. Авғонов. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 24 с.; Як ҳафтаи фараҳбахш: дастури таълимӣ–методӣ барои созмондиҳандагони Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» / мураттиб Қ. Авғонов. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 192 с.; Аз китоб ояд ба дил нуру сафо: бахшида ба Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» / мураттиб Қ. Авғонов; муҳаррир С. Ҳасанзода. – Душанбе: Истеъдод, 2015. – 208 с.

натиҷаҳои он тавассути васоити ахбори омма мавриди тарғиб қарор мегирад ва дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ оид ба лаҳзаҳои фараҳбахши фестивал ҳамасола маводи ҷолиб дарҷ мегардад.

30 ноябри соли 1997 ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии кори китобхонаҳои мамлакатро таҳти унвони **«Чароғи ҳидоят»** тасдиқ намуд. Тибқи Низомнома ҳадафи асосии озмун бо дарназардошти вазифаву талаботҳои даврони истиқлол беҳбуд бахшидан ба фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотӣ дар раванди китобдорӣ, омӯзиш ва таҳлили дороии фонди китобхонаҳои мамлакат ва такмили онҳо бо адабиёти тозанашр, ташкилу баргузории чорабиниҳои муҳимми соҳавӣ ва бо истифода аз воситаҳои тарғиботии китоб ҷалби ҳарчи бештари хонандагон ба китобхониву донишандӯзӣ буд. Бахусус, фаҳмондадиҳии моҳияти таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, ки на танҳо аҳаммияти таърихӣ, балки иҷтимоиву сиёсӣ дошт, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи китобхонаҳо маҳсуб ёфт. Дар доираи чорабиниҳои озмуни «Чароғи ҳидоят» дар китобхонаҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ силсилаи чорабиниҳо, аз қабили конфронсу семинарҳо, вохӯриву мизҳои мудаввар баргузор шуда, феҳристу картотекаҳо ва рӯйхатҳои тавсиявии адабиёт тартиб дода шуданд. Аз ҷумла, дар Китобхонаи вилоятии ба номи С. Айнии минтақаи Кӯлоб бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён ва 90-солагии зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров суҳбатҳо дар мавзӯи «Адабиёт ва ҳунар дар давраи Сомониён», «Бобоҷон Ғафуров – фарзанди фарзонаи миллати тоҷик» хеле пурмазмун доир гардиданд[1]. Ҳамзамон, конфронсҳои илмӣ-амалӣ дар Китобхонаи миллии ба номи А. Фирдавсӣ, Китобхонаи бачагонаи ҷумҳуриявӣ, Китобхонаи вилоятии ба номи Т. Асирӣ таҳти унвонҳои «Китобу китобдорӣ дар аҳди Сомониён», «Фаъолияти китобхонаҳо дар даврони Сомониён», «Китоб – сарчашмаи маърифат»

[1] Муҳиддинов С. Чароғи зиндагӣ барафрӯзем!: китобхонаҳои оммавӣ дар вилояти Хатлон / С. Муҳиддинов, Ш. Тошев // Баҳори Аҷам. – 1999. – №8 (15).

барпо гардиданд. Дар доираи ҳамин гуна чорабиниҳо бо назардошти беҳбуд бахшидани фаъолияти на танҳо китобхонаҳо, балки ҳама муассисоти фарҳангӣ дар шаҳраки Сомониёни ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ), семинар-машварати роҳбарон, мутахассисони муассисаҳои фарҳангии водиҳои Ҳисору Қаротегин (ҳоло Рашт) бо иштироки намояндагони Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, ДДСТ ба номи М. Турсунзода барпо гардид. Дар давоми соли 1999 аз ҷониби китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ва Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот беш аз 10 дастурҳои методию библиографӣ омода карда шуд, ки «Давраи тиллоии тоҷикон» «Давлати бузурги бостонӣ», «Сайре дар олами китоб», «Аз таърихи китобдории тоҷикон» аз ҷумлаи онҳост.

Натиҷагирӣ аз рафти баргузории озмун дар маҷлиси ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, ишора шуд, ки дар озмуни ҷумҳуриявии кори китобхонаҳои оммавӣ «Чароғи ҳидоят» на ҳамаи китобхонаҳои оммавии вилоятҳои Ленинобод ва Хатлон фаъолона ширкат варзидаанд. Баъзан конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва барномаҳои идона дар сатҳи паст доир шуда, дар чорабиниҳо ашхоси шинохтаи аҳли адабу санъат кам ҷалб карда мешаванд. Дар ноҳияи Мастчоҳи Кӯҳии вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) барои беҳбуди фаъолияти клубу китобхонаҳо аз ҷониби раёсати фарҳанги вилоят ба таври бояду шояд мадад расонида намешавад. Ҳол он, ки фарҳангиёни ин ноҳияи навташкил муҳтоҷи дастурҳои методӣ, маслиҳату машварат ва кумаки бевосита дар таҳияи барномаҳо буда, ниёз ба дастгирии ҳамаҷониба доранд. Дар ин ноҳия қариб, ки клубу китобхонаҳои обод вуҷуд надоранд. Клубу китобхонаҳои таъмирталаб дар дигар ноҳия ва деҳаҳои вилояти Ленинобод бисёр буда, чандин сол боз рӯи таъмирро надидаанд. Дар вилояти Хатлон бошад фаъолияти кормандони китобхонаҳои ноҳияҳои Восеъ, Совет (ҳоло Темурмалик), Маскав (ҳоло Ҳамадонӣ), Шуробод (ҳоло Шамсиддин Шоҳин) ба талабот пурра ҷавоб

намедиҳанд. Дар ин ва боз чанд ноҳияи дигар мазмуну мундариҷаи чорабиниҳои гузаронидашуда, услуби ҷобаҷогузории мавод дар захираи китобӣ, натиҷаи нишондиҳандаҳои асосии китобхонаҳо, таҳияи феҳристу картотекаҳо ба талаботи озмун ҷавобгӯ нестанд. Бисёр ходимони китобхонаҳои ҳар ду вилоят аз кам будани маош ва шароити хуби корӣ шикоят доранд.[1]

Дар ҷамъбасти озмуни ҷумҳуриявии «Чароғи ҳидоят» ҳафт китобхона ғолиб дониста шуд. Ба Китобхонаи вилоятии ба номи Т. Асирии вилояти Ленинобод Дипломи дараҷаи аввал, ду ҷой дуюм ба Китобхонаи ВМКБ ва Китобхонаи бачагонаи минтақаи Кӯлоб, ду ҷой саввум ба китобхонаҳои марказонидашудаи шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) ва ноҳияи Ленин (ҳоло Рудакӣ) супорида шуд. Диплом «Барои беҳтарин тарғиби мероси миллии халқи тоҷик» ба Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ ва Диплом «Барои беҳтарин корҳои ташкилию созмондиҳӣ» ба Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагона дода шуд. Барои ширкати фаъолона дар ташкил ва гузаронидани Озмун 105 нафар кормандони китобхонаҳо бо нишони сарисинагии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ифтихорнома», Дипломи вазорати фарҳанг ва мукофотҳои пулӣ сарфароз гардонида шуданд[2].

«Хидмати бузурги «Чароғи ҳидоят» ин буд, ки дар ҳамаи ноҳияву вилоятҳо тавассути гузаронидани конференсияҳои илмию амалӣ бо иштироки хонандагон, вохӯриҳо бо олимон ва адибон, санҷиши фаъолияти китобхонаҳои давлатию шахсӣ, сафи китобхонҳоро зиёд намуд».[3]

Моҳи феврали соли 2000 Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф, Кумитаи кор бо ҷавонони назди

---

[1]Оид ба рафти озмуни ҷумҳуриявии кори китобхонаҳо «Чароғи ҳидоят» бахшида ба 1100-солагии Давлати Сомониён ва 90-солагии Б.Ғафуров дар китобхонаҳои вилоятҳои Ленинобод ва Хатлон: қарори маҷлиси ҳайати мушовараи ВФ ҶТ аз 13.07.1999, №5/40 // БҶ ВФ ҶТ: қарорҳои мушовараи ВФ ҶТ. – 1999. – С. 2.

[2] Оиди фаъолияти солонаи (1999) Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоду дархостҳо роҷеъ ба самтҳои минбаъдаи кор дар соли 2000 : гузориши вазири фарҳанг Б. А. Маҳмадов. – Душанбе, 2000. – С. 13-14.

[3] Оиди фаъолияти солонаи (1999) Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоду дархостҳо роҷеъ ба самтҳои минбаъдаи кор дар соли 2000 : гузориши вазири фарҳанг Б. А. Маҳмадов. – Душанбе, 2000. – С. 13.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чиҳати гузаронидани Озмуни ҷумҳуриявии кори китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ **«Дониш талабу бузургӣ омӯз»**, бахшида ба Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ ва 9-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қарори муштарак қабул карданд. Тибқи нишондоди Низомномаи озмун, дар давраи озмун бояд фаъолияти китобхонаҳо ба беҳтар намудани дараҷаи хизматрасонӣ ба хонандагон, омӯзиш ва ба инобат гирифтани майлу рағбати онҳо, такмилу мавриди истифода қарор додани захираи китобӣ, тарғиби адабиёти риштаҳои гуногуни дониш, ташкили хадамоти библиографӣ нигаронида шавад ва китобхонаҳо барои ноил шудан ба унвони «Беҳтарин китобхонаи бачагонаи (мактабии) ноҳия, шаҳр, вилоят», «Беҳтарин хонандаи китобхона», «Беҳтарин китобдор» ҳарчи бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд[1]. Дар доираи озмун Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳурӣ тавассути пурсишнома (анкета) фикру андешаи китобдоронро нисбати дороии захираи китобхонаҳои мактабӣ, вазъи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ба китоб доштаи мактаббачагону омӯзгорон, мавриди омӯзиш қарор дод. Ба ақидаи муҳаққиқон, барои ба ҳадафи асосӣ расидан ва китобхонаҳои мактабиро ба маркази ҳақиқии маърифатомӯзӣ ва ҷойи дӯстдоштаи мактаббачагон табдил додан, қабл аз ҳама, захираи китобхонаро ба адабиёти пурмазмуну баландғоя, ҷавобгӯи талаботи давр ва ба фаҳмишу идрок ва ҷаҳонбинии хонандаи хурдсол мувофиқу созгор таъмин намудан, ба мақсад мувофиқ аст. Зеро мазмуну мундариҷаи захираи китобхонаҳои мактабӣ ба ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат намекунанд. Тибқи нишондоди таҳқиқот, аз захираи китобии китобхонаҳои мактабӣ дарёфт кардани осори баландғояю гаронбаҳои ниёгон, бахусус асарҳои классикони тоҷику форс: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Муҳаммади Авфӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Камолиддини Биноӣ, Зайниддини Восифӣ, Сайидои Насафӣ

---

[1] Тошев Ш. Оё кӯдакон китоб мехонанд: оид ба рафти Озмуни ҷумҳуриявии кори китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ «Дониш талабу бузургӣ омӯз» / Ш. Тошев // Ҷумҳурият. – 2000. – 7 сентябр. – №101 (20412).

душвор гардидааст. Масалан, пурсиш нишон додааст, ки дар захираи китобии 23 (25,5%) китобхонаҳои мактабии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳрҳои Душанбе, Қўрғонтеппа (ҳоло Бохтар), Кўлоб, Хуҷанд, Кофарниҳон (ҳоло Ваҳдат), Турсунзода ва ноҳияи Ёвон ягон нусхаи асарҳои адибони номбаршуда нестанд ва ё дар китобхонаҳои мактабҳои №5-и ш. Турсунзода, №11-и ш. Хуҷанд, №5-и ш. Кўлоб, №67-и пойтахт ҳамагӣ 1-2 нусха асарҳои Рўдакиву Сино, Хайёму Саъдӣ нигоҳ дошта мешаванду халос. Илова бар ин, таҳқиқот муайян намуд, ки майлу рағбати толибилмон чиҳати мутолиаи асарҳои чопшуда дар кадом поя қарор доранд. Масалан, маълум гардид, ки 60 фоизи мактаббачагон барои мутолиаи асарҳои классикони тоҷику форс ба китобхона муроҷиат менамоянд. 58,8 фоиз майлу рағбати хониши асарҳои таърихиро доранд. Барои амиқомўзии фанҳои риёзӣ (48,8%), забони форсӣ (47,7%), кимиё (41,1%) мактаббачагон адабиёт дархост мекунанд. Ба андешаи таҳқиқотчиён, афзудани таваҷҷуҳи насли хурдсол ба омўзиши осори ниёгон ва асарҳои таърихӣ, қабл аз ҳама, дар он аст, ки соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳёю омўзиши арзишҳои маънавию фарҳангӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ шароитҳои мусоиде фароҳам овард. Сониян, ворид шудани фанҳои нави таълимӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва тавсияи адабиёти иловагӣ барои омўзиши ин фанҳо аз ҷониби омўзгорон мактаббачагонро водор сохт, ки ба китобхонаҳо бештар муроҷиат намоянд[1]. Рафти баргузории озмуни «Дониш талабу бузургӣ омўз» ва инъикоси нишонрасиву самарабахшии он 17 маротиба тавассути телевизион ва радиои ҷумҳурӣ пахш гардида, 21 мақолаву гузоришҳои ҷолиб дар саҳифаҳои матбуоти даврии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба табъ расиданд[2].

Бо мақсади ғанӣ гардонидани раванди баргузории ҷашнҳои бузурги соли 2003 ва густариши тақвияти фаъолияти китобхонаҳои деҳот, аз моҳи

---

[1] Тошев Ш. Китобхонаи мактаб дар оғози асри нав: натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ / Ш. Тошев // Китоб. – 2000. – №3. – декабр.

[2] Мирзоҳодиев М. Дониш талаб то азиз шавӣ: оид ба ҷамъбасти Озмуни ҷумҳуриявии кори китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ «Дониш талабу бузургӣ омўз» / М. Мирзоҳодиев // Китоб. – 2000. – №3. – декабр.

март то ноябри соли 2003 дар қаламрави мамлакат бори нахуст Озмуни ҷумҳуриявии китобхонаҳои деҳот таҳти унвони **«Китобхонаи намунавӣ»** баргузор гашт. Дар чорабинии мазкур раёсатҳо ва шуъбаҳои фарҳанги вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо иштироки васеи китобхонаҳои деҳотро таъмин намуданд. Дар ин давра китобхонаҳо усулу равишҳои наву самарабахши тарғиби китобро ба роҳ монда, бо истифода аз чорабиниҳои фарҳангӣ, аҳолии деҳотро ба неруи созандагӣ, ташаккули ифтихор аз меҳану миллати хеш, гиромидошти арзишҳои миллию умумибашарӣ даъват намуда, ободонӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии китобхонаҳоро созмон доданд. Даври дуюми озмун моҳи декабри соли 2003 ҷамъбаст гардид[1].

Тавассути озмун фаъолияти китобхонаҳои деҳот аз рӯи меъёрҳои зерин мавриди санҷиш қарор дода шуд: нақши китобхонаҳои деҳот ҳамчун муассисаи фарҳангӣ ва иттилоотӣ дар густариши маънавиёти аҳолии деҳот; дороии хазинаи китобхонаҳо ва вазъи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолии деҳот ба китоб; саҳми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар беҳбуд кардани фаъолияти китобхонаҳои деҳот; ҷалб кардани воситаҳои ғайрибуҷавӣ барои таҳкими заминаи моддиву техникии китобхонаҳо; дар сатҳи баланд тарғибу ташвиқ намудани сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; вазъи ободонӣ, бо асноди коргузорӣ ва дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ таъмин будани китобхонаҳои деҳот. Натиҷагирӣ аз озмун муайян намуд, ки китобхонаҳои деҳоти шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Панҷ, Бохтар, Бобоҷон Ғафуров, Спитамен, Истаравшан, Рошткалъа, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Роғун, Турсунзода, Файзобод, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Ҳисор, Нуробод, Рашт баҳри дар амал татбиқ намудани талаботҳои низомномаи озмун ва пурмӯҳтавою дар сатҳи баланд доир намудани чорабиниҳо бахшида ба 12 – солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли байналмилалии Оби тоза бештар саҳм гирифта, тавассути баргузории силсилаи чорабиниҳои оммавӣ дар тарғиби захираи китобӣ, кӯшиш ба харҷ додаанд. Ҳамзамон, чуноне,

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2003 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2004. – Душанбе: Матбуот, 2004. – С. 21-22.

ки аз ҷамъбасти озмун маълум гардид, дар радифи дастовардҳо дар фаъолияти китобхонаҳои деҳот камбудиву норасоиҳои зиёд ҷой доранд. Аз ҷумла: кам ворид шудани адабиёти тозанашр ба захираи китобхонаҳо; номукаммалии захираи нашрҳои маълумотдиҳанда (донишномаҳо, луғатҳо, маълумотномаҳо, роҳнамоҳо, тақвимҳо); маҳдуд будани обуна ба нашриёҳои даврӣ; бо асноди коргузорӣ сари вақт таъмин нагаштани китобхонаҳо; таъмирталаб будани бинои китобхонаҳо; бо технологияи нави иттилоотӣ ва мутахассисони баландихтисос ниёз доштани китобхонаҳо; дар сатҳи паст қарор доштани маоши китобдорон[1]. Ин ва дигар тавсияномаҳое, ки аз ҷониби ҳайати ҳакамоти озмун пешниҳод шудаанд, воқеан имрӯз ҳам арзиши илмиву методии худро нигоҳ дошта, метавонанд барои бозсозии фаъолияти китобхонаҳои деҳот мусоидат намоянд.

Соли 2014 Китобхонаи давлатии патентию техникӣ бо мақсади баланд бардоштани мақоми китоб ва касби китобдор, тасмим гирифт, ки боз як чорабинии муҳимми сатҳи ҷумҳуриявӣ, озмуни **«Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол»**-ро баргузор намояд. Озмун бори аввал дар ҷумҳурӣ аз рӯи се номинатсия «Китобдори сол», Китобхонаи сол» ва «Китобхонаи шахсии сол» гузаронида шуд, ки мақсади асосии он баланд бардоштани нақшу мақоми китоб, самарабахшӣ ва сатҳу сифати фаъолияти китобдор ва китобхона дар ҷомеа, тарғибу ташвиқи дастовардҳои соҳаи китобдорӣ, муайян ва муаррифӣ намудани фаъолияти босамар дар байни китобхонаҳо ва кормандони он, ҳавасмандгардонии китобдорону китобхонаҳо ва ҷалби ҳарчи бештару бештари аҳолии кишвар ба китобхонӣ буд.

Тибқи муқаррароти Низомномаи озмун аз ҷониби Кумитаи тадорукот то санаи 30 июни соли 2014, 41 ариза ҷиҳати иштирок дар озмун аз рӯи номинатсияи «Китобхонаи сол» (2 китобхонаи сатҳи ҷумҳуриявӣ, 4 китобхонаи оммавии вилоятӣ, 1 китобхонаи бачагонаи вилоятӣ, 4 китобхонаи донишгоҳӣ, 7 китобхонаи шаҳрӣ ва 23 китобхонаи ноҳиявӣ), 44

---

[1] Тошев Ш. Китобхонаи намунавӣ: натиҷаи озмуни ҷумҳуриявии китобхонаҳои деҳот / Ш. Тошев // Баҳори Аҷам. – 2004. – №2. – феврал.

ариза аз рӯи номинатсияи «Китобдори сол» (аз 13 шаҳр ва 25 ноҳия) ва 3 ариза аз рӯи номинатсияи «Китобхонаи шахсии сол» (аз вилояти Хатлон – 2, аз ВМКБ – 1) ба қайд гирифта шуд. То санаи 15 августи соли 2014 ҳуҷҷатҳои иштирокчиён-довталабони озмун ба расмият дароварда шуд. Иштирокчиёни озмун ба воситаи овози гирифташуда (тариқи паёмакҳо), инчунин аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида, аз ҷониби ҳайати Ҳакамони озмун баҳогузорӣ карда шуданд.[1]

Натиҷаи озмуни мазкур дар «Рӯзи китоб» – 4 сентябр, дар семинари ҷумҳуриявии соҳаи китобдорӣ, ки дар маҷлисгоҳи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гашт, эълон карда шуд ва ба ғолибони озмун аз ҷониби Кумитаи тадорукот «Диплом»-ҳо, «Ифтихорнома»-ҳо, туҳфаҳои хотиравӣ ва ҷоизаи «Гран-при» супорида шуданд. Аз ҷумла, дар асоси қарори Ҳакамони озмун барои ишғоли «Ҷойи якум» дар номинатсияи «Китобдори сол» Марҳабо Раҷабова – сардори шуъбаи адабиёти тиббии Китобхонаи оммавии вилояти Суғд ба номи Тошхӯҷа Асирӣ бо «Дипломи дараҷаи 1», ҳамчунин туҳфаи хотиравӣ «Компютер Pentium 4», барои ишғоли «Ҷойи якум» дар номинатсияи «Китобхонаи сол» Китобхонаи вилояти Суғд ба номи Тошхӯҷа Асирӣ бо «Дипломи дараҷаи 1», ҳамчунин туҳфаи хотиравӣ «Телевизор», барои ишғоли «Ҷойи якум» дар номинатсияи «Китобхонаи шахсии сол» Китобхонаи шахсии Тилло Самад бо «Дипломи дараҷаи 1», ҳамчунин туҳфаи хотиравӣ «Яхдон» сарфароз гардонида шуд. Дар асоси қарори Ҳакамони озмун барои ишғоли «Ҷойи дуюм» дар номинатсияи «Китобдори сол» Замирова Лайлӣ – директори Китобхонаи бачагонаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар номинатсияи «Китобхонаи сол» Китобхонаи илмии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, дар номинатсияи «Китобхонаи шахсии сол» Китобхонаи шахсии Амирҷоновҳо, аз ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо «Дипломи дараҷаи 2» сарфароз гардонида шуданд. Дар асоси қарори Ҳакамони озмун барои ишғоли «Ҷойи сеюм» дар номинатсияи «Китобдори

[1] Боев Б. Китобхонаи давлатии патентию техникӣ дар масири таърих / Б. Боев // Китобдор. – 2015. – №1 (11). – С. 18-19.

сол» Валамат Шарипова – саркитобдори шуъбаи феҳристҳои электронии Китобхонаи давлатии патентию техникӣ, дар номинатсияи «Китобхонаи сол» Китобхонаи вилояти Хатлон ба номи Садриддин Айнӣ, дар номинатсияи «Китобхонаи шахсии сол» Китобхонаи шахсии Тағоймуродовҳо, аз шаҳри Нораки вилояти Хатлон сарфароз гардонида шуданд. Тибқи қарори Ҳакамони озмун Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» бо «Диплом» ва «Ҷоизаи махсус»-и Озмун сарфароз гардонида шуд. Рафти овоздиҳӣ ба иштирокчиёни озмун, маълумот дар бораи иштирокчиён - довталабони озмун дар сомонаи интернетии Китобхонаи давлатии патентию техникӣ бо нишонии **www.gptb.tj** ҳамарӯза инъикос ёфт.[1]

Озмуни «Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол» мувофиқи низомномааш дар ду сол як маротиба гузаронида мешавад. Соли 2016, тибқи натиҷагирӣ Шоҳҷоизаи озмуни мазкур дар номинатсияи «Китобхонаи сол» ба Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар, ҷойи якум ба Китобхонаи оммавии вилояти Хатлон ба номи Шамсиддин Шоҳин, ҷойи дуюм ба Китобхонаи вилоятии ба номи С. Айнии шаҳри Кӯлоб ва ҷойи сеюм ба Китобхонаи илмии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон сазовор дониста шуд. Дар номинатсияи «Китобдори сол» ҷойи якум ба сармутахассиси Китобхонаи миллии Тоҷикистон Ҷамил Валиев, дар номинатсияи «Китобхонаи шахсии сол» ҷойи якум ба Ҳакималӣ Назаралиев аз шаҳри Ҳисор дода шуд.[2]

Бо мақсади ҷалби ҳарчи бештару беҳтари кӯдакону наврасон ба китобхониву китобхона, тарғибу ташвиқи мероси гаронмояи фарҳанги миллӣ ва дастовардҳои даврони истиқлол дар байни онҳо, тарбияи эҳсоси баланди худшиносиву ватандӯстӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас бо қарори маҷлиси ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2015, №2/6 озмуни ҷумҳуриявии

---

[1] Боев Б. Китобхонаи давлатии патентию техникӣ дар масири таърих / Б. Боев // Китобдор. – 2015. – №1 (11). – С. 19-20.

[2] Натиҷаҳои фаъолияти Вазорат дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – С. 34.

«Библиомарафон» тахти унвони **«Ҳамнишине беҳ аз китоб маҳоҳ»**[1] аз моҳи март то моҳи сентябри соли 2015 дар ду давр дар қаламрави ҷумҳурӣ баргузор гардид. Бино ба ҳадаф ва вазифаҳояш озмун дар самти ҷалби кӯдакону наврасон ба мутолиаи китоб, ташаккули майлу рағбати китобхонӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги иттилоотӣ, таъмини дастрасӣ ба мероси таърихиву фарҳангӣ, тарбияи ҳисси эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, мусоидат кард. Соли 2016 ин озмун аз рӯи се номинатсия: «Хонандаи беҳтарин», «Китобхонаи беҳтарин» ва «Оилаи китобдӯст» дар моҳи ноябр баргузор шуд.[2]

Бо қарори маҷлиси ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврал то 5 апрели соли 2016 дар миқёси ҷумҳурӣ Фестивали ҷумҳуриявии **«Китоб ва мусиқӣ барои кӯдакону наврасони Тоҷикистон»**[3] баргузор гардид, ки ҳадафу вазифаҳои асосии он мусоидат ба дарки неруи бузурги китобу мусиқӣ дар тараннуми ҳаёти насли наврас, эҳтиром ба мероси хаттӣ ва мусиқии ниёгон, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои мухталифи шавқовар, маҳфилҳои гуногун, аз қабили «Синфи китобдӯст», «Навоҳои дилангези кӯдакон», «Ромишгарони наврас» бо ширкати роҳбарони хониш, адибону олимон, композиторон ва аҳли хунар, иборат буд.

Илова бар ин, озмунҳои марбут ба кори китобхонаҳо дар сатҳи вилоятҳои ҷумҳурӣ низ доир гардиданд. Масалан, бо ибтикори Идораҳои фарҳанги вилоятҳои Суғд ва ВМКБ озмуни **«Китобдори беҳтарини сол»**[4] дар байни китобхонаҳои бачагонаи вилояти Суғд, ва озмуни **«Китобхонаи**

---

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорат дар соли 2015 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2016. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – С. 30-31.

[2] Натиҷаҳои фаъолияти Вазорат дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – С. 34.

[3] Натиҷаҳои фаъолияти Вазорат дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – С. 34.

[4] Ҳоҷибоева М. Озмуни «Китобдори беҳтарини сол» / М. Ҳоҷибоева // Китобдор. – 2009. – №1 (5). – С.12; Турсунова М. Озмуни «Бонучаи Суғдӣ» / М. Турсунова // Китобдор. – 2009. – №1 (5). – С.13; Расулова М. Иштироки кӯдакон дар озмуни китобхона / М. Расулова // Китобдор. – 2010. – №1 (7). – С. 29-30; Қодирова Б. Дастовардҳои китобхонаҳои шаҳри Конибодом дар даврони истиқлол / Б. Қодирова // Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 69-70.

**беҳтарини вилоят»**[1] дар байни китобхонаҳои ВМКБ ташкил ва гузаронида шуданд.

Ҳамин тавр, дар даврони истиқлол бо ибтикори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии патентию техникӣ ва Идораи фарҳанги вилоятҳо озмуну фестивалҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятии навъҳои гуногуни китобхонаҳои мамлакат доир гардиданд. Баргузории озмунҳо дар радифи муваффақиятҳо ба бештари муаммоҳои ҷойдошта равшанӣ андохтанд. Имкон доданд, ки вобаста ба шароитҳои мавҷуда дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат навгониҳо ҷорӣ шаванд. Сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ беҳтар гардида, теъдоди хонандагони китобхонаҳо афзоиш ёбанд. Баъзе аз тавсияномаҳо ва пешниҳодҳои ҳайати ҳакамоти озмунҳо татбиқи воқеии худро ёфтанд. Аз ҷумла, таҳияи барномаи табъу нашри китобҳо барои кӯдакону наврасон ва интишори онҳо аз ҷониби нашриётҳои давлатӣ, ҷорӣ шудани тахассуси нави «Китобдор – омӯзгор» дар факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода (ҳоло Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода) бо мақсади таъмини китобхонаҳои бачагона ва мактабии ҷумҳурӣ бо кадрҳои баландихтисоси риштаи китобдорӣ, таҳияву такмили санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ доир ба соҳаи китобдорӣ, то андозае роҳи ҳалли худро пайдо карданд ва барои мувофиқу созгор намудани фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ба вижагиҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва талаботҳои даврони истиқлол, мусоидат карданд. Илова бар ин, бештари тавсияномаҳое, ки баъди ҷамъбасти озмунҳо пешниҳод шудаанд, барои ташаккули фаъолияти китобхонаҳои кунунӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ, имрӯз ҳам муфид мебошанд.

[1] Чароғабдолов А. Вазъи китобдорӣ ва фаъолияти китобхонаҳои ВМКБ дар даврони истиқлол / А. Чароғабдолов // Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 27-28.

# БОБИ 2. ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ КИТОБХОНАҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

## §1. Имкониятҳои китобхонаҳои электронӣ дар тавлид ва пахши иттилоот

Пайдоиши воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, бахусус компютерҳои фардӣ барои тайёрнамоӣ ва ҳифзу нигоҳдории нусхаҳои электронӣ, рушди китобчопкунии электронӣ шароитҳои зарурироо фароҳам оварда, дар бунёди китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ дар Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузошт. Яъне, бо истифода аз технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имкони таъсиси китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ ба миён омад ва ин падида имкон дод, ки хизматрасонии китобдорӣ беҳтару хубтар ба роҳ монда шавад ва эҳтиёҷи ба китоб ва умуман иттилоот доштаи хонандагон, новобаста аз вақту замон, сари вақт қонеъ гардад.

**Зери мафҳуми «китобхонаи электронии анъанавӣ»** мо китобхонаҳоеро дар назар дорем, ки дар захираҳои худ матни электронии китобҳои чопиро бо низоми муайян ва дастрас ба хонанда нигоҳ дошта, новобаста аз пайвастшавӣ ба шабакаи байналмилалии Интернет фаъолият менамоянд. Бахусус ин навъи китобхонаҳо баъд аз пайдоиши компютерҳо дар бештари китобхонаҳои муқаррарии мамлакат ташкил карда шуданд ва баъзе аз онҳо фаъолияти хуби хизматрасониро ба роҳ мондаанд.

**Зери мафҳуми «китобхонаи электронии маҷозӣ»** (виртуалӣ) китобхонаҳоеро дар назар дорем, ки бо шабакаи байналмилалии Интернет пайваст буда, дар захираи худ матни электронии китобҳои чопиро бо низоми муайян ва дастрас ба хонандаи дурдаст нигоҳ дошта, хизматрасонии фосилавиро ба роҳ мемонад. Ин навъи китобхонаҳо, асосан дар китобхонаҳое арзи вуҷуд доранд, ки он ҷо воситаҳои нави

иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба шабакаи байналмилалии Интернет пайваст аст.

Пайдоиши китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ дар назди кормандони китобхонаҳои мамлакат вазифаҳои нав гузошт. Қабл аз ҳама, онҳоро вазифадор кард, ки дар фаъолияти китобхонаҳо равишҳои нави хизматрасонии китобдориро вобаста ба талаботҳои замони муосир роҳандозӣ намоянд. Роҷеъ ба ин масъала аз ҷониби мутахассисони соҳа ақидаҳое пайдо шуданд, ки гӯё бо пайдо шудани технологияи нав ва китобхонаҳои электронӣ фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ қатъ меёбад. Албатта ин ақида асоси воқеӣ надорад. Имрӯз бештари мутахассисон бар он ақидаанд, ки манбаҳои иттилоотии чопӣ ва электронӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар тавассути воситаҳои маъмул ва нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Агар фонди китобхонаҳои анъанавӣ ба ҳайси манбаи боэътимодноки пайдоиши китобҳои электронӣ истифода шаванд, яъне истифодаи матни китобҳои чопӣ барои нашри китобҳои электронӣ, бахусус доир ба масоили таърих, илмҳои дақиқ ва дигар соҳаҳои дониш шароит муҳайё созанд, китобхонаҳои электронии маҷозӣ бо таври оҷилӣ ва новобаста аз мавқеи ҷойгиршавию нигоҳдории манбаъ дар паҳншавӣ ва мавриди истифода қарор додани он мусоидат менамояд[1].

Ақидаҳое низ вуҷуд доранд, ки гӯё истифодаи сомонаҳои интернетӣ ба раванди хониши анъанавӣ ва хадамоти китобдорӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Масалан, таҳқиқоти сотсиологие, ки аз ҷониби равоншиноси Литсей-интернати Президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳрулло Саидов гузаронида шудааст, собит сохт, ки ба андешаи наврасон, омилҳои зерин боиси аз китобхонӣ дур шудани онҳо гаштааст: 70,6% - пурсидашудагон омилӣ аз китобхонӣ дуршавиро дар тамошои телевизион ё фитаҳои (диск) гуногун арзёбӣ карданд. 18,2%-и дигар бар он ақидаанд, ки омили дуркунанда аз китоб

[1] Комилзода Ш. Ташаккули фарҳанги китобдорӣ-иттилоотии хонандагон: дастур барои китобдорон / Ш. Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – С. 7-8.

робита ба шабакаи интернетиро меҳисобанд. 3,7%-и дигар омили дур шудан аз хондани китобро доштани телефонҳои мобилӣ медонанд. 7,4%-и омили ҷудошавиро аз китоб рафтан ба марказҳои компютерӣ арзёбӣ намуданд.

Ба ақидаи муҳаққиқ, омилҳои асосии аз китобхонӣ дур шудани хонандагон ин вақти зиёд сарф кардани онҳо ба шабакаи интернетӣ, тамошои телевизион ва фитаҳои гуногун, телефони мобилӣ, беназоратии падару модар, микдори зиёди сарбории таълимӣ, надоштани майлу рағбати шахсӣ, аз тарафи роҳбарони синф ва омӯзгорони фаннӣ водор накардан мебошанд. Дар охир муҳаққиқ барои ба китобхонӣ ҷалб намудани хонандагон иҷрои корҳои зеринро тавсия намудааст, ки усулан мо ҳам ҳамақидаем: ворид намудани унсури кори мустақилона аз фанҳои гуманитарӣ аз қабили адабиёт, ҷуғрофия, таърих ва ғайра; дар якҷоягӣ бо волидони хонандагон ба роҳ мондани назорати ҷиддӣ аз болои машғулияти хонандагон бо бозиҳои интернетӣ, телефони мобилӣ, тамошои фитаҳои гуногун; дар соатҳои тарбиявӣ омӯзонидани истифодаи дурусти вақти холӣ ба хонандагон; тақсими дуруст ва асосноки сарбории таълимии хонандагон бо назардошти имкониятҳои истифода аз китобхонаи мактаб; бедор намудани мароми хонандагон аз тарафи омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ; омӯзонидани фарҳанги техникӣ ба хонандагон, аз ҷумла, тарзи дуруст истифодабарии шабакаи интернетӣ; ташкил намудани маҳфилҳои бадеӣ барои шавқманд кардани хонандагон[1].

Ба андешаи мо, барои мушаххас намудани зарар ва ё фоидаи маводи интернетӣ ба раванди хониши китобҳои чопӣ ва ё умуман ба ҷараёни хизматрасонии китобдорӣ, саравввал зарур аст, ки мазмуну муҳтаво ва таъину мақсади матни пешниҳодшуда муайян карда шавад. Илова бар ин, муҳим аст, ки ба арзиши илмӣ ва маърифатии ҳар як маводи дар саҳифаҳои Интернет ҷойдодашуда таваҷҷуҳ зоҳир карда

[1] Саидов Б. Ҷавонон ва китоб / Б. Саидов // Омӯзгор. – 2016. – 27 май. – №22 (12038).

шавад. Ҳамзамон ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги истифодабарии маводи интернетӣ тадбирҳо андешида шавад.

Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки дар саҳифаҳои Интернет маводе низ дарҷ мегарданд, ки аз нигоҳи мазмуну муҳтаво, масъалагузорӣ, таҳлилу баррасӣ ва тарзу услуби баён ба талаботҳои маъмул ҷавобгӯй набуда, баръакс хонандаро ба иштибоҳ мебаранд ва маълумоти бардурӯғу иғвоангезро паҳн мекунанд. Агар сухан дар бораи интишори китобҳои электронӣ ва пешниҳоди онҳо бо воситаи Интернет равад бояд ба шаклгирию рушдёбии нашри ин навъи адабиёт шароитҳои заруриро муҳайё сохтан зарур аст, зеро китобҳои электронӣ дар радифи китобҳои чопӣ метавонанд дар ҷаҳонишавии хониш мавқеъ ва ҷойгоҳи хешро пайдо намоянд ва ба ҳамагон дастрас бошанд. Бартарии китобҳои электронӣ нисбат ба китобҳои чопӣ дар он аст, ки онҳоро хонанда новобаста аз макони нигоҳдорӣ ва замони истифода метавонанд бе ягон маъмоният дастрас ва мутолиа намояд. Илова бар ин, дастрасӣ ба китобҳои электронӣ на он қадар вақти тӯлониро талаб мекунад ва эҳтиёҷоти хонанда ба ин навъи китобҳо сари вақт қонеъ мегардад[1].

Ба андешаи муҳаққиқон Н. Нуруллоев ва Ҳ. Шарифов «технологияҳои навин китобҳои электрониро ба як системаи интерактивии мултимедӣ (чандинрасонагӣ) тартиб дода, истифодаи онҳоро васеъ менамоянд. Системаҳои интерактивӣ ба моделсозии объектҳои гуногун ва визуалӣ гардонидани он дар дохили китобҳои электронӣ бе истифодаи барномаҳои иловагӣ барои хонандагон ва ҳаводорони маводи электронӣ фазоеро ба вуҷуд меоранд, ки истифодабаранда пурра ба он ворид мегардад. Қисмати мултимедии маводи электронӣ имкони ба матни китобҳои электронӣ омехта сохтани тасвирҳои графикӣ, овоз, тасвирҳои ҳаракаткунандаи аниматсионӣ, ва видеофайлҳоро фароҳам месозад. Ҳамгирой будани мултимедиа ба китобҳои электронӣ истифодабарандаро аз маълумоте, ки ӯ мехоҳад

---

[1] Комилзода Ш. Ташаккули фарҳанги китобдорӣ-иттилоотии хонандагон: дастур барои китобдорон / Ш. Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – С. 9.

мутолиа намояд, пурра огоҳ менамояд, яъне дар вақти мутолиа намудан бовуҷуди доштани системаҳои мултимедӣ шахс ворид ё иштирокдори ҳамон ҳодиса мегардад»[1].

Барои бунёди китобхонаҳои электронӣ ва пайваста мукаммал гардонидани фонди онҳо бо китобҳои электронӣ, зарур аст, ки нашри китобҳои электронӣ дар фаъолияти тамоми муассисаҳои табъу нашри ҷумҳурӣ ба роҳ монда шавад. Ин иқдом имкон медиҳад, ки дар радифи такмили саривақтии фонди китобхонаҳои электронӣ, теъдоди нашри китобҳо афзоиш ёбад ва дастрасӣ ба истифодаи онҳо беҳтар гардад.

Ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ва пайдоиши технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар назди китобхонаҳои анъанавӣ вазифаҳои нав гузошт. Анакнун, «китобхонаҳо дар радифи иҷрои дархостҳои муқарраии хонандагон ҷиҳати истифодаи фонди чопӣ боз вазифадор шудаанд, ки ҳамчун марказҳои фароҳамоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, тавлиду коркард ва тарғибу ташвиқи манбаъҳои электронии иттилоотӣ ба хонандагони маҷозӣ (виртуалӣ) хизмат расонанд ва бо дарназардошти вижагиҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва дар рақобат бо дигар воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ шаклу усулҳои наву самарабахши хадамоти китобдориро мавриди истифода қарор диҳанд»[2].

Ворид шудани воситаҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ва пайваст шудани китобхонаҳо ба шабакаи байналмилалии Интернет на танҳо барои роҳандозии тарзу усулҳои нави хизматрасонии китобдорӣ ва сари вақт қонеъ намудани эҳтиёҷоти ба иттилоот доштаи хонандагон мусоидат намуд, балки барои бунёди захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ ва дар ин замина беҳтар намудани фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ва бунёди сомонаҳои интернетӣ шароити мусоид фароҳам овард.

---

[1] Нуруллоев Н. Китобҳои электронӣ / Н. Нуруллоев, Ҳ. Шарифов // Омӯзгор. – 2016. – 3 июн. – №23 (12039).

[2] Комилзода Ш. Ташаккули фарҳанги китобдорӣ-иттилоотии хонандагон: дастур барои китобдорон / Ш. Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – С. 10.

Ташаккули захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ, қабл аз ҳама, бояд тибқи муқаррарот дар асоси нишондоди қонунҳои амалкунадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии вазорату идораҳо, роҳандозӣ шавад. Барои татбиқи ин иқдом китобдоронро зарур аст, ки дар баробари хубу ҳамаҷониба донистани мазмуну муҳтавои қонунҳои амалкунанда, боз бештар усулҳои самарабахши истифодаи воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсиониро аз худ намуда, ҷиҳати ҷамъоварӣ, коркард, ҳифзу нигоҳдорӣ ва тарғибу истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ саҳмгузор бошанд.

Воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бештар барои бунёди се гурӯҳи захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ: захираи нашрҳои электронии дар CD-ROM ва дигар ҳомилҳои электронӣ сабтшуда; захираи ҳуҷҷатҳои электронии дар шабакаҳои дурдаст ҷойгиршуда; захираи ҳуҷҷатҳои электронии китобхонаи электронӣ, шароитҳои заруриро фароҳам меоранд.

То ба имрӯз 8 манбаи маъмули такмили захираи китобхонаҳои электронӣ бо истифода аз воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ арзи вуҷуд доранд, ки ҳар кадоме аз онҳо метавонад барои мукаммалгардонии захираи китобхонаҳо бо адабиёти зарурӣ мусоидат намояд.

Манбаи якуми такмили захираи китобхонаҳо, қабл аз ҳама, гирифтани нусхаҳои ҳатмӣ тибқи муқаррарот аз муассисаҳои табъу нашр.

Манбаи дуюм – харидорӣ намудани ҳуҷҷатҳои электронӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

Манбаи сеюм – гирифтани ҳуҷҷатҳои электронӣ ба сифати туҳфа аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

Манбаи чорум – рақамигардонии нашрҳои чопии китобхона, ки одатан аз ҷониби худи китобхона ба роҳ монда мешавад.

Манбаи панҷум – нусхабардории ҳуҷҷатҳои электроние, ки дар саҳифаҳои Интернет ҷой дода шудаанд.

Манбаи шашум – гирифтани хуҷҷатҳои электронӣ аз муаллифон ва ё ноширон.

Манбаи ҳафтум – гирифтани хуҷҷатҳои электронӣ аз бунёдгузорони китобхонаҳои электронӣ ва коллексияҳои мавзӯӣ.

Манбаи ҳаштум – гирифтани хуҷҷатҳои электронӣ мутобиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои тахассусӣ.[1]

Яке аз воситаҳои муҳимми иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир сомонаҳои интернетӣ маҳсуб меёбанд. Дар шароити ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ нақш ва мақоми сомонаҳои интернетӣ барои беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ беандоза калон мебошанд. Бахусус истифодаи бамавриди сомонаҳои интернетӣ метавонад дар такмили захираи китобхонаҳо ва таъмини онҳо бо адабиёти дилхоҳ мусоидат намояд.

Имрӯз дар сомонаҳои интернетӣ китобҳо доир ба соҳаҳои мухталифи дониш барои мутолиа мавриди истифодаи ҳамагон қарор дода мешаванд. Бештари матни китобҳои пешниҳодшударо метавон на танҳо мутолиа кард, балки бе ягон мамоният берун кашида, барои истифодаи минбаъда нигоҳ дошт.

Ин тамоюл бахусус дар фаъолияти китобхонаҳои ноҳиявию деҳот ҷиҳати бо таври ройгон такмил додани захираи онҳо муҳим арзёбӣ гардида, барои такмили захираи китобхонаҳои анъанавӣ ва электронӣ шароит фароҳам меоварад. Қабл аз ҳама, имкони такмили захираи китобхонаҳои электронӣ пайдо мешавад ва китобдор метавонад бо истифода аз сомонаҳои интернетӣ ҷамъоварии китобҳои электронӣ ва дар заминаи он бунёди китобхонаи электрониро ба роҳ монад. Илова

[1] Комилов М. Ташаккули захираҳои хуҷҷатҳои электронӣ // Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ / М. Комилов. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С.200.

бар ин, китобдор метавонад нусхаи матни электронии китобҳои дар захираи китобхона мавҷуднабударо чоп намуда, фонди анъанавии китобхонаро ғанӣ гардонад. Дар баробари ин китобдорро зарур аст, ки вижагиҳои маводи дар саҳифаҳои сомонаҳои интернетӣ дарҷшавандаро ба инобат гирад ва ҳарчи зудтар маводи пешниҳодшударо, бахусус матни электронии китобҳои дарсӣ, бадеӣ, илмӣ ва нашрҳои маълумотдиҳандаро берун кашида, мавриди истифода қарор диҳад. Масалан, дар баъзе мавридҳо сомонаҳои интернетӣ таҳрир шуда, тағйир меёбанд ва ҳатто бештари маводи қаблан пешниҳодкардаи онҳо ҳазф мешавад.

Истифодаи технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, қабл аз ҳама, такмили сатҳи дониши тахассусии кормандони китобхонаҳо ва тайёрии касбии онҳоро тақозо менамояд. Вобаста ба ин, имрӯз аз ҳар як корманди китобхона талаб карда мешавад, ки дар радифи доштани дониши мукаммали тахассусӣ, боз донандаи хуби воситаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бошад ва ба ҳайси иттилоотшиносу иттилоотсоз, менеҷеру барномарез кор карда тавонад. Хубу ҳамаҷониба аз худ кардани асосҳои дониши компютерӣ, донистани вижагиҳои истифодаи технология муосири иттилоотӣ ва низоми тарғиби электронии иттилоот аз ҷониби китобдор, барои беҳтар гардидани фаъолияти китобдорӣ, имконоти бештареро фароҳам меорад. Аз ҷумла, имкон медиҳад, ки фонди чопӣ ва электронии китобхона такмил ёбад, талабу дархости хонандагон оид ба ин ё он мавзӯъ сари вақт қонеъ гардад ва барои таҳияву интишори дастурҳои методиву библиографӣ ва баргузории чорабиниҳои оммавии китобхона маводи зарурӣ ҷамъоварӣ карда шавад.

Дар маҷмӯъ истифодаи бамавриди воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба китобдорон имкон медиҳад, ки барои дарёфти маводи зарурӣ ва дар заминаи он бунёди захираи китобхонаҳои электронӣ корҳои шоёни таҳсину назаррасро ба анҷом расонида, ба ҳамин васила дар рушди соҳаи китобдорӣ саҳм гузоранд.

## §2. Раванди компютеркунонии китобхонаҳо

Баррасии масъалаи компютеркунонии китобхонаҳои Тоҷикистон ҳануз дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи олимони соҳаи китобдориро ба худ ҷалб карда бошад ҳам,[1] аммо, бо дарназардошти як қатор омилҳо ин масъала дар фаъолияти китобхонаҳо роҳандозӣ нагардид. Якум оғоз ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат (солҳои 1992-1997), ки раванди муътадили ҳаёти ҷомеаро халалдор сохт. Дуюм аз нигоҳи иқтисодӣ маблағгузорӣ нашудани китобхонаҳо ҷиҳати харидории таҷҳизоти муосири технологӣ ва сеюм ҳузур надоштани мутахассисони касбӣ, донандагони вижагиҳои асосҳои дониши компютерӣ дар китобхонаҳо. Илова бар ин, чунонки муҳаққиқ М. Мамадазимова ишора кардааст, масалан, дар харҷномаи яке аз китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ – Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ масъалаи компютеркунонӣ ворид нашуда буд, роҳбарият ва кормандони китобхона ҷиҳати татбиқи технологияи иттилоотӣ тайёр набуданд, барои омӯзиши таҷрибаи ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти китобхона ягон сафарӣ илмӣ ташкил нашуда буд, бинои китобхона барои пайваст кардани технологияи иттилоотӣ мувофиқ набуд.[2] Омилҳои зикршуда боис шуданд, ки таҷрибаи муфиди татбиқи технологияи иттилоотӣ ва раванди компютеркунонӣ дар фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ нисбат ба китобхонаҳои дигар мамолик дертар оғоз ёбад. Аммо воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи иттилоотӣ тақозо кард, ки тамоми муассисаву ташкилотҳо бо технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ

---

[1] Сулаймонӣ С. Китоб ва компютер дар раванди мутоилот / С. Сулаймонӣ, М. Беҳзодӣ // Интенсификация учебного процесса на основе применения вычислительной техники: тезисы докл. респуб. семинара. – Куляб, 1991. – С.60 – 61; Шарофзода Р. Дӯкон ба чӣ кор ояд агар моя набошад. Таъсиси Китобхонаи миллӣ зарур / Р. Шарофзода // Садои мардум. – 1991. – 13 ноябр. – №221; Шосаидов С. Проблемаҳои муосири истифодаи васоити техникӣ дар китобхонаҳо / С. Шосаидов, А. Султонов // Маърӯзаҳои конференсияи илмӣ – амалии олимон ва мутахассисони ҷавони ҷумҳурӣ. – Қурғонтеппа, 1991. – С. 152 –154.

[2] Мамадазимова М. М. Становление Национальной библиотеки Республики Таджикистан и её трансформация в период с 1933 по 2013 гг.: дис.... канд. ист. наук: 07.00.02 / М. М. Мамадазимова. – Душанбе, 2018. – С.31-32.

таъмин гарданд ва дар фаъолияти онҳо истифодаи босамари чунин технология ба роҳ монда шавад. Дар ин ҷараён китобхонаҳо ҳамчун муассисаҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ ва омӯзишӣ муваззаф шуданд, ки ҷиҳати иҷрои рисолати хеш – ҷамъовариву коркард, гурӯҳбандиву феҳристнигорӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, тарғибу ташвиқи маҷмӯи нисбатан комили ҳуҷҷатҳои гуногунмазмуну гуногунсоҳа ҳарчи бештар технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсиониро мавриди истифода қарор диҳанд. Бахри татбиқи ин вазифаҳои муҳим ва ҳамзамон тақвияти раванди иттилоотонӣ ва таъмини амнияти иттилоотии кишвар, қабл аз ҳама, таҳия ва қабул шудани як зумра санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» (с.2001), «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (с.2002), «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» (с.2003), «Стратегияи давлатии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.2003), «Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.2003) ва дигар санадҳои қонунгузорӣ шароитҳои мусоид фароҳам овarданд.

Бояд зикр намуд, ки бунёди заминаи ҳуқуқӣ, албатта, оғози ҳамагуна иқдомот дар татбиқи нақшаҳои тарҳрезишуда мебошад. Аммо татбиқи воқеии ҳадафу вазифаҳои гузошташуда саравввал таҷҳизотонидани китобхонаҳои мамлакат бо технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва бо донишҳои марбут ба ин технология мусаллаҳ гардонидани китобдоронро тақозо мекунад. Барои татбиқи ин иқдомот қабул шудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи беҳтар намудани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ» барои рушди минбаъдаи китобхонаҳои мамлакат, аз ҷумла Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ такони ҷиддӣ дод. Тибқи бандҳои 1-2-и Қарори мазкур Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шуд, ки ҷиҳати ҳифзу нигоҳдории захираҳои китобҳо, автоматикунонӣ ва компютеркунонии равандҳои асосии фаъолияти китобхона ва таъмири асосии бинои он чораҳои зарурӣ андешад ва аз соли 2004 шурӯъ карда,

давра ба давра масъалаи бунёди маркази интернет, пайваст шудан ба шабакаҳои электронӣ, дарёфти иттилооти библиографӣ аз китобхонаҳои ҷаҳониро ҳал карда, китобхонаро ба таҷҳизоти техникии муосир таъмин намояд.

2 июли соли 2005, таҳти рақами 238 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 ва Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» қабул гардид, ки мутобиқи он қадамҳои нахустин ҷиҳати компютеркунонии китобхонаҳои мамлакат гузошта шуд. Яке аз ҳадафҳои асосии барномаҳои зикршуда мусоидат кардан ба автоматисозии равандҳои китобдорию иттилоотӣ, компютеркунонӣ ва ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, маҳсуб ёфт. Аҳаммияти қабули ин барномаҳои давлатӣ аз ҷониби Президенти мамлакат дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (30 апрели соли 2007) чунин арзёбӣ гардид: **«Масъалаи дигаре, ки мазмуну мӯҳтавои тарбияи наслҳои имрӯзу оянда ба ҳалли он иртиботи ногусастанӣ дорад, баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум аст. Нақши китоб ва китобхонаҳо барои ин мақсад хеле муҳим аст. Бинобар ин Ҳукумати Тоҷикистон ду барномаро барои рушди фаъолияти китобдорӣ барои солҳои 2006-2015 қабул намуд, ки маблағи умумии онҳо ҳашт миллион сомонӣ мебошад».**[1]

Дар «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» махсусан таъкид шуда буд, ки заминаи моддию техникии китобхонаҳои оммавӣ ба таҷҳизонидан бо технологияи муосири иттилоотӣ ва навсозии куллӣ ниёз доранд. Ақибмонии назарраси ҷумҳурӣ аз мамолики мутараққии саноатӣ аз ҷиҳати донишу малакаҳои информативии ҷомеа барои татбиқи васеъ ва истифодаи самараноки технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ

[1] Раҳмон Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 2007 // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – Ҷ. 7. – С. 457.

дар фаъолияти китобхонаҳо ва таъмини дастёбӣ ба шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва иттилоотии гуногун, аз ҷумла Интернет, монеа эҷод мекунад[1]. Барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар сархатҳои 3, 6 ва 9-и банди 5-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 «Мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои китобдорию иттилоотӣ» тӯли солҳои 2006-2015 барои зина ба зина компютеронидани тамоми китобхонаҳои давлатии оммавӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ 140000 сомонӣ, барои таҷҳизонидани тамоми китобхонаҳои марказӣ бо воситаи ҳозиразамони нусхабардор, аудивизуалӣ, интишорӣ, мутолиотӣ ва василаҳои коммуникатсионӣ 330000 сомонӣ, барои таъсиси китобхонаҳои электронӣ дар назди китобхонаҳои калони шаҳрӣ 225000 сомонӣ пешбинӣ шуданд[2].

Дар «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» махсусан таъкид карда шуд, ки «имрӯз автоматонидани равандҳои китобдорию иттилоотӣ, фавран қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотии муштариён бидуни компютеронидан ва ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотӣ имконнопазир аст. Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати таъминот ва ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ҷойи охиринро ишғол мекунад. Китобхонаи миллӣ бинобар таъмин набудан бо технологияи иттилоотӣ (компютерҳо, дастгоҳи нусхабардорӣ, факс, почтаи электронӣ, пайвастшавӣ бо Интернет) имконияти ба таври мукаммал қонеъ намудани эҳтиёҷоти рӯзафзуни муштариёнро (хонандагонро) надорад»[3]. Бинобар ин, дар қисми 4-и Барномаи мазкур

---

[1] Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015: Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 тасдиқ шудааст // Китобдор. – 2007. – №1(2). – С.8.

[2] Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015: Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 тасдиқ шудааст // Китобдор. – 2007. – №1(2). – С.16-17.

[3] Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015: Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 тасдиқ шудааст [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.portali-

бо мақсади автоматонии равандҳои китобдорию иттилоотӣ, компютеронӣ ва ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотӣ дар фаъолияти Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар маҷмӯъ 169200 сомонӣ пешбинӣ карда шуд[1].

Татбиқи амалии Барномаи мазкур имкон дод, ки мазмуну мундариҷаи фондҳои Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ такмил ёбад, дар фаъолияти китобхона низоми нисбатан комили худкори равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ ҷорӣ шавад ва сатҳу сифати хизматрасонии китобдориву библиографӣ беҳтар гардад. Дар робита ба ин дастрасии хонандагони анъанавӣ ва маҷозӣ ба манобеи чопию электронии марказҳои иттилоотӣ ва китобхонаҳои ватанию хориҷӣ таъмин гардад. Бо технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таъмин гардидани Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ имкон дод, ки дар китобхона тавассути барномаи соҳавии «Ирбис» феҳристҳои электронӣ ташкил карда шаванд. Аз ҷумла, беш аз 50 ҳазор номгӯй китобҳои тозанашр тавассути феҳристи электронӣ барои истифодаи хонандагон пешниҳод гардид.[2]

Соли 2006 китобхона соҳиби 8 компютери нав, 6 принтер, 3 сканер шуд ва бо истифода аз онҳо матни электронии 498 номгӯй китобҳои нодиру камёбро нусхабардорӣ шуда, 648 матни электронии китобҳои дарсӣ ва 100000 адад матни электронии корҳои дипломию курсӣ барои хонандагони китобхона харидорӣ карда шуд. Бори нахуст барномаи тахассусии ҳифз, нигоҳдорӣ ва истифодаи китобҳои электронӣ таҳия гардид. Дар сохтори Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ шуъбаи автоматикунонӣ ва технологияи компютерӣ (с. 2006), фонди нашриҳои электронӣ ва рисолаҳои илмӣ (с. 2006), толори хониши адабиёти электронӣ (с. 2006), Маркази

huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=8397&language=tj (санаи истифода-барӣ: 12.04.2018)

[1] Ҳамон ҷо.

[2] Маълумот оид ба татбиқи «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» // БҶ КМТ. – 2012. – С.3.

тоҷикшиносӣ (с. 2007), толори хониши маҷозӣ (с. 2008) таъсис ёфта, ба фаъолият шурӯъ намоянд. Шуъбаи навтаъсиси автоматикунонӣ ва технологияи компютерӣ дар мухлати на чандон тӯлонӣ тавонист, ки тавассути рақамигардонии адабиёти камёбу нодир ва харидории китобҳои электронӣ бо теъдоди беш аз 120 ҳазор нусха маводи электронӣ, фонди нашрияҳои электрониро бунёд карда, барои истифодаи хонандагони муқимӣ пешниҳод намояд. Яъне, бо ибораи дигар гӯем, маҳз баъди бунёди фонди нашрияҳои электронӣ ва таъсиси толори хониши адабиёти электронӣ, фаъолияти Китобхонаи электронии анъанавии Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ оғоз меёбад. Кормандони шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир мувофиқи барномаи тарҳрезишуда ба таҳияи феҳристи электронии дастхатҳо шурӯъ карданд. Бори нахуст маҷаллаи навтаъсиси «Китобдор» барои мутахассисони соҳа ба табъ расид. Нашрияи «Адабиёти нав доир ба фарҳанг ва ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз нав эҳё шуда, беш аз 10 номгӯи тавсияҳои методӣ, феҳристҳои адабиёт ва маълумотномаҳои библиографӣ нашр шуданд.[1]

Соли 2008 бо дастгирии молиявии Фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарӣ (ФБҲГ) дар назди Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ толори хониши маҷозӣ ба фаъолият шурӯъ кард ва дастёбии хонандагони китобхонаро ба беш аз 500000 рисолаҳои номзадӣ ва доктории дар давлатҳои ИДМ дифоъшуда, ки дар Китобхонаи электронии диссертатсияҳои Китобхонаи давлатии Русия маҳфузанд, таъмин намуд. Имрӯз ин толор дар назди Шуъбаи рисолаҳои илмии Китобхонаи нави миллӣ фаъолият дорад.[2]

Китобхона сомонаи худро (www.nlrt.tj) созмон дод, ки тавассути он дар радифи нашрияҳои электронии китобхона, боз китобҳои электронии марбут ба таъриху фарҳанги миллати тоҷик бо забонҳои тоҷикиву русӣ

---

[1] Ҳисоботи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар соли 2006 // БҶ КМТ. – 2006. – С.4-5.

[2] Толори хониши вертуалии Китобхонаи давлатии Русия [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/node/84 (санаи истифодабарӣ: 19.04.2018)

ва англисиву форсӣ барои эҳтиёҷмандони ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод шуданд. Истифодаи ин манбаъ имкон дод, ки теъдоди хонандагони маҷозӣ зиёд шаванд ва фондҳои электронии Китобхонаи миллӣ бештар мавриди истифода қарор гиранд. Аз ҷумла, соли 2008 матни электронии дастурҳои библиографии таҳиякардаи китобхона, аз қабили «Тақвими ҷашн ва санаҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2008»; «Таърихи забоншиносии тоҷик» – ҷилдҳои 3-4; ва китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ба сомонаи китобхона ворид карда шуданд[1]. Ҳамзамон ҳамкории китобхона бо китобхонаҳои милливу давлатии дигар кишварҳо густариш ёфт ва шартномаҳои тарафайн ба имзо расиданд, ки тибқи онҳо мубодилаи байналмилалии китобҳои чопӣ ва электронӣ, созмондиҳии толорҳои хониши маҷозӣ, баргузории чорабиниҳои муҳимми соҳавӣ (конфронсу форумҳо, семинар-тренингҳо, мизҳои мудаввар, курсҳои такмили ихтисос), бунёд ва инкишофи низоми электронии пахши иттилоот, омӯзишу тарғиби таҷрибаи китобдорӣ ҷоннок ва роҳандозӣ карда шуданд.

Дар маҷмӯъ бахри татбиқи нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур дар самти автоматикунонии равандҳои китобдорию иттилоотӣ, компютеркунонӣ ва ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотӣ дар фаъолияти Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ аз ҳисоби маблағҳои пешбинигардида 24 адад компютер, 21 адад принтери ранга ва сиёҳу сафед, 11 адад таҷҳизоти ҳифзи амнияти компютерҳо (УПС), 4 адад сканер, 2 адад мизи компютерӣ, 1 адад видеокамера, 1 адад проектор, 1 адад факс, 2 адад видеоплейер ва 1 адад дастгоҳи аккосӣ харидорӣ карда шудааст[2].

Раванди асосии компютеркунонии китобхонаҳои мамлакат баъд аз қабули **«Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013»** оғоз ёфт. Барнома бо

---

[1] Ҳисоботи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар соли 2008 // БҶ КМТ. – 2008. – С. 3.

[2] Маълумот оид ба татбиқи «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» // БҶ КМТ. – 2012. – С.2.

мақсади муҳайё намудани шароитҳои зарурӣ баҳри баланд бардоштани самаранокии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, эътибори иҷтимоии онҳо тавассути ҷори намудани технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, таъмини дастёбии озодона, баробар ва васеи истифодабарандагон ба захираҳои китобдорию иттилоотии мамлакат ва тамоми ҷаҳон, ташаккули фарҳанги иттилоотии китобдорон ва истифодабарандагони китобхонаҳо, бунёди фазои ягонаи китобдорию иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия гардид ва барои татбиқи он 5544,82 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои Вазорати фарҳанг 2280,2 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо 431,72 ҳазор сомонӣ, грантҳои созмонҳои байналмилалӣ 2832,9 ҳазор сомонӣ, пешбинӣ шуд.[1]

Мутобиқи Барномаи мазкур ҳамагӣ барои китобхонаҳо 592 компютер, 222 принтер, 74 сканер, 592 мизи компютерӣ, 592 курсии компютерӣ, аз ҷумла барои Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар 8 компютер, 3 принтер, 1 сканер, барои 8 китобхонаи вилоятӣ, аз ҷумла китобхонаҳои бачагонаи вилоятӣ, Китобхонаи марказии шаҳрии ба номи А. Лоҳутии шаҳри Душанбе 72 компютер, 27 принтер, 9 сканер, барои 64 китобхонаи марказии шаҳрию ноҳиявӣ 512 компютер, 192 принтер, 64 сканер, пешбинӣ гардид.

Соли 2012 аз ҳисоби маблағҳои «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» китобхонаҳои вилояти Хатлон бо 50 адад компютер, 15 принтер, 4 сканер ва мизу курсиҳо ба маблағи умумии 211350 сомонӣ, китобхонаҳои вилояти Суғд бо 34 адад компютер, 10 принтер, 4 сканер, ба маблағи умумии 143725 сомонӣ,

---

[1] Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013: Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №384 тасдиқ шудааст [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=12121 (санаи истифодабарӣ: 10.05.2018)

китобхонаҳои ВМКБ бо 16 адад компютер, 8 принтер, 3 сканер, ба маблағи умумии 71147 сомонӣ таъмин карда шуданд.[1]

Соли 2013 Вазорати фарҳанг аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ тибқи муқаррарот пас аз баргузории тендер дар ҳаҷми 500 ҳазор сомонӣ китобхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро дар маҷмӯъ ба 114 адад компютер, 42 адад принтер, 14 адад сканер, 114 адад миз ва 114 адад курсиҳои компютерӣ таъмин намуд. Аз ҷумла ба китобхонаҳои вилояти Хатлон 50 адад компютер, 17 адад принтер, 6 адад сканер, 50 адад миз ва 50 адад курсиҳои компютерӣ, ба вилояти Суғд 34 адад компютер, 11 адад принтер, 3 адад сканер, 34 адад миз ва 34 адад курсиҳои компютерӣ, ба китобхонаҳои ВМКБ 16 адад компютер, 6 адад принтер, 3 адад сканер, 16 адад миз ва 16 адад курсиҳои компютерӣ, ба китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 14 адад компютер, 8 адад принтер, 2 адад сканер, 14 адад миз ва 14 адад курсиҳои компютерӣ тақсим карда шуданд. Дар маҷмӯъ аз ҳисоби маблағҳои «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» барои китобхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳои мамлакат 229 адад компютер, 84 адад принтер, 24 адад сканер, 229 миз ва 229 курсиҳои компютерӣ харидорӣ гардиданд.[2]

Чунонки таҳлилҳо нишон медиҳанд на ҳамаи бандҳои Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур бинобар сабаби ҷудо нагардидани маблағҳои пешбинишуда иҷро гардиданд. Иҷро нагардидани нишондодҳои Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо боиси нигаронии мақомоти ваколатдори соҳаи фарҳанг

[1] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2012 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2013. – Душанбе: Матбуот, 2013. – С.8-10.

[2] Гузориш оид ба рафти иҷрои нишондодҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 "Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015": Маводҳои ҷаласаҳои ҳайати мушовараи ВФҶТ барои соли 2015 // БҶ ВФ ҶТ. – 2015. – С.13.

гардид, ки ин матлаб дар ҳисоботи Вазорати фарҳанг чунин арзёбӣ шудааст: «нишондоди бандҳои 2, 3, 5, 6, 8, 9-и Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» дар вилоятҳои Хатлон, ВМКБ ҷиҳати ҷудо намудани маблағ барои харидории 8 ададӣ компютер, 3 ададӣ принтер ва 1 ададӣ сканер барои китобхонаҳои вилоятии калонсолон ва бачагона то ҳанӯз иҷро нагардидаанд».[1] Ҳамзамон иҷро нагардидани нишондодҳои Барномаи мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар гузориши вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Асрорӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин арзёбӣ шудааст: «Тибқи нақшаи чорабиниҳои соли 2011-уми «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои Китобхонаи марказии шаҳри Душанбе ба номи А. Лоҳутӣ бояд 8 адад компютер 3 принтер ва 1 адад сканер харидорӣ мегардид. Мутаассифона нишондоди мазкури Барнома дар амал татбиқ нагардид».[2] Бинобар сабаби норасоии маблағ ва сари вақт наандешидани тадбирҳои зарурӣ ин Барнома дар ноҳияи Рашт ҳам иҷро нашудааст.[3]

Воқеан масъалаи компютерикунонии китобхонаҳо дар қаламравӣ ҷумҳурӣ то ба имрӯз яке аз мушкилоти соҳа маҳсуб меёбад. Чунонки таҳлилҳо нишон медиҳанд дар бештари китобхонаҳои мамлакат ба истиснои китобхонаҳои марказии шаҳриву ноҳиявӣ дар дигар китобхонаҳо, бахусус китобхона-филиалҳо компютер ва дигар воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вуҷуд надоранд.

Бо мақсади омӯзиш ва муайян сохтани вазъи воқеии таъминот ва

---

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорат дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар соли 2014. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С.15-16.

[2] Гузориши вазири фарҳанги ҶТ М. Асрорӣ ба Ҳукумати ҶТ оид ба фаъолияти муассисаҳои фарҳанги шаҳри Душанбе дар соли 2011, аз 09.01.2012, №1-03/33 // БҶ ВФ ҶТ. – 2012. – С.3.

[3] Мирзо Д. Барои равнақи муассисаҳои фарҳангӣ тадбирҳои муассир бояд андешид / Д. Мирзо // Садои мардум. – 2018. – 18 октябр. – №126 (3920).

истифодаи технологияи муосир дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, ходимони илмии шуъбаи китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографияшиносии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот (ПИТФИ) дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳқиқоти сотсиологӣ баргузор намуданд. Бахри ҷамъоварии мавод 2 пурсишнома, яке барои китобдорон тахти унвони «Сатҳи таъминоти китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо технологияи иттилоотӣ – коммуникатсионии муосир ва истифодаи он дар фаъолияти китобдорӣ» ва дигаре бо унвони «Вазъи дастрасии хонандагон ба технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир дар китобхонаҳо ва сатҳи истифодаи он» барои истифодабарандагони китобхонаҳо таҳия шуда буд.[1] Масалан, таҳқиқот собит сохт, ки дар шаҳри Исфара як китобхонаи марказӣ ва 21 шуъба (филиал)-и он фаъолият мекунанд. Фонди китобхонаҳо аз нигоҳи мазмун хело куҳна буда, зиёда аз 70 дарсади онро китобҳои русии замони шӯравӣ ташкил медиҳанд. Камбудии дигар ин таъмирталаб будани биноҳои китобхонаҳо мебошад. Аз 22 китобхонаи амалкунанда 18-тоаш муҳтоҷи таъмиранд. Дар тамоми китобхонаҳои ноҳия 27 нафар корманд кор мекунанд, ки аз ҳамин ҳисоб 7 нафар бо маълумоти олӣ, 10 нафар бо маълумоти миёнаи махсус, 7 нафар дар шуъбаҳои ғоибонаи мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус таҳсил менамоянд ва 3 нафар дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд. Дар шароити ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ талабот ба истифодаи воситаҳои нави иттилоотию иртиботӣ афзуда, таъмини он дар китобхонаҳо муносибати устуворро тақозо мекунад. Дар ин радиф муайян сохтани талаботи хонанда ба истифодаи технологияи муосир – ҳадафи дигари таҳқиқоти баргузоршуда маҳсуб ёфт. Чунончи, таҳқиқ нишон дод, хонандаи имрӯза бештар эҳтиёҷ ба истифодаи манобеи электронӣ, сомонаҳои интернетӣ ва китобхонаи электронӣ дорад ва мехоҳад, ки ҳарчи бештар аз ин воситаҳо барои қонеъ намудани эҳтиёҷи худ истифода намояд. Бештари китобхонаҳои шаҳри Исфара ба технологияи нави

[1] Ҳисоботи шуъбаи китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ дар соли 2016 // Бойгонии ҷории Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот (минбаъд БҶ ПИТФИ). – 2016. – С.4.

иттилоотию иртиботӣ таъмин нагаштаанд. Масалан, фақат дар китобхонаи марказӣ ҳамагӣ 4 адад компютер, 1 адад принтер ва 1 сканер мавҷуд асту халос. Он ҳам бошад бо шабакаи Интернет пайваст нест. Назарсанҷӣ нишон дод, ки аз китобхонаҳои шаҳри Исфара 40% мактаббачагон, 20% омӯзгорон, 25% нафақахурон, 15% шахсони касбу кори гуногун истифода мекунанд. Бештар ҷавонон ва мактаббачагон ба хониши адабиётҳои бадеӣ майлу рағбат доранд ва сабаби асосиаш – иҷрои супоришу дастурҳое, ки аз ҷониби устодон ҷиҳати хониши адабиёти иловагии марбут ба фанҳои таълимӣ додашуда, мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот маълум намуд, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти китобхонаҳо дар шаҳри Исфара хизматрасонӣ ба хонандагон тавассути додани китобҳо ба хона мебошад.[1]

Натиҷагирӣ аз таҳқиқоти баргузоршуда ва хулосаву тавсияҳои мушаххас перомуни беҳтар намудани вазъи хизматрасонии китобдорӣ дар шаҳри Исфара дар мақолаи З. Муҳиддинов «Технологияи муосир ва истифодаи он дар фаъолияти китобхонаҳо», мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, набудани технологияи муосир дар фаъолияти кории китобхонаҳо, аз як ҷониб, мушкилии зиёдеро ба миён оварда бошад, аз ҷониби дигар, китобҳое, ки аз тарафи хонандагон дархост карда мешаванд дар фонди китобхонаҳо маҳфуз нестанд. Мушкилотҳои дигар, сари вақт дастрас нагардидани китобҳои тозанашр ба китобхонаҳои музофотӣ ва суст фаъолият намудани абонементи байни китобхонаҳо дар низоми хизматрасонии ғайримуқимӣ ба хонандагон мебошад. Дар охир, муаллиф барои мувофиқу мутобиқ намудани самтҳои асосии фаъолияти китобхонаҳо ба шароити ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ истифодаи дастгоҳи Wi–Fi, Modem (интернети беноқил), ки дар ҳама ҷо дастрас мебошад, барои китобхонаҳои ҷумҳурӣ зарур шуморидааст.[2]

---

[1] Ҳисоботи шуъбаи китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ дар соли 2016 // БҶ ПИТФИ. – 2016. – С.8.

[2] Муҳиддинов З. Технологияи муосир ва истифодаи он дар фаъолияти китобхонаҳо (дар мисоли китобхонаҳои ноҳияи Исфара) / З. Муҳиддинов // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 4 (36). – С.74-75.

Чунин таҳқиқот дар китобхонаҳои шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Рӯдакӣ баргузор шуданд. Муҳаққиқон сараввал бо китобдорон доир ба мавзӯи «Вазъи дастрасии хонандагон ба технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир дар китобхонаҳо ва сатҳи истифодаи он» семинари омӯзишӣ баргузор намуданд. Ҳамзамон тавассути пурсишномаҳо муайян карданд, ки бо технологияи нави иттилоотию иртиботӣ танҳо китобхонаҳои марказӣ таҷҳизонида шудаанд. Масалан, дар Китобхонаи марказии шаҳри Ҳисор – 36 компютер, 3 ксерокс, 4 принтер, 1 телевизор, 1 сканер, 2 телефон ва дар Китобхонаи марказии ноҳияи Рӯдакӣ – 2 компютер, 1 ксерокс, 2 принтер, 1 телевизор, 1 сканер, 1 телефон барои истифода пешниҳод шудаанд. Мутаассифона, вазъи таъмини китобхона-филиалҳо бо технологияи муосири иттилоотию иртиботӣ ташвишовар буда, ба талабот ҷавобгӯй нест. Чуноне, ки таҳқиқот нишон дод китобхона-филиалҳои №№1, 2, 5, 6, 8, 9, 11, 12, 14-16, 19, 20-22-и шаҳри Ҳисор ва китобхона-филиалҳои №№ 2, 3, 5-7, 9, 10-14, 17, 19, 20, 26-36-и ноҳияи Рӯдакӣ бо ягон намуди воситаҳои муосири иттилоотию иртиботӣ таъмин нагаштаанд[1].

Таҳқиқоти дар ноҳияи Рашт баргузоршуда нишон дод, ки дар фонди Китобхонаи марказии ноҳия китобҳо бо тартиби алифбо, аз рӯи номи китоб ҷобаҷо гузошта шудаанд. Ин низоми гурӯҳбандӣ барои пажӯҳиш ва пайдо намудани адабиёт аз китобдор ва хонанда вақти зиёдро тақозо менамуд. Ҳамзамон маълум гардид, ки дар Китобхонаи марказӣ ва дигар китобхона-филиалҳо ягон намуди феҳрист амал намекунад ва хонандагон барои ҷустуҷӯи адабиёт вақти зиёд сарф мекардаанд ва чунин вазъият дар тамоми 38 китобхона-филиалҳои минтақа ҳукмфармост. Бо дарназардошти вазъи вуҷуддошта, ходимони илмии ПИТФИ зарур донистанд, ки қабл аз ҳама, барои ошно намудани кормандони китобхонаҳои ноҳия ба нозукиҳои ташкили фонди китобхона ва такмили он, бақайдгириву коркарди адабиёт, барасмиятдарории китобҳои

[1] Комилов М. Истиқлолият ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII. Маҷмӯаи мақолаҳо / М. Комилов, Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С. 138-139.

тозанашри ба фонд воридшуда, феҳристнигорӣ ва дигар масоили марбут ба фаъолияти китобдорӣ, семинари омӯзишӣ баргузор намоянд.[1]

Семинар бо иштироки 38 нафар мудирони китобхонаҳои шаҳраку ноҳия дар Китобхонаи марказии шаҳраки Ғарм баргузор гардид, ки дар рафти он таваҷҷуҳи иштирокдорон бештар ба ҳаллу фасли масоили муҳимми китобдорӣ, аз қабили ташкили фонди китобхона ва қисмҳои асосии он, манбаъҳои асосии такмили фонди китобхона, тарзҳои гуногуни ҷобаҷогузории адабиёт дар фонд, аҳаммияти ҷудокунандаҳо дар рафҳои китоб, фонди кушод, ҷобаҷогузорӣ ва тарзҳои истифодабарии он, тарзи нигоҳдорӣ ва муҳофизати фонди китобхона, вижагиҳои коркарди адабиёт, гурӯҳбандии адабиёт дар фонд аз рӯи аломатҳои гуногун, гузоштани муҳри китобхона ва рақами инвентарӣ, гузоштани рақами таснифотии китоб аз рӯи ҷадвали «Таснифоти китобдорӣ - библиографӣ» (ТКБ), тарзи таҳияи барга, тасвири китоб ва омода намудани феҳристҳои алифбоӣ, мураттабӣ ва электронӣ, ҷалб карда шуд. Ҳамзамон дар семинар андешаҳои ҷолиб перомуни ташкили китобхонаҳои электронии анъанавӣ, таҳияи феҳристҳои электронии алифбоӣ ва мураттабӣ барои хонандагон, тарзу усулҳои истифодаи сомонаҳои интернетӣ барои дарёфти адабиёти электронӣ ва истифодаи он дар раванди хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани технологияи нави иттилоотию иртиботӣ дар таҷрибаи китобхонаҳои деҳот, баён ёфта, оид ба нақшу мақом ва вазифаву аҳаммияти дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографии китобхона ва қисмҳои асосии он: захираи нашрҳои маълумотӣ-библиографӣ, системаи феҳристу картотекаҳо ва захираи маълумотномаҳои иҷрошуда дар пажӯҳишу дастрас намудани адабиёти дархостшаванда ва омӯзишу тарғиби фонди китобхона, мубодилаи афкор сурат гирифт. Сипас аз ҷониби ходимони илмии ПИТФИ ба кормандони китобхонаҳои ноҳия оид ба идома додани корҳои иҷрошуда дар самти коркарди адабиёт тибқи ҷадвали ТКБ, таҳияи феҳристҳои анъанавию электронии хизматрасон барои хонандагон, пайваста такмил додани фонди

[1] Ҳисоботи ходимони ПИТФИ Г. Раҳмонова ва Н. Ҳикматов оид ба сафари хидматӣ ба ноҳияи Рашт аз 15 то 25 сентябри соли 2016 // БҶ ПИТФИ. – 2016. – С.2.

китобхонаҳо бо адабиёти тозанашр, гурӯҳбандиву ҷобаҷогузорӣ ва дигар амалиётҳои марбут ба ҳифзу нигоҳдорӣ ва тарғибу ташвиқи фонди китобхонаҳо, маслиҳатҳо дода шуд. Ба ақидаи муҳаққиқон, барои беҳтар намудани фаъолияти китобхонаҳои ноҳияи Рашт, сараввал, чунин корҳоро ба анҷом расонидан ба мақсад мувофиқ аст:

– сатҳи дониши касбии китобдорони ноҳияро тавассути ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос ва дар назди филиали Донишгоҳи давлатии педагогии шаҳраки Ғарм ташкил кардани шуъбаи китобдорӣ, такмил дод;

– тамоми фонди китобхонаҳои ноҳияро тибқи ҷадвали ТКБ рақамгузорӣ карда, ба соҳаҳои дониш ҷудо намуд;

– тибқи талабот барои омӯзиш, истифода ва муаррифии фонди китобхонаҳо навъҳои гуногуни феҳристу картотекаҳоро тартиб дод;

– ҷиҳати бунёд ва такмили фонди нашрҳои маълумотдиҳӣ-библиографӣ тадбирҳои мушаххас андешид ва ҳарчи бештар бо ворид сохтани донишномаҳову луғатҳо, маълумотномаҳову тақвимҳо мазмуну мундариҷаи фондро мукаммал намуд;

– аз имконияти воситаҳои нави иттилоотию иртиботӣ васеъ истифода карда, ҷиҳати ташкили китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ тадбирҳо андешид.[1]

Дар ноҳияи Рашт ба истиснои китобхонаи марказии ноҳия дар дигар китобхонаҳо вуҷуд надоштани компютерҳо ва зарурияти таъсиси як китобхонаи электрониву пайваст намудани онро бо шабакаи умумиҷаҳонии Интернет муҳаққиқони дигар низ ишора кардаанд.[2]

Компютеркунонии китобхонаҳои мамлакат албатта дар раванди пайвастшавии китобхонаҳо ба шабакаи байналмилалии Интернет, созмондиҳии сомонаҳои интернетӣ ва автоматикунонии равандҳои китобдорӣ-иттилоотии китобхонаҳо мусоидат намуд. Аз ҷумла, «дар

---

[1] Раҳмонова Г. Вазъи хадамоти китобдорӣ дар ноҳияи Рашт / Г. Раҳмонова, Н. Ҳикматов // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 4 (36). – С.76-79.

[2] Зайниддин Х. Китоб ҳамнишини ман ва мо / Х. Зайниддин // Ҷумҳурият. – 2016. – 28 ноябр. – №234 (23056).

Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ, Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар, Китобхонаи марказии шаҳри Душанбе ба номи А. Лоҳутӣ, Китобхонаи вилоятии ба номи Т. Асирии вилояти Суғд, Китобхонаи вилоятии ба номи А. Шукӯҳии шаҳри Қурғонтеппа (ҳоло Бохтар), Китобхонаи вилоятии ба номи С. Айнии шаҳри Кӯлоб ва Китобхонаи бачагонаи вилояти Хатлон аз барномаи махсуси китобдорӣ «Ирбис» барои таҳияи феҳристҳои электронӣ ва автоматикунонии дигар самтҳои фаъолият истифода мебаранд. Ҳамзамон, дар Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ, Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар, Китобхонаи вилоятии ба номи Т. Асирии вилояти Суғд, Китобхонаи вилоятии ба номи А. Шукӯҳии шаҳри Қурғонтеппа ва Китобхонаи бачагонаи вилояти Хатлон китобхонаҳои электронӣ ташкил карда шудаанд, ки онҳо дорои 2 млн. 600 146 нусха китоби электронӣ мебошанд».[1]

Ҳамин тавр, таҳлили вазъи компютеркунонии китобхонаҳои мамлакат нишон дод, ки новобаста аз қабул шудани барномаҳои давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ ва ҷалби дигар воситаҳо дар самти таъмин намудани китобхонаҳо бо технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, то ҳанӯз на ҳамаи китобхонаҳои мамлакат бо компютерҳо ва дигар технологияи нав таҷҳизотонида шудаанд. Илова бар ин компютерҳои насбшуда мутобиқи таъйинот ва имконият таҷдидро тақозо мекунанд.

Барои таъмини комили китобхонаҳо бо технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳия ва қабули «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои Тоҷикистон» барои даҳ соли минбаъда мувофиқи мақсад мебошад.

[1] Дар бораи ҳисоботи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, № 238 "Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015" ва "Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015": Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №320 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.adlia.tj (санаи истифодабарӣ: 30.07.2018)

## §3. Вижагиҳои фаъолияти шабакаи китобхонаҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ

Пайдоиш ва ба фаъолият шурӯъ кардани китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ барои бунёди захираи ҳуҷҷатҳои электронӣ, инкишофи низоми электронии тавлид ва пахши иттилоот, таҳияи навъҳои гуногуни феҳристу картотекаҳои электронӣ шароит фароҳам оварда, имкони дастёбии озодонаи хонандагони муқимӣ ва маҷозиро ба ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки фарогири маводи илмӣ, таълимӣ, маълумотӣ, бадеӣ ва соҳаҳои дигари дониш мебошанд, таъмин намуданд. Ин навъи китобхонаҳо вобаста ба имкониятҳои техникӣ, технологӣ ва мутахассисони касбии ташкилоту муассисаҳо фаъолияти худро роҳандозӣ намуда, аз нигоҳи вижагиҳои созмонёбию хизматрасонӣ аз ҳамдигар тафовут доранд ва тибқи меъёрҳои ягона бунёд нашудаанд.

Масалан, дар **Китобхонаи вилоятии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд,** ҳанӯз соли 1997 китобхонаи электронӣ таъсис дода шуда буд. Барои беҳтар намудани фаъолияти китобхонаи электронӣ дар китобхона аз соли 1998 шуъбаи иттилоотӣ ва компютерӣ ба фаъолият оғоз кард. Кормандони шуъба фаъолияти хешро ҷиҳати созмондиҳӣ, идора ва истифодабарии захираҳои электронии маводҳои чопӣ ва татбиқи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхона ба роҳ монданд.[1] Соли 2011 аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои азнавсозӣ ва тақвият бахшидан ба фаъолияти китобхонаи электронӣ 6 адад компютер, 2 принтер харидорӣ карда шуда, китобхонаи электронӣ ба шабакаи байналмилалии Интернет пайваст карда шуд. Кормандони шуъбаи иттилоотӣ ва компютерӣ тавассути рақамигардонӣ ва ҳамзамон ба шакли "PDF" гардонидани китобҳои нодиру ниёзи хониш, захираи китобхонаи электрониро такмил дода, хизматрасонии китобдориро ҳам бо хонандагони муқимӣ ва ҳам маҷозӣ дуруст ба роҳ мондаанд. Алъон, дар

---

[1] Шуъбаи иттилоотӣ ва компютерӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://asiri.tj/index.php/about/departments/49-ittilooti (санаи истифодабарӣ: 14.08.2018)

захираи Китобхонаи электронӣ 165000 маводи электронӣ мавҷуд аст[1]. Илова бар ин, Китобхонаи вилоятии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд дорои сомонаи интернетӣ[2] мебошад, ки тавассути он хонандагони маҷозӣ ба фаъолияти китобхона ва китобҳои тозанашри ба фонди китобхона воридшуда ошноӣ пайдо менамоянд. Масалан, дар қисми "Феҳраст ва китобҳо" масъулини сомона оид ба мазмуну муҳтавои беш аз 100 китобҳои тозанашр, ки бештари онҳо дар нашриётҳои маҳаллии вилояти Суғд ба табъ расидаанд, маълумот пешниҳод кардаанд.[3]

**Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар** соли 1974 таъсис ёфта, ҳамчун маркази илмӣ-методии китобхонаҳои бачагонаи ҷумҳурӣ ҷиҳати таҳияву интишори дастурҳои гуногуни методиву библиографӣ оид ба масъалаҳои созмондиҳии дастгоҳи маълумотдиҳию библиографӣ, роҳандозии хадамоти иттилоотӣ-библиографӣ, маълумотӣ-библиографӣ, тавсиявӣ-библиографӣ, ташкил ва баргузории чорабиниҳои муҳимми соҳавӣ, тарғибу ташвиқи асосҳои дониши библиографӣ ва таҷрибаи муфиди китобдорӣ саҳм гузошта, ба китобхонаҳои бачагонаю мактабии ҷумҳурӣ ёрии амаливу методӣ мерасонад. Китобхона бо мақсади ҷалби ҳарчи беҳтару бештари насли хурдсоли ҷомеа ба мутолиаи китоб сомонаи худро (www.kdbj-mirshakar.tj) дар шабакаи байналмилалии Интернет таъсис додааст. Аз ҳисоби 102158 нусха захираи китобии китобхона, то имрӯз 18197 номгӯи китоб ба феҳристи электронӣ ворид гардида, мавриди истифода қарор мегиранд. Ҳамзамон дар китобхона «Маркази иттилоотии кӯдакону наврасон» фаъолият менамояд, ки дорои 1743 нусха луғату донишномаҳо мебошад ва аз онҳо хонандагон бо таври васеъ истифода мебаранд. Марказ бо

---

[1] Дамонова М. Китобхонаҳо дар остонаи таҷдид // Ташкили маъхазҳои электронӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ, 15-16 майи с. 2014 / М. Дамонова. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 28-29.

[2] Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://asiri.tj/ (санаи истифодабарӣ: 14.08.2018)

[3] Китобҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://asiri.tj/index.php/books/books?-start=76 (санаи истифодабарӣ: 14.08.2018)

таҷҳизоти техникӣ – компютер, принтер, сканер таъмин буда, ба шабакаи байналмилалии Интернет пайваст мебошад.[1]

9-сентябри соли 2007 бо пешниҳоди Раёсати фарҳанги шаҳри Душанбе ва дастгирии бевоситаи раиси шаҳри Душанбе М. Убайдуллоев **Китобхонаи муосири пойтахт** таъсис дода шудааст.

Шумораи умумии кормандони китобхона аз рӯйи реҷаи кории тасдиқгардидаи Шӯъбаи фарҳанги шаҳри Душанбе 8-нафарро ташкил медиҳад, ки аз инҳо ду нафар китобдори дараҷаи 1, як нафар китобдори дараҷаи 2, як нафар муовин, ду нафар дарбон, як нафар фаррош ва инчунин директори китобхона мебошад. Дар Китобхонаи муосири пойтахт 8-адад компютер, ду адад дастгоҳи наворбардории назоратӣ, 25-ҷойи нишаст, ва як толори нигоҳдории китобҳои бадеӣ мавҷуд мебошад. Дар китобхона тамоми хизматрасониҳо ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. Шумораи китобҳои электронии китобхона зиёда аз 450 ҳазор ва китобҳои бадеӣ 10754 ададро ташкил медиҳанд, ки ҳамарӯза пешкаши хонандагон ва меҳмонони пойтахт гардонида мешаванд.

Ҳамасола аз ҳисоби бӯҷаи Мақомоти иҷроияии маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе 10696 сомонӣ барои хариди китоб ҷудо карда мешавад, ки китобхона бо китобҳои тозанашри ба талаботи рӯз ҷавобгӯ таъмин карда мешавад. Соли 2016 теъдоди хонандагони Китобхонаи муосири пойтахт ба 6750 нафар расид.[2] Дар китобхона бахшида ба санаҳои муҳимми таърихӣ ва ҷашнвораҳои ҷорӣ бо иштироки адибон, васоити ахбори омма, омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии пойтахт, маҳфилу чорабиниҳои фарҳангиву сиёсӣ ва конференсияҳо пайваста доир мегарданд.

9 октябри соли 2012 **Китобхонаи илмии маҷозии (виртуалии) Тоҷикистон** фаъолияти худро оғоз намуд. Барномаи мазкур аз ҷониби Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, тандурустӣ, Академияи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетикаи

---
[1] Суҳбат бо директори КДБҶ ба номи М. Миршакар Ҳ. Сафарзода. – 2016. – 10 март.
[2] Натиҷаҳои фаъолияти Вазорат дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – С.46.

ИМА ва Фонди глобалии таҳқиқоти шаҳрвандӣ ва рушд (CRDF Global) таъсис ёфтааст. Китобхонаи илмии виртуалӣ дорои 12,8 миллион мақолаҳои илмӣ аз байни бештар аз 16,500 маҷалла, аз қабили коллексияи пурраи маҷаллаҳо аз Директорияи маҷаллаҳои ройгон дастрасшавандаи (DOAJ), OARE, AGORA ва HINARI дар Тоҷикистон мебошад. HINARI коллексияи беш аз 3000 маҷаллаҳоро оид ба тиб, тандурустӣ ва илмҳои биологӣ дорад. AGORA гулчини зиёда аз 3000 маҷаллаҳоро дар бораи фанҳои кишоварзӣ пешниҳод мекунад. OARE гулчини зиёда аз 3000 маҷаллаҳоро оид ба илмҳои муҳити атроф пешниҳод мекунад. HINARI, OARE ва AGORA дар якҷоягӣ аз 150 нашриёт зиёдтар, беш аз 8000 маҷаллаҳои алоҳидаро дар бар мегиранд. Инчунин Китобхонаи илмии виртуалӣ дарёфти беш аз 60 000 китобҳои электрониро фароҳам меорад. Феҳристи пурраи комплекти маҷаллаҳо ва махзанҳои тадқиқотҳои илмӣ дар гӯшаи «Дар бораи лоиҳа», дар сомонаи Китобхонаи илмии виртуалӣ оварда шудааст[1].

25 июни соли 2013 дар Китобхонаи давлатии патентию техникии Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар-тренинг дар мавзӯи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид ва дар кори он 20 нафар мутахассисони китобхонаҳои мактабҳои олӣ ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон иштирок карданд. Мавзӯи асосии семинар-тренинг ба омӯзиши роҳҳои воридсозии иттилоот ва истифодаи манобеи иттилоотии Китобхонаи илмии маҷозии Тоҷикистон (www.TajikistanVSL.org) дар мактабҳои олӣ ва китобхонаҳои ҷумҳурӣ, бахшида шуд. Ҳамзамон дар ин семинар ёдрас шуд, ки истифодаи фондҳои Китобхонаи илмии маҷозӣ ба муҳлати се сол (солҳои 2012-2014) бо таври ройгон ба ихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст.[2]

---

[1] Китобхонаи илмии виртуалии Тоҷикистон // Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 92-93.

[2] Государственная патентно-техническая библиотека Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.gptb.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=87:-3 (санаи истифодабарӣ: 18.08.2018)

**Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон**[1] (минбаъд КМЭТ) соли 2015 бо мақсади ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва дастраси хонандагони муқарарӣ ва маҷозӣ гардонидани ҳуҷҷатҳои электронӣ дар заминаи рақамигардонии китобҳои чопии Китобхонаи миллии Тоҷикистон бунёд ёфт ва имрӯз он дорои 552200 номгӯи адабиёти электронӣ мебошад. Адабиёт дар захираи китобхонаи электронӣ ба чунин соҳаҳо тақсим карда шудааст: илм, маориф; маълумотномаҳо; компютерҳо; ҳунар; хона, оила; китобҳо оид ба равоншиносӣ; китобҳои соҳибкорӣ; адабиёти бадеӣ, адабиётшиносӣ; адабиёти кӯдакона; матбуоти даврӣ. Гурӯҳбандии китобҳои электронӣ дар захираи китобхона мутобиқи ҷадвалҳои таснифоти даҳгонаи универсалӣ (УДК) ва ё таснифоти китобдорӣ-библиографӣ (ББК) роҳандозӣ нашудаанд ва албатта ин тарзи гурӯҳбандӣ сабаби асосии нодуруст ҷойгир шудани китобҳо дар бештари соҳаҳои пешниҳодшуда гаштааст. Масалан, зери соҳаи «Хона, Оила» адабиёт ба қисмҳои «Тарбияи кӯдакон», «Варзиш», «Автомобил ва қоидаҳои бехатарии роҳ», «Камолоти шахсӣ», «Боғ ва полез», «Худ бисоз», «Саргармӣ», «Табиат ва ҳайвонот», ҷудо карда шудааст, ки на ҳамаи қисмҳо ба соҳаи пешниҳодшуда мувофиқат мекунанд.

Барои истифодабарандагони КМЭТ маслиҳатҳои муфид ва қоидаҳои истифодабарӣ пешниҳод шудаанд, ки ҳамчун роҳнамо ҳам барои хонандагон ва ҳам барои китобдорони китобхонаҳои ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд. Масалан, дар қисми «Барои хонандаҳо»[2] оид ба гурӯҳҳои истифодабарандаи портали КМЭТ, бақайдгирӣ ва муаллиф кардан дар портали КМЭТ, услуби пажӯҳиши адабиёт тавассути дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ, берункашии маводи чопии кушодашуда, азназаргузаронии маводи чопии пӯшида ва сохтани дафтари (ҷойи корӣ) шахсии хонанда, маълумот пешниҳод шудааст. Дар қисми «Барои китобхонаҳо»[3] шартҳои асосӣ ва

---

[1] Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.nlt.tj/janr (санаи истифодабарӣ: 24.08.2018)

[2] Барои хонандаҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.nlt.tj/for_readers (санаи истифодабарӣ: 24.08.2018)

[3] Барои китобхонаҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.nlt.tj/for_libraries (санаи истифодабарӣ: 24.08.2018)

имтиёзҳо барои китобхонаҳои ҷумҳурӣ баён ёфтаанд. Масалан, баъд аз ҳамроҳ шудан ба лоиҳаи КМЭТ китобхонаҳои ҷумҳурӣ метавонанд соҳиби чунин имтиёзҳо шаванд: имкони истифодаи ройгон аз хазинаҳои КМЭТ, аз ҷумла аз хазинаҳое, ки дастрасӣ ба онҳо маҳдуд аст; имкони ройгон ташкил кардани сомонаи хусусии китобхона дар асоси сомонаи намунавӣ; афзудани нишондиҳандаҳои истифодабарии китобхона бо роҳи ба таври худкор ба қайд гирифтани истифодабарандагони сомонаи китобхона, аз ҷумла бақайдгирии азназаргузаронии феҳристҳо ва хазинаҳои электронии китобхона; дастрасии мустақим ба низоми феҳристи ягонаи КМТ ва ғайраҳо.

Барои сари вақт қонеъ намудани эҳтиёҷоти ба иттилоотдоштаи хонандагон дар радифи китобхонаҳои оммавии анъанавӣ ва электронӣ, нақш ва мақоми **китобхонаҳои илмии муассисаҳои илмӣ, донишкадаву донишгоҳҳо, коллеҷу литсейҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ** низ назаррас мебошанд. Китобхонаҳои ин муассисот, бо дарназардошти таъинот ва вазифаҳои худ бештар дар тарғиби адабиёти илмӣ, таълимӣ ва методӣ саҳм мегиранд ва тавассути сомонаҳои интернетии худ таваҷҷуҳи наврасону ҷавононро бештар ба амиқомӯзии фанҳои таълимӣ ва адабиёти марбут ба соҳаҳои мухталифи дониш, ҷалб менамоянд.

Барои таҳлили мазмуну муҳтавои сомонаҳои интернетии муассисаҳои илмӣ, донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва ҳамзамон муайян намудани нақшу мақоми онҳо дар тарғибу оммавигардонии маҷмӯи донишҳои илмӣ мо зарур донистем, ки қабл аз ҳама, ба веб-сайтҳои ин муассисаҳо муроҷиат намоем. Масалан, дар сомонаи **Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** (http://www.anrt.tj/tj/-kitobhona)[1] маълумоти муфассал оид ба фаъолияти Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандӣ пешниҳод шудааст. Мутобиқ ба маълумоти сомона, фонди умумии Китобхона аз 1174700 нусха ҳуҷҷатҳои чопиву электронии марбут ба соҳаҳои мухталифи илм иборат аст. Фонд аз се бахш: китобҳо, маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо таркиб ёфта, дорои 130000 нусха адабиёти электронии

[1] Китобхонаи маркази илмии ба номи Индира Гандии АИ ҶТ [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.anrt.tj/tj/kitobhona (санаи истифодабарӣ: 27.08.2018)

илмӣ ва 20000 нусха адабиёти бадеӣ мебошад. Барои сари вақт дарёфт намудани адабиёти зарурӣ ва дастрасӣ ба фондҳои китобхона ба ёрии хонандагон феҳристҳои электронӣ таҳия шуда, тавассути низоми on-line пешниҳод шудаанд. Истифодаи технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхона ҷиҳати тақвияти мубодилаи байналмилалии китобҳо ва дастёбии хонандагони анъанавӣ ва маҷозӣ ба фондҳои китобхона мусоидат карда, имкон дод, ки сатҳу сифати хизматрасонӣ беҳтар ба роҳ монда шавад. Китобхона дар бунёди дастгоҳи маълумотӣ-библиографии электронӣ саҳми муносиб гузошта, соли 2015 феҳристҳои электронии «Китобҳои нодир», «Китобхонаи Пушкин», «Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» ва коллексияҳои шахсии олимон «М.Осимӣ», «М. Андреев» ва «С. Олденбург»-ро таҳия намуд. Инчунин барои бунёд ва ғанӣ гардонидани фонди китобхонаи электронӣ рақамигардонии китобҳои нодир ва камёб, ки эҳтиёҷ ба хониши онҳо зиёд буда, пайваста дархост мешаванд, роҳандозӣ карда шуд. Ин таҷрибаи муфид ба китобхона имкон дод, ки на танҳо талабу дархости ба адабиёти илмӣ доштаи хонандагонро тавассути фондҳои электронии худ қонеъ гардонад, балки дастрасии онҳоро бо истифода аз толори хониши маҷозӣ бо фондҳои электронии марказҳои иттилоотӣ ва китобхонаҳои дигар мамолик таъмин намояд. Китобхона тамоми иқдомҳое, ки дар самти бунёди китобхонаи электронӣ амалӣ кард, бевосита ба муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи муаллиф ҷавобгӯ мебошад.[1]

**Китобхонаи илмии Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон** соли 1996 баъди ифтитоҳи Донишгоҳ ба фаъолият шурӯъ кардааст. Фонди китобхона беш аз 106000 нусха адабиёти таълимӣ, илмӣ, маълумотдиҳанда ва бадеиро ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ, ташкил медиҳад. Дар таркибии фонди китобхона нашрҳои электронӣ низ шомиланд, ки қисми асосии онро матнвораҳои нашри таълимӣ оид ба фанҳои дар Донишгоҳ

[1] Китобхонаи маркази илмии ба номи Индира Гандии АМИТ [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.anrt.tj/tj/kitobhona (санаи истифодабарӣ: 27.08.2018)

омӯхташаванда ва адабиёти таълимии аз ҷониби устодон интишорёфта, ташкил медиҳанд. Китобхона дорои ду толори хониши электронӣ мебошад. Барои оҷилан пайдо намудани иттилооти зарурӣ аз фондҳои китобхона ба хизмати хонандагон, дастгоҳи маълумотӣ-пажӯҳишии анъанавӣ ва электронӣ, вогузор карда шудааст. Феҳристи электронӣ дорои 36 ҳазор навиштаҷоти библиографӣ мебошад. Ҳаҷми умумии фонди Китобхонаи электронии Донишгоҳ 1 миллиону 772 ҳазору 671 нусхаро ташкил медиҳад. Дар фаъолияти китобхона ҷараёни тадбиқи технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар асоси низоми худкори китобдорӣ-иттилоотии «ИРБИС» роҳандозӣ шудааст. Дастёбӣ ба манобеи иттилоотии электронӣ барои иҷрои корҳои мустақилона ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар шабакаи дохилии Донишгоҳ ва шабакаи байналмилалии Интернет, тавассути ҷойгоҳҳои худкори корӣ дар толорҳои хониши электронӣ, ташкил карда шудааст. Ҳамзамон хонандагони муқимии китобхона бо истифода аз ин толорҳои хониши электронӣ имкони дастёбӣ ба манобеи зерин доранд: низоми электронӣ-китобдории «Лань» (www.e.lanbook.com); низоми электронӣ-китобдории «БиблиоРоссика» (www.bibliorossica.com); захираи универсалии додаҳо «East View» (http://www.eastview.com); китобхонаи илмии маҷозии Тоҷикистон (www.tajikistanvsl.org); бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия» (http://www.adlia.tj); хулосаи ВАО «Polpred.com» (http://www.-polpred.com)[1].

Фонди умумии Китобхонаи **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** (www.tnu.tj)[2] (минбаъд ДМТ) 995551 нусха адабиётро доир ба соҳаҳои мухталифи дониш ташкил медиҳад. Аз ҷумла доир ба соҳаи риёзӣ – 86587 нусха, физика – 36826 нусха, кимиё – 47563 нусха, таърих – 171953 нусха, иқтисодиёт ва молия – 69529 нусха, фалсафа – 44925 нусха, адабиёт – 62735 нусха, забоншиносӣ – 103487 нусха, ҳуқуқ ва давлат – 209295 нусха,

---

[1] Библиотека [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.rtsu.tj/ru/univercity/biblioteka/o-biblioteke.php; http://www.rtsu.tj/ru/univercity/biblioteka/-polnotekstovye-bazy-dannykh-.php (санаи истифодабарӣ: 11.09.2018)

[2] Китобхона [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://tnu.tj/index.php/ru/biblioteka/ (санаи истифодабарӣ: 13.09.2018)

педагогика – 19836 нусха, муносибатҳои байналмилалӣ – 31954 нусха, геология ва минерология – 43543 нусха, тиб – 8618, психология – 6412 нусха, сотсиология – 5947 нусха, фаъолияти иҷтимоӣ – 3616 нусха, мебошад.

Соли 2004 кормандони Китобхонаи Донишгоҳ дар байни китобхонаҳои мактабҳои олии ҷумҳурӣ аввалин шуда таъсиси феҳристи электронии китобхонаро оғоз намуданд ва то соли 2007 ба ин феҳрист 22085 номгӯи маводи чопиро ворид сохтанд.[1]

Имрӯз Китобхонаи электронии ДМТ дорои 150000 нусха манобеи электронӣ буда, дар 4 толор ҷой дода шудааст. Толори якуми хониши электронӣ дар бинои марказии Донишгоҳ бо 31 компютер, фонди гуманитарӣ бо 10 адад компьютер, фонди табиатшиносӣ ва фанҳои дақиқ бо 10 адад компютер, толори хониши электронӣ дар «Шаҳраки донишҷӯён» бо 50 адад компютер фаъолият доранд. Дар умум 101 адад компютер дар толорҳои хониши электронӣ ба донишҷӯёну омӯзгорон хизмат мерасонанд. Инчунин китобхонаи электронии ДМТ тибқи шартномаҳои ҳамкорӣ ба 30 миллион сарчашмаи арзишманд, китобу маҷаллаҳои илмии Шабакаи умумиҷаҳонии VSL (Virtual Science Library), Libnet, E-Library, E-Lanbook, Springer, дастрасӣ дорад. Дар давоми соли таҳсили 2015-2016 аз китобхонаи электронӣ 15 998 хонанда истифода кардааст. Воридоти истифодабарандагон ба китобхонаи электронӣ 84 593 маротибаро ташкил додааст.[2]

Дар радифи дастовардҳо дар фаъолияти Китобхонаи илмии ДМТ камбудиҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла, шуъбаи такмили адабиёти китобхона бо сабаби набудани мутахассисони касбӣ ва муҳити кор, таҷҳизот ва техникаи компютерӣ, наметавонад дигар корҳои сабту коркард, гурӯҳбандиву таҳлили самаранокии истифодаи китоб ва амсоли инро ба роҳ монад. Дар шуъба як компютер бо барномаи соли 1998 кор мекунад, ки хотираи он хеле хурд аст. Мушкилоти мавҷуда ҳамзамон ба такмили фонди

---

[1] Ёрбобоев Р. Махзани илм / Р. Ёрбобоев // Китобдор. – 2008. – №2(4). – С.17.

[2] Суҳбат бо директори Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Г. С. Алиева. – 2018. – 24 октябр.

электронии китобхона низ монеъа эҷод мекунад. «Феҳристи хадамотӣ»-и Шуъбаи коркарди адабиёт ва феҳристнигорӣ дар толори хониш ҷой дода шудааст ва он хилофи муқаррароти соҳавӣ мебошад. Ин феҳрист бояд дар ҷойи дигар, дастнорас аз хонандаву дигар истифодабарандагони китобхона, ҷой дода шавад. Зеро дар толори хониш ҷой додани чунин феҳрист боиси гум шудани баргаҳои феҳристи хадамотӣ шуда, имкони фаъолият намудани кормандони масъулро бо ин феҳрист душвор мегардонад. Мушкилии асосии Шуъбаи нигаҳдории адабиёти илмию таълимӣ дар он аст, ки бо сабаби нарасидани маҳфузгоҳҳои мувофиқ барои нигоҳдории фонди шуъба имкони хизматрасонӣ маҳдуд шуда, сифати кор низ хеле поён фаромадааст. Дар таххона аз таъсири рутубат вазъи нигоҳдории китобҳо хеле бад шудааст. Рафҳои китобмонӣ бениҳоят ба ҳам наздик буда, корро дар ҳолати чӣ хизматрасонӣ ва чӣ дар ҳолати бехатарию пешгирии сӯхтор мушкил месозад. Китобҳо дар баъзе рафҳо рӯи ҳам гузошта шудаанд, ки тамоман ба талаботи ҳифзу нигоҳдорӣ ва хизматрасонии китобдорӣ ҷавобгӯ нестанд. Ҳамзамон китобҳои нодири шуъба, ки мутааллиқ ба асрҳои XVII-XIX ва ибтидои садаи бистум мебошанд, рақамигардониву тавассути фонди электронӣ таъмин намудани дастрасии хонандагони ватанӣ ва хориҷиро тақозо дорад.

Китобхонаи электронии **Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ** соли 2006 ташкил шуда, то имрӯз фаъолият дорад. Саҳифаи китобхонаи электронӣ дар WEB-портали Донишгоҳ **(www.lib.ttu.tj)** ҷойгир шудааст, ки дар он файлҳои электронии китобҳо маҳфуз буда, дастраси ҳамаи омӯзгорону донишҷӯён мебошад.[1] Таҳлили фаъолияти Китобхонаи электронии Донишгоҳ нишон дод, ки китобҳои электронӣ доир ба 35 соҳаи мухталифи дониш, аз ҷумла математика – 12, металлургия – 67, радиотехника – 66, сохтмон, меъморӣ – 38, информатика – 19, иқтисодиёт – 19, энергетика – 31, нақлиёт – 30, технологияи иттилоотӣ – 40 ва дигар соҳаҳо, дар маҷмӯъ матни электронии 435 мавод ба

[1] Китобхона [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://ttu.tj/library/ (санаи истифодабарӣ: 24.10.2018)

хонандагони маҷозӣ пешниҳод шудааст, ки аз ин ҳисоб 84 маводи электронӣ ба забони тоҷикӣ, 344 мавод ба забони русӣ ва 7 мавод ба забонҳои хориҷӣ мебошанд.[1] Ин китобхона нисбат ба дигар китобхонаҳои электронии донишкадаву донишгоҳҳои мамлакат фаъол буда, ба хонандагони муқимӣ ва маҷозии хеш барои истифодаи мақсаднок ва сари вақт дарёфт намудани маводи зарурӣ истифодаи феҳристҳои электрониро низ пешниҳод намудааст.

**Китобхонаи электронии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур** соли 2006 ташкил шуда, дорои 12000 адабиёти электронӣ ва 10 компютер буд, ки онҳо ба шабакаи ҷаҳонии Интернет то имрӯз пайваст мебошанд. Соли 2012 миқдори компютерҳо ба 30 адад расонида шуд ва аз ҳамон сол, ҳамасола ба фонди китобхона аз 3500 то 4000 нусхаи электронии китобу маводи таълимӣ, адабиёти соҳавӣ, кишоварзӣ, иқтисодӣ, техникӣ, бадеӣ ва маҷаллаҳо дар шакли Word, PDF, DjVuReader, HTML, Power Point ворид гардиданд. Имрӯз фонди китобхонаи электронии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дорои 119959 маводҳои электронӣ мебошад.[2]

**Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино** (ДДТТ) асосан баъди солҳои 2000-ум ҷиҳати гузаштан ба тарзи нави хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, автоматикунонии равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ, ташкили фонд ва феҳристҳои электронӣ кӯшиш ба харҷ дод. Барои омӯзиш ва татбиқи навгониҳо тамоми кормандони китобхона курсҳои махсуси азхудкунии асосҳои дониши компютерӣ, барномаи ИРБИС-ро гузашта, соҳиби сертификатҳо гаштанд. Илова бар ин, онҳо дар конфронс ва семинар-тренингҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии дар шаҳрҳои Душанбе, Бишкек, Иссык-кӯл, Каунаси Литва ва штати Небраскаи Амрико баргузоршуда иштирок карда, суханронӣ намудаанд. Барои пажӯҳиш ва

---

[1] Китобхонаи электронии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://lib.ttu.tj/index.php?action=book&id=1 (санаи истифодабарӣ: 24.10.2018)

[2] Китобхонаи электронӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.tajagroun.tj/2019-04-11-13-11-45/kitobkhonai-ellektroni.html (санаи истифодабарӣ: 26.10.2018)

дарёфти адабиёти зарурӣ дар китобхона дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ ва базаи маълумотҳои компютерӣ ташкил карда шуд. Бо мадади фонди молиявии Сорос барномаи «ИРБИС» харидорӣ шуд ва тавассути он дар 8 пойгоҳ иттилооти зарурӣ пешниҳод гардид. То соли 2007 унвонҷӯён ва мутахассисони соҳа бо истифода аз пойгоҳи маълумотҳои пурраматни Шпрингер, EBSKO, тибқи бурси Айрекс талаботҳои иттилоотии худро қонеъ мегардониданд. Таи солҳои 2007-2008 тавассути барномаи тандурустии Дафтари ҳамкорӣ ва рушди Швейтсария ба маблағи 1.229.170 сомонӣ 11989 нусха адабиёти таълимӣ харидорӣ шуда, ба фонди Китобхонаи илмии донишгоҳ ворид гардид. Ҳамзамон барои таъмин намудани эҳтиёҷоти донишҷӯён аз ҷониби Маркази идораи Лоиҳаи системаи тандурустии Бонки Рушди Осиё ба маблағи 171000 сомонӣ 2253 нусха адабиёти таълимӣ харидорӣ шуд. Соли 2009 аввалин қадамҳо дар рақамигардонии китобҳои китобхона гузошта шуд. Китобхонаи электронӣ бо 70 компютер таҷҳизонида шуда, ба шабакаи Интернет васл карда шудааст.[1] Соли 2016 фонди Китобхонаи илмии ДДТТ аз 755799 нусха адабиёт, аз он ҷумла 521850 (69%) адабиёти чопӣ ва 233949 нусха (31%) захираҳои электронӣ иборат буд. Имрӯз китобхонаи мазкур ба истифодабарандагон барои дастрасии ҳуҷҷатҳои мукаммалматн дар реҷаи **off-line** ва **on-line** тамоми шароитҳоро фароҳам овардааст.[2]

**Китобхонаи электронии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** соли 2009 ба фаъолият шурӯъ намудааст. Дар аввал кормандони китобхона дар заминаи феҳристи суннатии китобхонаи Донишгоҳ ба таҳияи феҳристи электронӣ шурӯъ карда, бо истифода аз технологияи муосири ба донишгоҳ воридшуда рақамигардонии китобҳои чопиро ба роҳ монданд. Илова бар ин, харидории матни китобҳои электронӣ доир ба соҳаҳои мухталифи илм барои бунёди фонди китобхонаи электронии Донишгоҳ мусоидат намуд.[3]

---

[1] Суҳбат бо мудири Китобхонаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино С. Хайруллоева. – 2016. – 6 сентябр.

[2] Таърихи ганҷинаи пурасрор [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.sinolib.tj/history.htm (санаи истифодабарӣ: 27.09.2017)

[3] Суҳбат бо мудири китобхонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон С. Абдумуминзода. – 2017. – 4 октябр.

Дар захираи китобхонаи электронии Донишгоҳ беш аз 469000 нусха адабиёт доир ба соҳаҳои мухталифи дониш ҳифзу нигоҳдорӣ шуда, мавриди тарғибу истифода қарор мегиранд.[1] Барои донишҷӯёну омӯзгорон ва хонандагони маҷозии китобхона адабиёти электронӣ доир ба соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла саноат – 195 номгӯй, илмҳои техникӣ – 77 номгӯй, менеҷмент – 94 номгӯй, иқтисодиёт – 275 номгӯй, илмҳои дақиқ – 101 номгӯй, илмҳои гуманитарӣ – 186 номгӯй, адабиёти бадеӣ – 191 номгӯй, адабиёти сиёсӣ – 14 номгӯй, осори Пешвои миллат ва адабиёт доир ба ӯ – 14 номгӯй, қонунҳо – 6 номгӯй, патентҳо – 10 номгӯй, дастурҳои методӣ – 70 номгӯй, силлабусҳо барои магистрантҳо – 6 ва барои донишҷӯён – 73 номгӯй, ҳамзамон матни электронии 16 шумораи маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ ва ду шумораи рӯзномаи "Фановар"-и Донишгоҳ пешниҳод шудааст.[2]

Айни ҳол фонди умумии **Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** 409925 адад китобҳоро ташкил медиҳад, ки аз ин миқдор 303345 адад китобҳои тахассусӣ, 200863 адад китобҳои таълимӣ, 28695 адад китобҳои методӣ, 73787 адад китобҳои сиёсӣ ва 106580 адад китобҳои бадеӣ мебошанд. Аз соли 2011 дар Донишгоҳ Китобхонаи электронӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Баҳри афзун намудани фонди Китобхонаи мазкур аз Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ 12 000 адад, Донишгоҳи славянӣ 3367 адад, Донишкадаи забонҳо 260 адад нусхаҳои китобҳои электронӣ дастрас када шуд. Инчунин устодони Донишгоҳ маводҳои электронии худро ба фонди Китобхонаи электронӣ супоридаанд, ки 2415 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин миқдор 762 адад китоб, 72 адад дастурамал, 450 адад мақола, 800 адад матни лексияҳо, 269 адад силлабусҳо ва 62 адад барномаҳои таълимӣ мебошанд. Дар маҷмӯъ фонди Китобхонаи

[1] Библиотека Технологического университета Таджикистана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tut.tj/?page_id=3095&lang=ru (санаи истифодабарӣ: 21.10.2017)

[2] Китобхонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://elibrary.tut.tj/ (санаи истифодабарӣ: 13.11.2017)

электронии Донишгоҳ 18042 адад маводро ташкил медиҳад[1]. Дар қисми «Аудио-китобҳо» 31 гуфтори қисмҳои 1-2-и «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ пешниҳод шудааст.[2] Таҳлили фаъолияти Китобхонаи электронии ДДОТ имкон медиҳад, ки ба вазъи воқеии истифодаи китобҳои электронӣ аз ҷониби хонандагони китобхона баҳо дода шавад ва ҳатто ному насаби хонандаи қаблӣ ва логини он муайян карда шавад.[3]

Дар фонди **Китобхонаи электронии Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистон** (www.feit.tj) беш аз 550 ҳазор нусха китобҳо ҷамъ оварда шудааст. Толори хониши Китобхонаи электронии Донишкада дорои 56 ҷойи нишаст буда, дар он 39 адад компютер барои хизмат расонидан ба хонандагон насб карда шудааст, ки 10 тои он ба шабакаи Интернет пайваст мебошад. Бо истифода аз ин 10 компютери китобхонаи электронӣ, донишҷуён метавонанд аз китобхонаҳои маҷозӣ (виртуалӣ) низ истифода баранд.[4] Дар қисми «Мақолаҳо»-и веб-сомонаи Донишкада матни электронии беш аз 600 мақолаи устодони донишкада ва коршиносони соҳа оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа барои хонандагони маҷозӣ пешниҳод шудааст.[5]

**Китобхонаи электронии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** бо 18 адад компютер муҷаҳҳаз буда, ба шабакаи ҷаҳонии Интернет ва шабакаи дохилии донишгоҳ, ки аз 200 компютер иборат аст пайваст мебошад ва донишҷӯён мутобиқи реҷаи муайян, бо тариқи ройгон аз имконоти мавҷудаи китобхонаи электронӣ истифода менамоянд.[6] Бино ба маълумоти ректор М. Шарифзода «донишгоҳ айни замон дорои 567 компютер (аз ҷумла, 500 компютери пайваст бо шабакаи Интернет), 57

---

[1] Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.tgpu.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=27&Itemid=-41&lang=ru (санаи истифодабарӣ: 13.11.2017)

[2] Ёддоштҳои Садриддин Айнӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://lib.tgpu.tj/Books/Audio/Details (санаи истифодабарӣ: 13.11.2017)

[3] Муқаддимаи забоншиносӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://lib.tgpu.tj/Books/Element/Details/34989 (санаи истифодабарӣ: 13.11.2017)

[4] Маълумот дар бораи китобхонаи электронии донишгоҳ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ:http://tgfeu.tj/tj/about_the_university/library/ (санаи истифодабарӣ: 13.11.2017)

[5] Мақолаҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://tgfeu.tj/tj/about_the_university/articles/ (санаи истифодабарӣ: 13.11.2017)

[6] Вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон бо омӯзгорону донишҷӯён дар Рӯзи дониш [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=2963 (санаи истифодабарӣ: 24.11.2017)

проектор, 13 тахтаи электронӣ, 61 ноутбук, 11 нетбук, 116 принтер ва 5 терминали иттилоотӣ мебошад ва тамоми дастгоҳҳо бо видеопроекторҳо таъминанд. Китобхонаи электронии таълимгоҳ дорои ду толори васеъ барҳавост».[1]

Теъдоди адабиёти таълимӣ, методӣ ва бадеӣ дар **Китобхонаи илмии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа** 11255 нусха мебошад, ки аз ҷумлаи онҳо 4548 адад бо забони форсӣ-тоҷикӣ, 890 адад бо забони ӯзбекӣ, 229 адад бо забони туркӣ, 4715 адад ба забони арабӣ, 40 адад бо забони урду ва 722 адад ба забони русист. Ҳамчунин, дар китобхонаи муассиса 25 000 нусха китоби электронӣ мавҷуд аст[2].

Кормандони **Китобхонаи электронии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** аз моҳи декабри соли 2012 ҷиҳати таҳияи феҳристи электронии фонди китобхонаи Донишгоҳ саҳм гирифта, то моҳи январи соли 2015 376572 адад китобҳои мавҷударо ба феҳристи электронӣ ворид сохтанд. Фонди Китобхонаи электронии Донишгоҳ дорои 35270 адад маводҳои электронӣ, аз ҷумла китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёна мебошад.[3] Ҳамзамон барои хонандагони маҷозӣ тавассути веб-сомонаи Донишгоҳ (uchzap.tj/index.php?naw=15) матни электронии 24 шумораи маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ» пешниҳод карда шудааст[4].

Қобили қайд аст, ки дар муассисаҳои таълимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон китобхонаҳое низ таъсис дода шудаанд, ки мувофиқи тақозои давру замон фаъолияташро ба роҳ монда, бо техникаю технологияи навтарин муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Ин китобхонаҳо дорои сарватҳои бои иттилоотӣ буда, дар рушди маърифати ҷомеа саҳми босазо мегузоранд. Яке аз онҳо **Китобхонаи электронии (Маркази манбаи**

---

[1] Муродӣ А . 500 компютери пайваст ба Интернет / А. Муродӣ // Омӯзгор. – 2017. – 20 январ. – №3 (12071).

[2] Қурбонӣ Д. 25000 нусха китоби электронии Донишкада / Д. Қурбонӣ // Омӯзгор. – 2017. – 27 январ. – №4 (12072).

[3] Маркази технологияҳои иттилоотӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.hgu.tj/depart/university-information-center.html (санаи истифодабарӣ: 28.11.2017)

[4] Номаи донишгоҳ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://uchzap.tj/index.php?naw=15 (санаи истифодабарӣ: 28.11.2017)

**илмӣ ва ахборотии) Литсеи Оғохон** мебошад, ки соли 2000 ташкил карда шуда, 20000 нусха китоб дорад. Теъдоди муайяни адабиёти ба шакли электрониро дорост, ки мундариҷаи таълимӣ доранд. Китобхонаи ба шабакаи Интернет пайваст аст ва дорои 6 адад компютер мебошад. Бақайдгирӣ тавассути компютер рӯи кор меояд. Назорат ба воситаи компютерҳои сабткунанда бурда мешавад. Китобхона 3 нафар корманд дошта, онҳо бо 2 адад компютери хизматӣ таъмин шудаанд. Дар назди китобхона маҳфилҳои «Адибони наврас», «Китобдӯстон», «Мубоҳиса ва мусоҳиба» ташкил карда шудаанд, ки тавассути онҳо пайваста чорабиниҳо баргузор мегарданд.[1]

**Китобхонаи электронии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ** соли 2006 ташкил карда шудааст ва дорои 2000 манбаъ (ресурс) мебошад. Истифодабариаш номаҳдуд ва озод буда, барои донишҷӯён, устодони Донишгоҳ ва барои тамоми мардум пешниҳод шудааст. Истифодабарии манбаъ барои истифодабарандагони берун аз Донишгоҳ танҳо дар дохили китобхона иҷозат дода мешавад. Чор компютер ба хизмати истифодабарандагон вогузор гардидааст. Китобхона феҳрасти электронӣ дорад ва ба шабакаи Интернет пайваст аст. Истифодаи Интернет дар он бепул аст. Тамоми фаъолият ва хизматрасонӣ тавассути бақайгирӣ ва назорат амалӣ мегардад. Дар фонди китобхона маводҳо бештар ба забони русӣ буда, инчунин ба забонҳои тоҷикӣ, англисӣ, фаронсавӣ, немисӣ ва дигар забонҳо маҳфузанд.[2]

**Китобхонаи электронии Донишгоҳи шаҳри Хоруғ** моҳи сентябри соли 2008 ташкил ёфта, дорои 110000 номгӯи китоб мебошад.[3] Китобхонаи электронӣ ба шабакаи дохилӣ (сети локалӣ) пайваст буда, ба истифодаи

---

[1] Чароғабдолов А. Фаъолияти китобхонаҳои ВМКБ дар даврони истиқлол / А. Чароғабдолов // Китобдор. – 2013. –№1-3 (11). – С.26.

[2] Чароғабдолов А. Вазъи китобдорӣ ва фаъолияти китобхонаҳои ВМКБ дар даврони истиқлол / А. Чароғабдолов // Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: Маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 33-34.

[3] Чароғабдолов А. Вазъи китобдорӣ ва фаъолияти китобхонаҳои ВМКБ дар даврони истиқлол / А. Чароғабдолов // Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: Маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Бебок, 2015. – С. 35.

дохилидонишгоҳӣ пешниҳод шудааст. Дар он 10 адад компютер пешкаши истифодабарандагон гардидааст ва 1 нафар корманд дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ талабот ба низоми воридоту содироти электронии иттилоот афзуда, зарурияти бунёди **сомонаҳои интернетиро** ба миён овард ва ҳар як ташкилоту идора, муассисаву ширкатҳоро водор сохт, ки самтҳои асосии фаъолияти хешро ба вижагиҳои ҷомеаи иттилоотӣ мувофиқу созгор намоянд. Барои ташкилу роҳандозии хизматрасониҳои мутақобила, дарёфту пешниҳод ва интиқолу қабули иттилооти зарурӣ воситаҳое лозим шуданд, ки низоми пахши иттилоотро ба танзим дароранд ва ҳарчи бештару беҳтар оид ба самтҳои асосии фаъолияти ташкилоту муассиса маълумот дода, дастовардҳои онро ба намоиш гузоранд. Дар робита бо ин бештари муассисаву ташкилотҳо, идораву созмонҳо дар саҳифаҳои шабакаи байналмилалии Интернет сомонаҳои хешро боз карданд.

Масалан, **Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо мақсади тарғибу ташвиқи мунтазами санадҳои меъёриву ҳуқуқии қабулшуда сомонаи худро (www.mmk.tj)[1] таъсис додааст. Тавассути ин сомона хонандагони маҷозӣ метавонанд ба матни электронии санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳо доир ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа – 392 номгӯй, ки солҳои соҳибистиқлолӣ қабул шуда, ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор ёфтаанд, шинос шаванд.[2] Илова бар ин, аз сомонаи Марказ боз хонандагони маҷозӣ метавонанд ба матни электронии суханрониҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, осори кормандон ва тавсифи нашрҳои Марказ, матн ва мундариҷаи 6 шумораи маҷаллаи «Қонунгузорӣ», ошноӣ пайдо намоянд. Ҳамзамон, барои тарғибу ташвиқи фонди китобхонаи Марказ ва мусоидат кардан ба хонандагони маҷозӣ ҷиҳати пажӯҳишу

[1] Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 30.11.2017)

[2] Махзани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://mmk.tj/#collapse-266 (санаи истифодабарӣ: 30.11.2017)

интихоб ва истифодаи адабиёти ҳуқуқӣ, дар саҳифаҳои сомона тахти унвони «Номгӯи китобҳои дар китобхона мавҷуд буда»[1] 1332 номгӯи китобҳо пешниҳод шудаанд.

Соли 2006 **Маркази технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар ҳамкорӣ бо **Мактаби технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ** тавассути сомонаи худ (www.termcom.tj)[2] бори нахуст пайкараи миллии забони тоҷикиро тархрезӣ намуда, дар бунёди пайкараҳои адибони классику муосири тоҷик: Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Лоиқ Шералӣ, Мӯъмин Қаноат ва Ҳабибулло Файзулло, саҳм гузоштанд. Имрӯз пайкараҳои Рӯдакӣ, Мавлоно, Фирдавсӣ ва Лоиқ дар шабакаи ҷаҳонии Интернет фаъол буда, дар тарғиб ва ҷаҳонишавии хониши осори пурғановати ин нобиғаҳои назми тоҷик ҳамаҷониба мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, бори нахуст пайдо шудани пайкараи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шабакаи ҷаҳонии Интернет ҳамчун дастоварди бузурги коршиносони тоҷик дар муаррифии мероси арзишманди сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс маҳсуб ёфта, имкон дод, ки истифодабарандагони сомона на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он ҳарчи беҳтару бештар зиндагинома ва осори гаронмояи устодро мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Пайкараи Рӯдакӣ аз 7 қисм: «Қасоиду ғазалиёт ва қитъаот»,[3] «Рубоиёт»,[4] «Абёти пароканда»,[5] «Абёти пароканда аз маснавиҳо»,[6]

---

[1] Номгӯи китобҳои дар китобхона мавҷудбуда [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: mmk.tj › content › номгӯи-китобҳои-дар-китобхона-ма...(санаи истифодабарӣ: 30.11.2017)

[2] Маркази технологияи иттилоотӣ ва иртиботии АИ ҶТ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/ (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[3] Қасоиду ғазалиёт ва қитъаот [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=bases&page=rudaki_poem_1&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[4] Рубоиёт [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu-=bases&page=rudaki_poem_2&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[5] Абёти пароканда [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?-menu=bases&page=rudaki_poem_3&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[6] Абёти пароканда аз маснавиҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=bases&page=rudaki_poem_4&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

«Луғатҳои бар пояи матни ин китоб таҳияшуда»,[1] «Луғатномаи китобшиносӣ»,[2] ва «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ»[3] таркиб ёфтааст. Қисми «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» аз пешгуфтор, зерқисмҳои «Аввалин шеърҳо дар лаҳҷаҳои форсӣ» (5 намуна), «Нахустин шоирони порсигӯй» (8 нафар), «Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ» (53 нафар) иборат аст.

Пайкараи «Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ»[4] аз қисмҳои «Зиндагинома», «Маснавӣ» (6 дафтар), «Рӯбоиҳо» (1956 адад), «Гулчини рӯбоиҳо» (134 адад) иборат буда, ба хонандагони маҷозӣ имкон медиҳад, ки бе ягон мамоният ба намунаи осори Мавлоно шинос шаванд. Ин саҳифаҳо ва саҳифаҳои дигари сомонаи мазкур, аз як ҷониб, ба толибилмону омӯзгорон ҷиҳати интихобу мутолиаи маводи дилхоҳ мусоидат намоянд, аз ҷониби дигар, ба китобдорон имкон медиҳанд, ки барои қонеъ гардонидани талабу дархости хонандагон, адабиёти лозимаро пешниҳод намоянд ва дар мукаммал гардонидани фондҳои анъанавӣ ва электронии китобхона саҳм гиранд. Масалан, бо истифода аз «Пайкараи Фирдавсӣ»[5] китобдорон метавонанд матни электронии ҷилдҳои 1-5-и «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро берун кашида, ба фонди электронии китобхона ворид созанд.

Яке аз хусусиятҳои хоси сомонаи Маркази технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки дар саҳифаҳои сомона дар радифи китобҳои электронӣ, китобҳои савтӣ (гӯё ё овоздор) низ барои истифода пешниҳод шудаанд. Масалан, дар

[1] Луғатҳои бар пояи матни ин китоб таҳияшуда [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=bases&page=rudaki_corpus&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[2] Луғатҳои китобшиносӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=bases&page=rudaki_lugat&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[3] Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=bases&page=hamasr&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[4] Пайкараи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=bases&page=base_mavlono&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[5] Пайкараи Фирдавсӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=bases&page=jildho&lang=toj&m=shohnoma&page=jildho (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

«Пайкараи Лоиқ Шералӣ»[1] дар радифи дигар қисмҳои пайкара: зиндагинома, шеърҳо, суратҳо, наворҳои охирин, луғат, қисми «Овози устод» ҷой дода шудааст, ки дар он ғазалҳои Лоиқ Шералӣ бо садои худи устод (овози аслӣ дар шакли mp3)[2] қироат мешавад.

Тавассути луғатҳои электронии сомона, истифодабарандагон метавонанд калимаҳои соҳаҳои мухталифи донишро ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ тарҷума намоянд. Дар қисми «Луғатҳои on-line»[3] 12 луғат, ки иборат аз 12843 калима аст, ҷой дода шудааст. Аз ҷумла, «Луғати компютер» (ҳаҷми умумии луғат – 5300 калима), «Луғати муроҷиату муошират» (244 калима), «Луғати асбобҳои рӯзғор ва мафҳумҳои дигар» (133 калима), «Луғати анвои хӯрок ва хӯрокворӣ» (162 калима), «Луғати мева, сабзавот, кабудӣ, ғалладона» (94 калима), «Луғати паранда, ҳайвонот ва ҳашарот» (194 калима), «Луғати маориф» (167 калима), «Луғати истилоҳоти забоншиносӣ» (610 калима), «Луғати фарҳанг ва санъат» (302 калима), «Луғати истилоҳоти иқтисодӣ» (455 калима), «Луғати истилоҳоти таърих» (260 калима) ва «Луғати истилоҳоти соҳаи энергетика» (4922 калима).

Бо истифода аз сомонаҳои интернетӣ китобдор метавонад дар радифи китобҳои электронӣ китобҳои гӯё ва ё садодорро (аудиокитобҳо) ба хонандагон пешниҳод намояд. Масалан, дар сомонаи **sattor.com/tojiki.html** таҳти унвони «Адабиёти қадим ва нав»[4] оид ба адабиёти қадим ва нави тоҷик, осори адибони классик ва муосири адабиёти тоҷик маълумот таҳия гашта, матни электронии адабиёти илмӣ, таълимӣ ва бадеӣ дар шакли PDF ва ҳамзамон китобҳои гӯё (аудиокитобҳо) барои истифодаи омма пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла бо

---

[1] Пайкараи Лоиқ Шералӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=bases&page=base_loiq&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[2] Ғазалҳои Лоиқ Шералӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=bases&page=loiq_music&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[3]Луғатҳои on-line [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.termcom.tj/index.php?menu=dictionary&page=index2&lang=toj (санаи истифодабарӣ: 04.12.2017)

[4]Адабиёти қадим ва нав [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.sattor.com/tojiki.html (санаи истифодабарӣ: 14.12.2017)

истифода аз ин сомона, масалан, китобдор метавонад аз осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (Қасоиду ғазалиёт ва қитъаот – 47 с.); Абулқосим Фирдавсӣ (Шоҳнома – 18 аудиокитоб ва 9 ҷилд китоб (бо истисноии ҷилди 6) дар шакли PDF), Нақшу нигори Шоҳнома (15474 нақшу нигор), феҳристи Шоҳнома (11 номгӯй), Андарзномаи Фирдавсӣ / таҳия ва тадвин аз З. Аҳрорӣ, К. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 272 с.); Самаки айёр (аудио китоб иборат аз 6 ҷилд. Ҷилди 7 дар шакли PDF); Чор дарвеш (аудио китоб); Тутиномаи Нақшабӣ (аудио китоб иборат аз муқаддима ва 35 гуфтор); Ҳафт кишвари Фахрӣ (аудио китоб иборат аз 10 гуфтор); Қобусномаи Кайковус (аудио китоб иборат аз муқаддима, 44 боб); Саъдии Шерозӣ (Гулистон – аудио китоб, Гулистон дар шакли PDF, Бустон дар шакли PDF); Ҳофизи Шерозӣ (Ғазалиёт дар шакли PDF); Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Маснавии Маънавӣ дар шакли PDF); Абӯалӣ ибни Сино (Осори мунтахаб ва Ал-Қонун дар шакли PDF); Абдураҳмони Ҷомӣ (Баҳористон: барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.); Калила ва Димна (Қисми 1 ва қисми 2 дар шакли PDF); Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ (Саду як ғазал. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 104 с.); Абдуллоҳи Ҳотифӣ (Ширин ва Хусрав. – Душанбе: Дониш, 1981. – 114 с.); Абубакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар Наршахӣ (Таърихи Бухоро. – Душанбе: Дониш, 1979. – 118 с.); Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (Куллиёти форсӣ. – Душанбе: Паёми ошно, 2008. – 778 с.); Хотираҳои Амир Олимхон (муаллифи сарсухан, тавзеҳот ва таҳияи А. Мухторов. – Душанбе: Адиб, 1992. – 65 с.); Садриддин Айнӣ (Дохунда, Темурмалик, Марги судхур, Намунаи адабиёти тоҷик, Ёддоштҳо дар шакли PDF); Бобоҷон Ғафуров (Тоҷикон: қисми 1 ва 2 дар шакли PDF); Лоиқ Шералӣ (Дасти дуои модар. – Душанбе: Адиб, 1991. – 112 с. дар шакли PDF, ва 18 шеъри шоир бо овози худи ӯ садо медиҳанд); Ҷалол Икромӣ (Духтари оташ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 560 с.); Мирзо Турсунзода (шеърҳо ва достонҳо. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.); Адабиёти мактаби миёна (6 китоби дарсӣ барои синфҳои 5-10 дар шакли PDF); Афсонаҳои мардумӣ (аудио китоб иборат аз 55 афсонаҳо барои кӯдакон) мавриди истифода ва нусхабардорӣ қарор

диҳад. Ҳамзамон дар қисмҳои русӣ[1] ва англисии[2] сомона матни электронии ашъори классикони адабиёти тоҷик интихобан ворид шудаанд, ки онҳоро низ китобдор метавонад барои истифодаи доимии хонандагон нусхабардорӣ намояд.

Дар сомонаи нависанда, шоир ва мунаққиди тоҷик «Баҳром Фирӯз» **(firuz.tj/tj/books)**,[3] ки аз 5 қисм ва 4 зерқисм таркиб ёфтааст, мавод бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод шудааст. Тавассути ин сомона дастрасӣ ба маҷмӯаи достону ҳикояҳо ва ашъори мунтахаби Баҳром Фирӯз, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ  интишор ёфтаанд, таъмин карда шудааст. Аз ҷумла, бо истифода аз ин сомона на танҳо хонандагони маҷозӣ, балки китобдорон имкон доранд, ки матни электронии беш аз 20 китоби нависандаро ба фонди электронии китобхонаи электронии худ интиқол диҳанд ва барои истифодаи минбаъда ба хонандагон пешниҳод намоянд. Дар ин сомона, маҷмӯаи ҳикояҳо, достонҳо  ва  ашъори  зер  ба забонҳои тоҷикию русӣ барои мутолиа ва берун кашидан пешниҳод шудаанд: «Силсила» (Душанбе: Ирфон, 1973)[4], «Пайи ситора» (Душанбе: Маориф, 1976),[5] «Ту танҳо не» (Душанбе: Маориф, 1980),[6] «Тафти дил» (Душанбе: Ирфон, 1984),[7] «Тору пуд» (Душанбе: Маориф, 1985),[8] «Агар вай мард мебуд» (Душанбе: Адиб, 1987),[9] «Ғафлатзадагон» (Душанбе: Адиб, 1999),[10]

---

[1] Родник жемчужин: персидско-таджикская классическая поэзия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.sattor.com/russian/perso-tajik%20literature%20in%20russian.pdf (санаи истифодабарӣ: 14.12.2017)

[2]Abu 'Abd Allah Ja'far ibn Muhammad Roudaki [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.sattor.com/english/Rudaki.pdf (санаи истифодабарӣ: 14.12.2017)

[3] Баҳром Фирӯз [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: firuz.tj/tj/books (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[4] Силсила [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/images/download/1973-Bahrom_Firuz_Silsila.pdf (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[5] Пайи ситора [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/tj/kitob/pai-sitora (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[6] Ту танҳо не [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/tj/kitob/tu-tanho-ne (санаи наи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[7] Тафти дил [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/tj/kitob/tafti-dil (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[8] Тору пуд  [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/tj/kitob/toru-pud (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[9] Агар вай мард мебуд [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/tj/kitob/agar-vaj-vaj-mard-mebud (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[10] Ғафлатзадагон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/tj/kitob/gaflatzadag (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

«Муаллими сахтгир» (Душанбе: Адиб, 2007)[1], «Рухсора» (Душанбе: Олами китоб, 2008),[2] «Ҳақиқати талх» (Душанбе: Истиқбол, 2008), «Дарёи меҳр» (Душанбе: Адиб, 2009),[3] «Нидои ишқ» (Душанбе: Нодир, 2009), «Хотираи як муҳаббат»: Ҳикояҳо (Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2009),[4] «Субҳи Ватан» (Душанбе: Истиқбол, 2012),[5] ва дигар осори адиб.

Оид ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Баҳром Фирӯз дар қисми «Хотирот»[6]-и сомона мақолаҳои Сотим Улуғзода «Ба исми некуӣ», Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ «Зарраҳои одамият», Гулчеҳра Сулаймонӣ «Нексиришт», Абдумалик Баҳорӣ «Таскини дил», Кароматуллоҳи Мирзо «Номаҳо, навиштаҳояш монда...», Гулназар «Ҷоизаи асл» ва ёздаҳ адибу муҳаққиқи дигар пешниҳод шудаанд, ки ҳар кадоме аз ин мақолаҳо барои омӯзиши осори адиби шинохта ва муҳаққиқи пухтакор ҳамчун манбаъҳои боэътимод хизмат хоҳанд кард. Ҳамзамон дар зерқисми «Мақолот ва гузоришот» 17 маводи хонданибоб оид ба зинадагинома, фаъолияти эҷодӣ, маҳфилҳои адабиву ёдбуди адиб Баҳром Фирӯз дарҷ гардидаанд, ки бешак барои шинохти ҳунари суханофарии нависандаи соҳибназар мусоидат мекунанд.

**Ширкати «Ф1имдод - хизматрасониҳои технологияҳои иттилоотӣ»** дар интиҳои соли 2010 аз сӯи коршиносони соҳаи коркарди таъминоти барномавӣ, тиҷорати электронӣ ва хадамоти таблиғотӣ созмон ёфтааст ва дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати маорифи шаҳри Душанбе ва тибби мардумии «Ориён» **сомонаи «maktab.tj»**-ро таъсис додааст.[7] Ин сомона аз қисмҳои зерин: асосӣ,

---

[1] Муаллими сахтгир [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/images/download/2007-Bahrom_Firuz_Muallimi_sahtgir.pdf (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[2] Рухсора [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/images/download/1978-Bahrom_Firuz_Rukhsora_taj.pdf (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[3] Дарёи меҳр [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/tj/kitob/daryoi-mehr (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[4] Хотираи як муҳаббат [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/tj/kitob/xotirai-yak-muhabbat (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[5] Субҳи Ватан [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://firuz.tj/tj/kitob/subhi-vatan (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[6] Хотирот [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.firuz.tj/tj/intishorot/khotirot (санаи истифодабарӣ: 15.12.2017)

[7] Макотиби пойтахт – Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://maktab.tj/ (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

мактабҳо, суратнигор, варзиш, ба устодон, ба шогирдон, ба волидайн иборат аст ва матолиби ҷолиби илмӣ-маърифатиро фаро гирифта, имкон медиҳанд, ки ҳам хонандагон ва ҳам омӯзгорону волидайн бо истифода аз он талаботҳои иттилоотии худро қонеъ гардонанд.

**Қисми «Асосӣ»** дорои зерқисмҳои «Қонунҳо» (2 номгӯй), «Қарорҳо» (2 номгӯй), «Қоидаҳо» (3 номгӯй), «Фармоишҳо» (1 номгӯй), «Барномаҳо» (3 номгӯй), «Низомномаҳо» (1 номгӯй), «Медалистҳо (1 номгӯй)[1] мебошад. **Қисми «Ба устодон»** аз зерқисмҳои «Ҳуҷҷатнигорӣ» (12 номгӯй), «Нақшаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ» (5 номгӯй), «Сенарияҳо» (10 номгӯй), «Мақолаҳо» (54 номгӯй), «Китобҳои илмӣ» (8 номгӯй), «Тандурустӣ» (20 номгӯй), «Панду андарзҳо» (8 номгӯй), «Технологияи иттилоотӣ» (44 номгӯй)[2] иборат аст.

Барои ҷалби ҳарчи бехтару бештари хонандагон ба донишандӯзӣ, таҳкими донишҳои заминавӣ ва инкишофу қавигардонии майлу рағбатҳои онҳо ба омӯзиши фанҳои таълимӣ масъулини сомона зарур донистанд, ки дар **қисми «Ба шогирдон»**, ки аз ҳама калонтарин қисми сомонаи «maktab.tj» маҳсуб меёбад, ба толибилмон мутолиаи 610 номгӯи маводро тавсия намоянд, аз ҷумла, тавассути зерқисмҳои «Рамзҳои давлатӣ» (3 номгӯй), «Адибон»[3] (ин ҷо роҷеъ ба зиндагинома ва эҷодиёти 21 адиби классику муосири тоҷик: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Низоми Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳамадонӣ, Ҷомӣ, Бедил, Сайидои Насафӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Маъсуди Саъди Салмон, Самандархоҷаи Тирмизӣ, Аҳмади Дониш, Тошхӯҷа Асирӣ, Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Юсуфӣ мавод пешниҳод шудааст), «Саволҳои имтиҳон» (12 номгӯй), «Тестҳо»[4] (аз 10 фанни таълимӣ – 69 номгӯй), «Китобҳои дарсӣ»[1] (барои

---

[1] Қисми асоси: қонунҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://maktab.tj/category/qonunho/ (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

[2] Ҳуҷҷатнигорӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.maktab.tj/category-/hujjatnigori/ (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

[3] Адибон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.maktab.tj/category/adibon/ (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

[4] Тестҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://maktab.tj/55-test-az-fanni-biologija.html (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

синфҳои 2-11 – 88 номгӯй), «Китобҳои бадеӣ» (С.Айнӣ: Марги судхур, Мактаби куҳна), «Маърӯза ва иншо»[2] (188 номгӯй), «Эссе» (27 номгӯй), «Афсонаҳо» (29 номгӯй), «Қиссаҳо» (27 номгӯй), «Панду андарзҳо» (8 номгӯй), «Варзиш» (7 номгӯй), «Тандурустӣ» (20 номгӯй), «Маслиҳатҳо» (29 номгӯй), «Сканвордҳо» (4 номгӯй), «Мусиқӣ» (18 номгӯй), «Мултфилм» (26 номгӯй),[3] пешниҳод шудааст.

**Қисми «Ба волидайн»** иборат аз зерқисмҳои «Ҳуҷҷатнигорӣ» (13 номгӯй), «Тавсияҳо» (39 номгӯй), «Тандурустӣ» (20 номгӯй), «Пухтупаз» (30 номгӯй), «Афсонаҳо» (29 номгӯй), «Панду андарзҳо» (11 номгӯй), ва «Технологияи иттилоотӣ» (44 номгӯй)[4] буда, ҳар кадоме аз онҳо адабиёти ба мавзӯъ ихтисосдоштаро тарғиб менамояд.

Истифодаи сомонаи «maktab.tj» имкон медиҳанд, ки дар баробари хонандагони хурдсол, роҳбарони хониши онҳо – падару модарон ва омӯзгорон ба матни электронии китобу дастурҳо ва дигар маводи барои таълиму тарбия муфид шинос шаванд.

**Сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**[5] барои кулли омӯзгорон, хонандагону донишҷуён ва магистрантҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот теъдоди муайяни адабиёти илмиву таълимӣ, методӣ, бадеӣ ва ҳуқуқии марбут ба соҳаи маорифро пешниҳод намудааст, ки истифодаи онҳо аз бисёр ҷиҳат ба беҳтар шудани сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат мекунанд. Масалан, дар қисми «Китобҳо»-и сомона[6] дар радифи 163 номгӯи китобҳои дарсии электронӣ барои хонандагони синфҳои 1-11, иловатан матни электронии 60 номгӯи дастурҳои таълимиву методӣ барои омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагони муассисаҳои таҳсилоти

---

[1] Китобҳои дарсӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.maktab.tj/kitobi-darsi/ (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

[2] Маърӯза ва иншо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.maktab.tj/category-/maruza-insho/ (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

[3] Мултфилм [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.maktab.tj/category/multfilm/ (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

[4] Ҳуҷҷатнигорӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.maktab.tj-/category/hujjatnigori/ (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

[5] Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://maorif.tj/ (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020)

[6] Китобҳои дарсӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://maorif.tj/index.php/asosi/kitoboi-dars (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020)

умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, барномаҳои таълимии фанҳои тахассусӣ барои донишҷуён ва магистрантҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои намунавии таълимии курси омӯзишӣ барои омӯзгорони фанҳои гуногуни таълимӣ ва барномаҳои намунавии курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, пешниҳод шудааст. Илова бар ин, дар зерқисми «Китобҳои бадеӣ»[1] 46 номгӯи китобҳои бадеӣ ва илмӣ барои хонандагону омӯзгорон тавсия шудааст. Ҳамзамон омӯзгорон метавонанд бо истифода аз қисми «Санадҳо»[2] ба матни электронии 140 қонуну стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ, низомномаҳо, дастурамалҳо, тартиб ва қоидаҳо доир ба соҳаи маориф шинос шаванд.

Чунонки таҳлилҳо нишон медиҳанд, бештари китобхонаҳои мамлакат аз нарасидани нашрҳои маълумотдиҳанда, бахусус донишномаҳо ба забони тоҷикӣ танқисӣ мекашанд ва ҳатто барои харидорӣ намудани онҳо маблағи кофӣ надоранд. Барои ҳалли масъалаи мазкур китобдорон имкон доранд, ки бо истифода аз сомонаи **Энсиклопедияи миллии тоҷик (donishnoma.tj),** ба нашрҳои маълумотдиҳандаи муассиса: «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик»[3] (иборат аз 5 ҷилд), «Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик»[4] (иборат аз 3 ҷилд), донишномаҳо барои хурдсолон, аз қабили «Донишномаи мухтасари кӯдакон ва наврасон» (нашри дуввуми такмилшуда),[5] «Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ (ибодот ва аҳволи шахсӣ)»,[6] шинос шаванд ва бе ягон мамоният матни электронии китобҳои дар шакли pdf пешниҳодшударо ба захираи электронии китобхонаи худ интиқол диҳанд. Ҳамзамон бо истифода аз ин сомона хонандагони маҷозӣ имкон доранд, ки оид ба мазмуну муҳтавои китобҳои

---

[1] Китобҳои бадеӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://maorif.tj/index.php/asosi/kitoboi-bade (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020)

[2] Қонунҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://maorif.tj/index.php/asosi/onuno (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020)

[3] Энсиклопедияи миллии тоҷик [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://donishnoma.tj/images/books/TNE/EMT-1.pdf (санаи истифодабарӣ: 13.12.2019)

[4] Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://donishnoma.tj/images/books/DFM/DFM-1.pdf (санаи истифодабарӣ: 13.12.2019)

[5] Донишномаи мухтасари кӯдакон ва наврасон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://donishnoma.tj/images/books/encyclopedias/DKN.pdf (санаи истифодабарӣ: 13.12.2019)

[6] Фиқҳи исломӣ бар асоси масҳаби ҳанафӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: [Манобеи [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://donishnoma.tj/images/books/Islamic%20Feqh.pdf (санаи истифодабарӣ: 13.12.2019)

«Донишномаи Душанбе», «Донишномаи донишмандони Тоҷикистон дар ибтидои қарни XXI», «Энсиклопедияи советии тоҷик» (иборат аз 8 ҷилд), «Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» (иборат аз 2 ҷилд), «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» (иборат аз 3 ҷилд), «Энциклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ», «Энсиклопедияи насри форсу тоҷик», «Таъриху-р-русули ва-л-мулук» (Таърихи Табарӣ), маълумоти мушаххас гиранд.

Дар радифи таъмини дастрасии хонандагон ба ҳуҷҷатҳои электронӣ, сомонаи интернетӣ ҳамчун воситаи муҳимми тавлид ва пахши **донишҳои марбут ба соҳаи китобдорӣ** низ метавонад корҳои зиёдро ба сомон расонад. Бахусус имкон дорад, ки донишҳои китобдориро бештар мавриди тарғибу ташвиқ қарор дода, фаъолияту дастовардҳои воқеии китобхонаҳоро дар саҳифаҳои худ муаррифӣ намоянд. Ин иқдом аз як ҷониб имкон медиҳад, ки китобдорон ба таҷрибаи муфиди фаъолияти китобхонаҳо аз наздик ошно шаванд, аз ҷониби дигар сатҳи дониши тахассусии хешро такмил диҳанд. Зарурати пешниҳоди чунин мавод албатта бо чунин омилҳо алоқамандӣ доранд. Имрӯз аз ҷониби марказҳои илмӣ-методӣ барои китобдорон чиҳати ташкили кор дар китобхонаҳо ва вижагиҳои касби китобдорӣ маводи илмию методӣ ва тавсиявӣ кам таҳияву интишор мешаванд. Аз ҷониби дигар, рушди устувори технологияи муосир ва дар ин робита ҷорӣ шудани навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат пайваста мукаммал гардонидани сатҳи дониши тахассусӣ ва бо ибораи дигар гӯем, ҳамқадами илму дастовардҳои навини соҳа будани мутахассисонро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, пайваста интишор ёфтани чунин мавод дар саҳифаҳои сомонаи китобхонаҳо метавонад ҳамчун дастури роҳнамо чиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши тахассусии китобдорон мусоидат намояд. Барои омӯзиши ин масъала мо зарур донистем, ки ба сомонаи яке аз китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ муроҷиат намоем.

Соли 2006 **Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ** сомонаи худро (www.nlrt.tj) дар шабакаи байналмилалии Интернет созмон дода буд ва тавассути он барои истифодаи умум матни

электронии нашриёҳои Китобхона, аз қабили «Тақвими ҷашн ва санаҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Адабиёти нав доир ба фарҳанг ва ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон», маҷаллаи «Китобдор», китобномаҳои «Рӯдакӣ» (солҳои 1985-2008), «Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ», «Зиндагиномаи Имоми Аъзам», «Танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рӯйхати китобҳои электронии Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ» пешниҳод шуда будаанд. Инчунин, тавассути сомонаи Китобхона хонандагони ватанӣ ва хориҷӣ имкон пайдо карда буданд, ки бе ягон мамоният матни электронии китобҳои «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, «Таджики»-и А. Шишов, «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и Эмомалӣ Раҳмон, «Давлати Сомониён»-и Н. Неъматовро бо забонҳои русӣ, англисӣ ва форсӣ мавриди истифода қарор диҳанд. Истифодаи ин манбаъ ҳамзамон имкон дод, ки дар радифи хонандагони анъанавӣ, хонандагони маҷозӣ (виртуалӣ) номнавис шаванд ва фонди электронии Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсиро мавриди истифода қарор диҳанд[1]. Фаъолияти сомонаи мазкур соли 2012 қатъ ёфт ва ба ҷойи он сомонаи нав (kmt.tj)[2] дар **бинои нави Китобхонаи миллӣ** ба фаъолият шурӯъ кард. Сомонаи нав дорои чунин сохтор мебошад: **асосӣ, хабарҳо, сохтор** (роҳбарият, шуъбаҳо, таърих, оиннома, қонун), **конун** (самтҳои фаъолияти конун, забони тоҷикӣ, фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ), **махзани электронӣ** (феҳристи электронӣ, толорҳои хониши маҷозӣ, сарчашмаҳои фосилавӣ, пайвандҳои муфид), **роҳнамои хонанда** (қоидаҳои сабти ном, толорҳои хониш, марказҳои фарҳангӣ, реҷаи корӣ), **суратхона, тамос.** Бо истифода аз сомонаи нави КМТ хонандагони маҷозӣ имкон пайдо карданд, ки ба матни электронии китобҳои тозанашр ва китобҳои камёб дастрасӣ дошта бошанд. Илова бар ин, тавассути сомонаи мазкур хонандагони маҷозӣ ба реҷаи кории китобхона, фаъолияти бахшу шуъбаҳои он, марказҳои фарҳангӣ, толорҳои

---

[1] Иттилои вазири фарҳанги ҶТ Асрорӣ М. ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти Китобхонаи миллии ҶТ ба номи А. Фирдавсӣ аз 20.06.2009, №1-03/1593 [Матн] // БҶ ВФ ҶТ: дафтари мукотиба ба Ҳукумати ҶТ, ДИП, Маҷлиси Олӣ оид ба масъалаҳои фарҳанг (03-2). – С.2-3.

[2] Китобхонаи миллии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/ (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

хониш ва чорабиниҳои доирнамудаи китобхона ошноӣ пайдо намоянд. Масалан, тавассути қисми **«Конун»** хонандаи маҷозӣ имкон дорад, ки матни электронии «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»[1], «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ»[2]-ро (иборат аз 2 ҷилд) мавриди истифода қарор диҳад. Қисми **«Китобҳои нав»**[3] хонандаи маҷозиро ба мазмуну муҳтавои беш аз 50 китоб, аз ҷумла матни электронии 11 китоби тозанашр ошно месозад. Дар қисми **«Китобҳо»** бошад барои мутолиаи ин гурӯҳи хонандагон 17 китоби электронӣ тавсия дода шудааст. Бо истифода аз қисми **«Махзани электронӣ»**[4] хонандагон ба тарзи истифодаи феҳристи электронӣ, толори хониши маҷозӣ ва сарчашмаҳои фосилавӣ – 74 пойгоҳи захираҳои электронӣ, ки дастрасиро ба маҷмӯи додапойгоҳҳои библиографӣ ва матнвораҳо доир ба соҳаҳои мухталифи дониш таъмин менамоянд, шинос шаванд.

Қисми **«Китобҳо»**-и сомона фарогири чунин зерқисмҳо мебошад: адабиёти тоҷик, адабиёти ҷаҳон, забоншиносӣ, фарҳангнома, санъат ва мусиқӣ, сиёсӣ, таърих, тиб, фалсафа, ҳуқуқ, донишномаҳо, нашрияҳо, рисолаҳои илмӣ, гуногун, видео. Дар зерқисми **«Рисолаҳои илмӣ»**[5] таҳти унвони «Китоб аз дирӯз ва имрӯзи Китобхонаи миллӣ» маълумоти муфассал оид ба дастури таълимии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз» (Душанбе: Ирфон, 2015. – 196 с.) ва ҳамзамон матни электронии китоби мазкур[6] пешниҳод шудааст, ки омӯзиши он ҳам барои китобдорон ва ҳам барои хонандагони сомона муфид мебошад.

Дар қисми **«Китобҳои нав»** матни электронии китобҳои марбут ба илми китобдорӣ низ ворид шудаанд, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа

[1] Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/node/302 (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

[2] Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/фарҳанги-мукаммали-забони-тоҷикӣ (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

[3] Китобҳои нав [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/kitobkhoi-nav/ (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

[4] Махзани электронӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

[5] Рисолаҳои илмӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/taxonomy/term/12 (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

[6] Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/sites/default/files/pdf_files/komilzoda_sh.pdf (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

мавриди истифода қарор мегиранд. Масалан, таҳти унвони «Пажӯҳиши арзишманд аз торихи китоб ва хат» матни электронии маълумотномаи «Мақоми китоб дар фарҳанги мардуми тоҷик»[1] (с.2015), ки ба қалами Б. Аҳмадов ва Ҷ. Раҷабов тааллуқ доранд, пешниҳод шудааст. Бо истифода аз ин маълумотнома китобдорон имкон доранд, ки роҷеъ ба таърихи пайдоиши хат ва навъҳои он, дастнависҳо ва вежагиҳои интишори китоб, маводи чоп ва ҳунари хаттотиву саҳҳофӣ, рушди китобчопкунӣ ва пайдоиши аввалин рӯзномаву маҷаллаҳо, таърихи китобхонаҳои кӯҳан, афкори мутафакирон ва донишмандон оид ба нақш ва мақоми китоб ва китобхона дар ҳаёти ҷомеа, маълумотҳои мушаххас гиранд. Ҳамзамон дар қисми **«Китобҳои нав»**[2], дар бораи дастурҳои библиографии «Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеӣ: Китобнома. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 224 с.»; «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол: Феҳристи адабиёт. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 312 с.» ва китобномаҳои шарҳиҳолии академикҳо Файзулло Шарифзода ва Ирина Холова, маълумот дода шудааст. Ин ҷо бисёр хуб мешуд, агар матни электронии дастурҳои мазкур барои истифодаи китобдорони ҷумҳурӣ ва хонандагони сомона пешниҳод мегардиданд.

Дар қисми **«Хабарҳо»** иттилоъ таҳти унвони «Роҳнамое барои китобдорон»[3] оид ба нашри ҷилди 6-уми силсилакитоби «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон» дарҷ гардидааст, ки хонандаро ба сохтор ва мазмуну мундариҷаи китоби мазкур ошно месозад. Ҳамзамон дар ин қисм матни электронии дастури методии «Хизматрасонии библиографӣ дар китобхонаҳо дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот»[4] пешниҳод гардидааст. Илова бар ин, дар қисми **«Хабарҳо»**-и сомона бештар маълумотҳои мушаххас оид ба баргузории чорабиниҳои муҳимми тахассусӣ, аз қабили

---

[1] Пажӯҳиши арзишманд аз торихи китоб ва хат [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: kmt.tj › content › пажуҳиши-... (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

[2] Китобҳои нав [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/kitobkhoi-nav/ (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

[3] Роҳнамое барои китобдорон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/rokhnamoe-baroi-kitobdoron (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

[4] Хизматрасонии библиографӣ дар китобхонаҳо дар шароити ҷаҳоншавии иттилоот [Манобеи [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/sites/default/files/pdf_files/navgonihoi_sohai.pdf (санаи истифодабарӣ: 10.08.2018)

конференсияву симпозиумҳо, семинару вохӯриҳо, маҳфилҳои илмиву омӯзишӣ, муаррифии китобҳои тозанашр ва фаъолияти бахшу шуъбаҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд, ки барои шинос шудани мутахассисон ба дастовардҳои соҳаи китобдорӣ, мусоидат менамоянд. Масалан, дар таърихи 13 майи соли 2015 дар саҳифаи сомона оид ба баргузории конфронси байналмилалӣ бахшида ба 50-солагии Китобхонаи давлатии патентию техникии Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи он мавриди баррасӣ қарор гирифтани масъалаҳои марбут ба соҳаи китобдорӣ, аз қабили ҷалби хонанда ба китобхонӣ, китоб ва нақши он дар рушди ҳаёти маънавии ҷомеа, маълумоти муфассал, дарҷ гардидааст.[1] Рӯзи 27 майи соли 2015 дар ин қисм таҳти унвонӣ «Анҷоми як семинари муфид»[2] оид ба баргузор шудани семинари омӯзишӣ дар КМТ доир ба мавзӯи «Нашри китоб дар Тоҷикистон ва раванди таъмини китобхонаҳо бо китобҳои тозанашр дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаҳои хаттӣ» ва қарори Ҳукумати Тоҷикистон «Дар бораи номгӯи гирандагони нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо», иттилоъ чоп шудааст. Рӯзи 12 сентябри соли 2015 маълумоти мушаххас дар бораи фаъолияти «Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»,[3] ки 1 ноябри соли 2012 дар сохтори КМТ барои бунёди захираи комили ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ва адабиёти марбут ба корномаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис дода шуда буд ва фаъолияти он баҳри иҷрои хизматрасонии иттилоотӣ ва маълумотӣ-библиографии хонандагон, ташкили феҳристи электронӣ, махзани манобеи электронӣ ва таҳияи асарҳои библиографӣ равона карда шудааст, дарҷ ёфтааст.

---

[1] Баррасии фаъолияти нимасра дар як конфронси байналмилалӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/баррасии-фаъолияти-нимасра-дар-як-конфронси-байналмилалӣ (санаи истифодабарӣ: 13.08.2018)

[2] Анҷоми як семинарии муфид [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: kmt.tj/content/анҷоми-як-семинари-муфид (санаи истифодабарӣ: 13.08.2018)

[3] Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Точикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/node/341 (санаи истифодабарӣ: 13.08.2018)

Роҷеъ ба кӯчактарин китобҳои дунё ва китобҳои ҳаҷман хурд, ки дар захираи депозитарии (китобҳои камистифодашаванда) КМТ маҳфузанд ва мавриди истифода қарор мегиранд, дар гузориш таҳти унвони «Китобҳои хурд: аз дирӯз то имрӯз»,[1] маълумоти муфассал пешниҳод шудааст. Таҳти унвони «Ба тифлон шеваи хониш омӯхтанд»[2] маводи ҷолиб оид ба ҳамкории кормандони Толори адабиёт барои атфол ва наврасони КМТ бо ҳунармандони Театри лухтаки шаҳри Душанбе, ки бо саҳнаҳои ҷолибу шавқовар фазилатҳои хуби инсониро тарғиб намуда, робита бо китобу китобхонаро таҷассум кардаанд, гузориш пешниҳод шудааст.

Дар таърихи 13-15 октябри соли 2015 дар қисми «Хабарҳо»-и сомона оид ба фаъолияти нуҳмоҳаи шуъбаву марказҳои КМТ[3] ва 14 январи соли 2016 таҳти унвони «Як соли фаъолияти Китобхонаи миллӣ»[4] гузоришҳои муфассал пешниҳод гардидаанд. Ҳамзамон оид ба баргузории семинари «Нақши библиография дар тарғиби китоб»,[5] конференсияи илмӣ-амалии «Ҷойгоҳи библиография дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот»[6], семинари илмӣ-амалии «Истифодаи навгониҳои соҳаи китобдорӣ тавассути технологияи муосири иттилоотӣ»[7] ва дигар чорабиниҳои муҳимми соҳаи китобдорӣ маълумоти ҷолиб дарҷ гардидааст.

Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологие, ки аз ҷониби шуъбаи илмӣ-таҳқиқотии КМТ байни чаҳор донишгоҳи пойтахт: донишгоҳи миллӣ, аграрӣ, техникӣ ва тиббӣ роҳандозӣ шудааст, таҳти унвони «Донишҷӯён

---

[1] Китобҳои хурд: аз дирӯз то имрӯз [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/китобҳои-хурд-аз-дирӯз-то-имрӯз (санаи истифодабарӣ: 16.08.2018)

[2] Ба тифлон шеваи хониш омӯхтанд [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/ба-тифлон-шеваи-хониш-омӯхтанд (санаи истифодабарӣ: 16.08.2018)

[3]Китобхонаи миллӣ дар нуҳ моҳе, ки сипарӣ шуд [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/китобхонаи-миллӣ-дар-нуҳ-моҳе-ки-сипарӣ-шуд (санаи истифодабарӣ: 16.08.2018)

[4] Як соли фаъолияти Китобхонаи миллӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/як-соли-фаъолияти-китобхонаи-миллӣ (санаи истифодабарӣ: 16.08.2018)

[5] Нақши библиография дар тарғиби китоб [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/библиография-дар-тарғиби-китоб-чӣ-нақш-дорад (санаи истифодабарӣ: 16.08.2018)

[6] Ҷойгоҳи библиография дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/"ҷойгоҳи-библиография-дар-шароити-ҷаҳонишавии-иттилоот" (санаи истифодабарӣ: 16.08.2018)

[7] Истифодаи навгониҳои соҳаи китобдорӣ тавассути технологияи муосири иттилоотӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/istifodai-navgonikhoi-sokhai-kitobdori-tavassuti-tehnologiyai-muosiri-ittilooti (санаи истифодабарӣ: 16.08.2018)

дар Китобхонаи миллӣ чӣ мехонанд?»,[1] маводи ҷолиб пешниҳод гардидааст. Натиҷаи таҳқиқот аз ҷониби муҳаққиқони КМТ мавриди таҳлил қарор гирифта, тавассути 8 диаграмма шарҳу эзоҳ ёфтааст.

Таҳти унвони «Китобҳои тозавуруди Шуъбаи хизматрасонии библиографӣ»[2] маълумоти ҷолиб оид ба воридоти китобҳои тозанашр, аз қабили маълумотномаву луғатҳо ва донишномаҳо доир ба илмҳои забоншиносӣ, ҳуқуқ, риёзӣ, тибб, кимиё, иқтисод, луғатшиносӣ, адабиётшиносӣ ва китобдорӣ, дарҷ гардидааст, ки дар он масъулини сомона чиҳати омӯзиш ва тарғиби 55 китоби мазкур бо ишораи ***«Маълумоти мухтасар дар бораи ин китобҳоро аз ин ҷо дарёфт кунед, вале барои мутолиаи онҳо лутфан ба шуъбаи хизматрасонии библиографии Китобхонаи миллӣ ташриф биёред»***, ба истифодабарандагони сомона мурочиат намудаанд.

Ба саволҳои хонандагони КМТ: «Аз хизмати АБК чӣ гуна бояд истифода бурд?», «Абонементи байни китобхонаҳо, яъне чӣ?»[3] посухи сардори Шуъбаи АБК дарҷ гардидааст, ки ин матолиб ҳам барои китобдорон ва ҳам барои хонандагони китобхонаҳои ҷумҳурӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Ҳамзамон дар саҳифаҳои қисми «Хабарҳо»-и сомона матолиби ҷолиб оид ба масоили мубрами илми китобдорӣ дар шакли мақолаҳо пешниҳод шудаанд, ки омӯзиши онҳо барои истифодабарандагони сомона, бахусус кормандони китобхонаҳо ва марказҳои библиографии ҷумҳурӣ муфид мебошад. Аз ҷумла, мақолаҳои зерин: «Раванди ҷаҳонишавии технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ»,[4] «Вежагиҳои

---

[1] Донишҷӯён дар Китобхонаи миллӣ чӣ мехонанд? [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/донишҷӯён-дар-китобхонаи-миллӣ-чӣ-мехонанд (санаи истифодабарӣ: 16.08.2018)

[2] Китобҳои тозавуруди Шуъбаи хизматрасонии библиографӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/китобҳои-тозавуруди-шуъбаи-хизматрасонии-библиографӣ (санаи истифодабарӣ: 16.08.2018)

[3] Аз хизмати АБК чӣ гуна бояд истифода бурд [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/аз-хизмати-абк-чӣ-гуна-бояд-истифода-бурд (санаи истифодабарӣ: 22.08.2018)

[4] Раванди ҷаҳонишавии технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/ravandi-chakhonishavii-tehnologiyai-ittilooti-dar-faoliyati-kitobhonakhoi-chumkhuri (санаи истифодабарӣ: 22.08.2018)

феҳристнигории нусхаҳои ҳатмӣ»,[1] «Ташаккули равандҳои инноватсионӣ дар хизматрасонии библиографӣ»,[2] «Арҷгузории Пешвои миллат ба китобу китобдорӣ»,[3] «Нусхаҳои муътабари фонди тиллоии Китобхонаи миллии Тоҷикистон»[4] ва дигар мақолаҳо марбут ба масоили мубрами соҳаи китобдорӣ ба табъ расидаанд. Маводи дарҷшуда ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши тахассусии кормандони китобхона мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки мутахассисон ба навгониҳои соҳаи китобдорӣ бештар ошно шаванд.

Таҳлили иҷмолии фаъолияти сомонаи КМТ нишон дод, ки масъулини сомона барои тарғиби фарҳанги китобдорӣ маводи заруриро тавассути қисмҳои «Китобҳои нав», «Китобҳо», «Хабарҳо» ба хонандагон пешниҳод намудаанд. Бештари маводи ба фаъолияти китобдорӣ бахшидашуда дар қисми «Хабарҳо»-и сомона ҷой дода шудаанд. Мебоист бештари маводи марбут ба фарҳанги китобдорӣ дар қисми алоҳида ва ё махсуси сомона таҳти унвони «Барои мутахассисон» ҷой дода мешуд, чунонки маводи зайл, масалан, дар сомонаи Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ (natlib.uz/ru) дар қисми «Барои мутахассисон»[5] пешниҳод шудааст. Ин қисм тамоми маводи марбут ба фарҳанги китобдориро фаро гирифта, аз чунин зерқисмҳо иборат аст: конференсия ва семинарҳо; маърӯзаҳо ва хулосаҳо; фаъолияти методӣ; тақвими ҷашн ва санаҳои муҳим; маълумот дар бораи калонтарин муассисаҳои иттилоотӣ-китобдории Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Масалан, дар зерқисми «Фаъолияти методӣ» ба забонҳои ӯзбекӣ ва русӣ матни

[1] Вежагиҳои феҳристнигории нусхаҳои ҳатмӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/vizhagikhoi-fekhristnigorii-nucxakhoi-hatti (санаи истифодабарӣ: 22.08.2018)

[2] Ташаккули равандҳои инноватсионӣ дар хизматрасонии библиографӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/ташаккули-равандҳои-инноватсионӣ-дар-хизматрасонии-библиографӣ (санаи истифодабарӣ: 22.08.2018)

[3] Арҷгузории Пешвои миллат ба китобу китобдорӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kmt.tj/content/арҷгузории-пешвои-миллат-ба-китобу-китобдорӣ (санаи истифодабарӣ: 22.08.2018)

[4] Нусхаҳои муътабари фонди тиллоии Китобхонаи миллии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://kmt.tj/nushakhoi-mutabari-fondi-tilloii-kitobhonai-millii-tochikiston (санаи истифодабарӣ: 22.08.2018)

[5] Национальная библиотека Узбекистана имени Алишера Навои: для специалистов [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.natlib.uz/bbs/content/94_492 (санаи истифодабарӣ: 27.08.2018)

электронии дастури методии «Оё шумо ҳуқуқҳои худро медонед?» барои китобдорон пешниҳод шудааст.

Барои такмили сохтор ва фаъолияти сомонаи КМТ, ба андешаи мо, иҷрои чунин корҳо зарур аст:

– тамоми маводи ба фарҳанги китобдорӣ ихтисосдошта дар як қисми алоҳидаи сомона ҷамъ ва гурӯҳбандӣ карда шавад;

– барои мутахассисон бештар маводи методӣ оид ба самтҳои асосии хизматрасонӣ дар китобхона ва татбиқи навгониҳои соҳаи китобдорӣ, пешниҳод карда шавад;

– барои китобдорон гӯшаи «Хадамоти методӣ» созмон дода шавад.

Масалан, чунин гӯша дар фаъолияти сомонаи Китобхонаи миллии Озарбойҷон ба номи М. Ф. Охундов (anl.az/metod_r.php)[1] аз соли 2006 роҳандозӣ карда шудааст, ки тавассути он китобдорони озарӣ ба мутахассисони Китобхонаи миллӣ оид ба масоили марбут ба соҳаи китобдорӣ ба саволу дархостҳои худ муроҷиат карда, посухҳои мувофиқ мегиранд.

Ҳамин тавр, таҳлили фаъолияти сомонаҳои интернетӣ ва китобхонаҳои электронии ташкилоту муассисаҳо ва ширкату созмонҳо нишон дод, ки новобаста ба камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, онҳо ҳамчун воситаҳои муҳимму муосири тарғиби адабиёти гуногунсоҳаву гуногунмазмун дар қонеъ намудани эҳтиёҷоти ба маводи чопиву электронӣ доштаи ҷомеа, то андозае мусоидат намудаанд.

Ҷорӣ шудани технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти ташкилоту муассисаҳо барои пайдоиши китобхонаҳои электронӣ замина муҳайё сохт.

Китобхонаҳои электронӣ имконоти дастёбии хонандагони маҷозиро ба адабиёти ниёзи хониш, новобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ ва вақту замони истифода, таъмин намуда, дар раванди ҷаҳонишавии хониши адабиёти электронӣ саҳм гузоштаанд.

---

[1] Азербайджанская национальная библиотека: методическое обслуживание [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://anl.az/metod_r.php (санаи истифодабарӣ: 22.08.2018)

Рушди китобхонаҳои электронии ташкилоту муассисаҳо, аз як ҷониб барои такмили фонди ягонаи электронии китобхонаҳои мамлакат мусоидат намоянд, аз ҷониби дигар ҳамчун китобхонаҳои мустақили электронии шахсони ҳуқуқӣ худ метавонанд эҳтиёҷоти ҷомеаро ба ин ё он намуди манбаъҳои иттилоотӣ қонеъ гардонанд. Масалан, фонди китобхонаҳои электронии мактабҳои олии кишвар бо дарназардошти хусусиятҳои хоси ҳар як донишгоҳу донишкада бунёд ёфта, қабл аз ҳама, барои қонеъ намудани эҳтиёҷи тахассусии донишҷуён пешбинӣ шудаанд.

Чунонки таҳлил нишон дод, китобхонаҳои электронии ташкилоту муассисаҳо ва бахусус мактабҳои олии кишвар вобаста ба имкониятҳои техникӣ, технологӣ ва мутахассисони касбӣ, донандагони вижагиҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ фаъолияти худро ба роҳ монда бошанд ҳам, аммо тибқи меъёрҳои ягона бунёд нашудаанд. Илова бар ин, на ҳамаи китобхонаҳои электронии ташкилоту муассисаҳо дорои дастгоҳи маълумотӣ-пажӯҳишӣ: феҳристу картотекаҳои электронӣ ва нашрҳои маълумотдиҳиву библиографӣ мебошанд.

Ҳангоми рақамигардонии китобҳои чопӣ ба китобҳои электронӣ на ҳамаи унсурҳои библиографӣ, ба инобат гирифта мешаванд. Масалан, дар зерқисми «Афсонаҳо»-и сомонаи «maktab.tj»[1] матни электронии 29 китобҳои барои кӯдакон интишорёфта бе нишон додани маълумотҳои зарурӣ дар бораи муаллифону мураттибон, рассомону таҳиягарон, ҷойи нашру соли барориш ва саҳифаву қисми китобҳо, пешниҳод шудаанд.

Дар ҷумҳурӣ то кунун фонди ягонаи электронии китобхонаҳои мамлакат ва китобхонаҳои донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар бунёд наёфтаанд.

Баъзе ташкилоту муассисаҳо аз имконоти воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дуруст истифода намекунанд ва барои ташкили китобхонаҳои электронӣ ягон тадбир ҳам намеандешанд.

---

[1] Афсонаҳо [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://maktab.tj/category/afsonaho/ (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017)

# Хулоса

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлилу баррасиҳои вазъ ва ҳолати фаъолияти навъҳои гуногуни китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол имкон дод, ки натиҷаҳои зерин ҳосил шаванд:

1. Дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ бо иллати оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ (солҳои 1992-1997) дар радифи дигар муассисаҳои фарҳангӣ, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти китобхонаҳои мамлакат бо таври назаррас коҳиш ёфта, теъдоди китобхонаҳо, захираи китобии онҳо ва шумораи хонандагон – истифодабарандагони китобхонаҳо сол то сол кам шудааст. Ба ин ҳолат омилҳои гуногун сабаб гардиданд, аз ҷумла:

• аз байн рафтани китобхонаҳо дар минтақаҳои офатзадаи ҷанги шаҳрвандӣ;

• аз фаъолият боз мондани китобхонаҳо ва талаву тороҷ гардидани молу амволи онҳо;

• табдил дода шудани бинои китобхонаҳо ба штабҳои низомии силоҳдорон;

• ба тавозуни муассисаю ташкилотҳои дигар ва шахсони воқеӣ гузаронидани бинои китобхонаҳо;

• шахсикунонии муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳо;

• ғайримақсаднок ва ғайриқонунӣ истифода шудани бинои китобхонаҳо ва ҳудуди онҳо;

• дар биноҳои номувофиқу садамавӣ қарор доштани китобхонаҳо, бахусус дар деҳоти кишвар;

• ба шароити фаслҳои сол ҷавобгӯй набудани бинои китобхонаҳо;

• номувофиқии ҷойгиршавии китобхонаҳо ба шумораи маҳалҳои аҳолинишин, бахусус дар деҳоти кишвар;

• қатъ ёфтани воридшавии нусхаҳои ҳатмӣ аз ҷониби муассисаҳои интишоротӣ;

• афзудани нархи маҳсулоти чопӣ ва дигар васоити нигоҳдорандаи иттилоот;

• бо таври кофӣ маблағгузорӣ нашудани китобхонаҳо;

• паст будани маоши кормандони китобхонаҳо;

• тарки вазифа кардани китобдорони соҳибтаҷриба;

• муҳоҷир шудани аҳолии таҳҷойӣ;

• ҷумҳуриро тарк кардани аҳолии ғайритаҳҷойӣ [4-М; 6-М; 8-М; 11-М; 25-М].

2. Хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ ва ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон барои инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи китобдорӣ шароитҳои заруриро муҳайё сохт. Ҳукумати мамлакат ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти китобхонаҳо тадбирҳои мушаххас андешид. Дар ин давра, дар Тоҷикистон китобхонаҳои нав бунёд ёфта, бинои китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъмиру азнавсозӣ шуданд. Фонди китобхонаҳо бо адабиёти тозанашр таъмин гардида, дар фаъолияти онҳо бо истифода аз технологияи муосир шаклу усулҳои наву самарабахши хадамоти китобдорӣ роҳандозӣ шуданд. Дар маҷмӯъ барои таҳкими фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон як қатор омилҳо мусоидат намуданд, аз ҷумла:

• ҷараёни рушди ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷомеа;

• дастгирии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ;

• ҷудо шудани маблағҳои мақсаднок аз ҳисоби буҷети давлат барои азнавсозӣ ва бунёди китобхонаҳои наву замонавӣ;

• тақвият ёфтани заминаи моддиву техникии китобхонаҳо дар партави қабули барномаҳои давлатӣ ва татбиқи онҳо;

• баланд шудани масъулияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ваколатдор дар соҳаи китобдорӣ ва мақомоти

иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати ислоҳоти инфросохтори китобхонаҳо;

• иштироки фаъолонаи китобхонаҳо барои соҳиб шудан ба бурсҳои хурд ва татбиқи лоиҳаҳои китобдорӣ;

• аз ҷониби шахсони воқеиву ҳуқуқӣ бунёд шудани китобхонаҳои нав ва такмил ёфтани фонди онҳо [4-М; 6-М; 8-М; 11-М; 25-М].

3. Дар даврони истиқлол, санадҳои меъёриву ҳуқуқии қабулшуда асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи китобдорӣ ба расмият даровcovarda, барои тақвияти фаъолияти иттилоотӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маърифатии китобхонаҳои мамлакат ва танзими фаъолияти онҳо шароити зарурӣ фароҳам овարданд. Аз ҷумла, қабули ду консепсия доир ба соҳаи фарҳанг (солҳои 1992, 2005), ба тасвиб расидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (с.1997) ва «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» (с.2003) ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандонро дар фаъолияти фарҳангӣ ва китобдорӣ таъмин ва муайян намуда, ҷиҳати азнавсозӣ, таҳаввул, бунёд ва ба низоми нави фаъолият ворид шудани китобхонаҳои мамлакат заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ гузоштанд [6-М; 7-М].

4. Дар баробари таҳияву қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқии мазкур, то ҳанӯз на ҳамаи масъалаҳои марбут ба фаъолияти китобхонаҳо ифодаи расмии худро дар қонунгузории ҷории соҳаи китобдорӣ пайдо намудаанд. Аз ҷумла:

• ҷойгоҳи китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои ҷамъовариву коркард, гурӯҳбандиву тавсифнигорӣ, нигоҳдориву тарғиби манобеи электронӣ ва батанзимдарории фаъолияти онҳо дар қонунгузории соҳаи китобдорӣ, муайяну мушаххас карда нашудаанд;

• на ҳамаи мафҳумҳои марбут ба фаъолияти китобдорӣ, аз қабили «манобеи электронӣ», «иттилооти электронӣ», «воситаҳои электронии ахбори омма», «сомонаҳои интернетӣ» дар қонунгузории соҳавӣ ворид шудаанд [6-М; 7-М].

5. Дар баробари қонуну консепсияҳо, қабул ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ барои таҳаввули фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, тақвияти заминаҳои моддиву техникии китобхонаҳо, такмили фонди онҳо ва беҳтар шудани хадамоти китобдорӣ мусоидат намуданд. Дар ин замина корҳои зерин ба анҷом расонида шудаанд:

• китобхонаҳои нави замонавӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар бунёд ёфта, бинои 75 китобхона дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат таъмир карда шуданд;

• заминаи моддӣ-техникии китобхонаҳо мустаҳкам шуда, қисме аз онҳо бо технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, таҷҳизоти хабардиҳию сӯхторхомушкунӣ, рӯшноидиҳию мушоҳидавӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд;

• дар фаъолияти китобхонаҳои калонтарини мамлакат низоми худкори китобдорӣ-иттилоотӣ ҷорӣ карда шудааст;

• теъдоди китобхонаҳои электронӣ ва хонандагони маҷозӣ зиёд шуда, захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ ташаккул ёфтанд;

• фонди китобхонаҳои анъанавӣ такмил ёфта, шумораи хонандагони муқимӣ дар китобхонаҳои мамлакат тадриҷан афзудааст;

• китобхонаҳои миллӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ тавассути пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет ба фазои муосири иттилоотии ҷаҳон ворид гардида, дар фаъолияти онҳо таҳияи феҳристҳои электронӣ ва рақамигардонии хазинаи китобҳо роҳандозӣ карда шудааст;

• доираи пажӯҳиш ва таҳқиқоти илмӣ оид ба масоили назариявии китобшиносӣ, китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва таърихи китоби тоҷик васеъ гардида, сатҳу сифати пажӯҳишҳои илмӣ дар самти омӯзиши таъриху фарҳанги китобдорӣ беҳтар шуда, теъдоди китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ бо забони давлатӣ барои китобдорон афзуда, савияи дониши касбии китобдорон тадриҷан баланд гардидааст;

• ҳамкориҳои байналмилалии китобдорию иттилоотӣ дар самти мубодилаи байналмилалии китоб, омӯзиши таҷрибаи пешқадами

китобдорӣ, баргузории чорабиниҳои илмӣ ва тарбияи мутахассисони соҳа густариш ёфтаанд;

• сатҳу сифати чорабиниҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва омӯзишӣ дар китобхонаҳои мамлакат беҳтар гардида, матбуоти даврии китобдорӣ ташаккул ёфтааст [6-М; 12-М; 16-М].

6. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар баробари дастовардҳо дар ин самт бо сабаби ҷудо нагардидани маблағҳои пешбинишуда на ҳамаи нақшаи чорабиниҳои татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи китобдорӣ иҷро шудаанд. Аз ҷумла:

• «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» 27,03% иҷро нашудааст;

• бинобар сабаби таҷдиди сохтор ва дар бинои нав ба фаъолият шурӯъ кардани Китобхонаи миллии Тоҷикистон, маблағгузории «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» аз соли 2012 қатъ ёфта, 30,9% барнома иҷро нашудааст;

• бандҳои 10-12 ва қисман бандҳои 2, 4 ва 7-и «Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013», ки марбут ба таъмини китобхонаҳо бо барномаи «Ирбис», таҳияи веб-сайтҳо, феҳристҳои электронӣ, рақамигардонии нашрҳои нисбатан пурқимат, ташкили шабакаи дохилӣ ва пайвастшавӣ ба Интернет дар китобхонаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ мебошанд, иҷро нашудаанд;

• ҳамчунин «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» дар давоми ду сол (солҳои 2015-2016) ҳамагӣ 3,2% иҷро шудааст [6-М; 12-М; 16-М].

7. Баргузории озмуну фестивалҳои китобдорӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ, ташаккули майлу рағбати китобхонӣ, таъмини дастрасӣ ба мероси таърихиву фарҳангӣ, баланд бардоштани фарҳанги иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат мусоидат

карда, имкон додаанд, ки фаъолияти китобхонаҳо аз рӯи чунин меъёрҳо баҳогузорӣ карда шаванд:

• нақши китобхонаҳо ҳамчун муассисаи фарҳангӣ ва иттилоотӣ дар тарғиби адабиёти риштаҳои гуногуни дониш;

• дороии фонди китобхонаҳо ва вазъи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба китоб;

• нишонрасиву натиҷабахшии чорабиниҳои баргузоршуда дар китобхонаҳо;

• вазъи таъмини китобхонаҳо бо асноди коргузорӣ ва дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ (нашрҳои маълумотдиҳанда, системаи феҳристу картотекаҳо);

• ҷалб кардани воситаҳои ғайрибуҷавӣ барои таҳкими заминаҳои моддиву техникии китобхонаҳо;

• саҳми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар беҳбуд кардани фаъолияти китобхонаҳо [6-М; 9-М; 13-М].

8. Таҳлили маводи ҷамъбастии озмунҳо нишон дод, ки дар радифи дастовардҳо дар фаъолияти китобхонаҳои кишвар камбудиву норасоиҳои зиёд ошкор шуданд. Аз ҷумла:

• кам ворид шудани адабиёти тозанашр ба китобхонаҳо;

• чандон таваҷҷуҳи хонандаро ба мутолиаи китоб ҷалб накардани чорабиниҳои ба ин ё он муносибат баргузоркардаи китобхонаҳо;

• номукаммалии захираи нашрҳои маълумотдиҳандаи китобхона (донишномаҳо, луғатҳо, маълумотномаҳо, роҳнамоҳо, тақвимҳо);

• ба таври кофӣ фаъолият накардани дастгоҳи маълумотӣ-библиографии китобхонаҳо (феҳристҳои алифбоӣ ва мураттабӣ);

• маҳдуд будани обуна ба нашрияҳои даврӣ;

• бо асноди коргузорӣ сари вақт таъмин нагаштани китобхонаҳо;

• таъмирталаб ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштани китобхонаҳо;

• бинои мустақил надоштани китобхонаҳо;

• бо технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва мутахассисони баландихтисос ниёз доштани китобхонаҳо [6-М; 9-М; 13-М].

9. Рушди технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои бунёди китобхонаҳои шакли нав – китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ дар Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузоштааст. Ба фаъолият шурӯъ кардани китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ ҳамчун падидаи нав дар ҳаёти китобдории мамлакат нисбат ба китобхонаҳои суннатӣ дорои чунин вижагиҳои хос мебошанд:

• китобхонаи электронии анъанавӣ имкон дорад новобаста аз пайвастшавӣ ба шабакаи байналмилалии Интернет дар захираҳои худ матни электронии китобҳои чопиро бо низоми муайян ва дастрас ба хонанда нигоҳ дошта, фаъолияти китобдориро ба роҳ монад;

• китобхонаи электронии маҷозӣ метавонад дар захираҳои худ навъи гуногуни китобҳои электрониро бо низоми муайян ва дастрас ба хонандаи дурдаст нигоҳ дошта, хизматрасонии фосилавиро бо истифода аз шабакаи байналмилалии Интернет роҳандозӣ намояд;

• ғунҷоиши захираи ҳуҷҷатҳои электронӣ дар навъҳои гуногуни ҳомилҳои электронӣ истифодаи мафҳузгоҳҳои китобиро аз байн мебаранд;

• низоми ҷамъоварӣ, коркард, гурӯҳбандӣ, нигоҳдорӣ ва тарғиби электронии иттилоот имкон медиҳад, ки талаботи иттилоотии истифодабарандагон дар вақту замони дилхоҳ қонеъ гардад;

• пажӯҳишу дарёфти китобҳои электронӣ вақти тӯлониро талаб накарда, дархости хонанда ба ин навъи китобҳо сари вақт иҷро мешавад;

• китобҳои электрониро хонанда метавонад новобаста аз макони нигоҳдорӣ ва замони истифода бе ягон маъмоният дастрас ва мутолиа намояд [2-М; 6-М; 10-М; 14-М; 17-М; 18-М; 19-М; 24-М].

10. Дар радифи дастовардҳои назаррас дар самти бунёди китобхонаҳои электронӣ, ҳанӯз камбудиҳое вуҷуд доранд, ки ба рушди ин навъи китобхонаҳо монеа эҷод мекунанд. Аз ҷумла:

• на ҳамаи китобхонаҳои мамлакат, бахусус китобхонаҳои деҳот бо технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҷҳизонида шудаанд;

• китобхонаҳо аз имконоти воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ кам истифода менамоянд ва то кунун дар аксари китобхонаҳои мамлакат, сомонаҳои интернетӣ таъсис наёфтаанд;

• то ҳанӯз баъзе донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ сомонаҳои интернетии худро таъсис нададаанд ва барои ташкили китобхонаҳои электронӣ тадбир ҳам наандешидаанд;

• ҳамчунин китобхонаҳои мамлакат ва китобхонаҳои донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар фонди ягонаи электронии худро таъсис нададаанд;

• дар муассисаҳои интишоротии мамлакат дар радифи нашри китобҳои чопӣ, нашри ҳатмии китобҳои электронӣ роҳандозӣ нашудааст;

• на ҳамаи китобхонаҳои электронӣ дорои дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ мебошанд;

• дар бештари нашрҳои электронӣ сарчашмаҳои аслии маводи электронишуда нишон дода намешаванд;

• бештари китобхонаҳои мамлакат ба мутахассисони баландихтисоси соҳаи китобдорӣ, бахусус донандагони вижагиҳои истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, иттилоотшиносу иттилоотсоз, менеҷеру барномарез эҳтиёҷ доранд;

• оид ба ташкили китобхонаҳои электронӣ маводи методиву меъёрӣ кам таҳия ва интишор шудаанд [2-М; 6-М; 10-М; 14-М; 17-М; 18-М; 19-М; 24-М].

11. Раванди компютеркунонии китобхонаҳои мамлакат барои рушди фаъолияти китобдорӣ мусоидат карда, шароит фароҳам овард, ки:

• дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат низоми нисбатан комили худкори равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ бо истифода аз барномаҳои соҳавии «Ирбис» ва «Алеф» ҷорӣ шаванд;

• дастрасӣ ба мутолиаи китобҳои электронӣ, савтӣ (аудиокитобҳо) ва манобеи электронии марказҳои иттилоотӣ ва китобхонаҳои ватанию хориҷӣ таъмин гарданд;

• дастгоҳи маълумотӣ-библиографии электронӣ (нашрҳои маълумотдиҳандаи электронӣ, системаи феҳристу картотекаҳои электронӣ) ташкил карда шавад;

• рақамигардонии нашрҳои чопӣ роҳандозӣ шавад;

• нусхабардории матни китобҳои чопӣ ва берункашии матни маводи дар шакли pdf пешниҳодшуда ба роҳ монда шавад;

• толорҳои хониши электронӣ ва маҷозӣ ташкил карда шаванд;

• сомонаҳои интернетӣ таъсис дода шаванд;

• интернет-транслятсияи чорабиниҳои муҳимми илмӣ ва тахассусии китобдорӣ баргузор гарданд;

• ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубодилаи китобҳо, баргузории чорабиниҳои соҳавӣ густариш ёбанд;

• низоми расонидани ҳуҷҷатҳои электронӣ дар фаъолияти абонементи байни китобхонаҳо ҷорӣ шавад;

• имкони такмили захираи китобхонаҳои электронӣ пайдо шавад;

• истифода ва тавассути ҳомилҳои электронӣ интиқол додани ҳуҷҷатҳои электронӣ ба роҳ монда шавад [3-М; 6-М; 21-М; 22-М; 27-М].

12. Омӯзиш ва таҳлили вазъи компютеркунонии китобхонаҳои мамлакат нишон дод, ки то ҳанӯз дар ин самт корҳои зиёд ба анҷом нарасидаанд. Аз ҷумла:

• дар бештари китобхонаҳои мамлакат автоматикунонии равандҳои китобдорию иттилоотӣ суст ба роҳ монда шудааст;

• на ҳамаи китобхонаҳои мамлакат бо технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таъмин карда шудаанд;

• бештари китобхонаҳои мамлакат, бахусус дар деҳоти ҷумҳурӣ ба шабакаҳои гуногуни телекоммуникатсионӣ ва иттилоотӣ, аз қабили Интернет дастрасӣ надоранд;

• воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун манбаъҳои муҳимми такмили захираи китобхонаҳои электронӣ на ҳамеша истифода мешаванд;

• баъзе аз таҷҳизотҳои насбшуда дар китобхонаҳо, аз қабили компютерҳо мутобиқи таъйинот ва имконият корношоям гардидаанд;

• ҷамъоварӣ, коркард, гурӯҳбандӣ ва танзими истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ тибқи муқаррароти соҳавӣ роҳандозӣ нашудааст;

• сатҳи дониши тахассусии китобдорон, бахусус дар самти истифодаи технологияи муосир дар фаъолияти китобхонаҳо бо таври кофӣ ба талабот ҷавоб намедиҳад [3-М; 6-М; 21-М; 22-М; 27-М].

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Барои такмили фаъолияти минбаъдаи китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии мамлакат тавсияҳои зеринро зарур меҳисобем:

• бо дарназардошти рушди технологияи муосир, навъ ва вижагиҳои фаъолияти китобхонаҳои мамлакат такмил додани мазмуну муҳтавои санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи китобдорӣ;

• таҳияи барномаи давлатии «Рушди китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030»;

• бо дарназардошти шумораи аҳолӣ ва мавқеи ҷойгиршавии маҳалҳои аҳолинишин таъсис додани китобхонаҳои нави оммавӣ, ташкил намудани китобхона-филиалҳо, китобхонаҳои сайёр, китобхонаҳои мутаҳаррик (мобилӣ) ва нуқтаҳои китобдиҳӣ;

• таъмини китобхонаҳои мамлакат (бахусус китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои дурдаст ва баландкӯҳи ҷумҳурӣ) бо биноҳои мувофиқу замонавӣ ва технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;

• истифодаи бамавриди шабакаи байналмилалии Интернет барои тарғиби фонди китобӣ, ҷалби хонандагон ба китобхона, таъсиси китобхонаҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетӣ;

• бунёди фонди ягонаи электронии китобхонаҳои мамлакат дар доираи фаъолияти Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон ва мактабҳои олӣ дар доираи фаъолияти Китобхонаи электронии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавассути роҳандозии ҳамкории дастаҷамъона бо китобхонаҳои оммавӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои кишвар;

• ташкили шуъбаҳои ғоибонаи факултаи китобдорӣ дар назди донишгоҳҳои давлатии шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Хоруғ ва ташкили Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони китобхонаҳои мамлакат дар шаҳри Душанбе.

Дар заминаи натиҷаҳои бадастомода минбаъд метавонанд ба ҳайси таҳқиқотҳои ҷудогона масоили зерин мавриди омӯзиш қарор гиранд:

• «Вазъи табъу нашри китобҳои чопӣ ва электронӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол»;

• «Татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон»;

• «Рушди библиографияи миллии тоҷик дар даврони истиқлол»;

• «Фаъолияти китобхонаҳои шахсӣ дар Тоҷикистони муосир»;

• «Нақши озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ ...» дар рушди ҳаёти маънавии ҷомеа».

# НОМГӮИ АДАБИЁТ

## I. Феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда

### 1.1. Маводи бойгонӣ

1. Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016).

2. Бойгонии ҷории Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии ВМКБ (солҳои 1991-2016).

3. Бойгонии ҷории Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд (солҳои 1991-2016).

4. Бойгонии ҷории Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон (солҳои 1991-2016).

5. Бойгонии ҷории Китобхонаи миллии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016).

6. Бойгонии ҷории Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот (солҳои 1997-2016).

### 1.2. Осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

7. Раҳмон Э. Зиёӣ пул миёни дирӯз, имрӯз ва фардои ҷомеа мебошад: суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ ва мулоқот бо зиёиёни кишвар, 20 марти соли 2012 / Э. Раҳмон // Садои мардум. – 2012. – 27 март. – №34 (2861).

8. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2005. – Ҷилди 6. (2004, ноябр – 2006, апрел). – 544 с.

9. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – Ҷилди 7. (2006, май – 2007, апрел). – 477 с.

10. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2009. – Ҷилди 8. (2007, май – 2008, июл). – 575 с.

11. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2010. – Ҷилди 9. (2008, июл – 2009, июн). – 575 с.

12. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2011. – Ҷилди 10. (2009, июн – 2010, июл). – 575 с.

13. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2012. – Ҷилди 11. (2010, июл – 2011, август).– 575 с.

14. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 12 (2011, 25 август – 2012, 27 октябр) / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 560 с.

15. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 13 (2012, 27 октябр – 2013, 29 сентябр) / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 560 с.

16. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 14 (2013, 1 октябр – 2014, 6 октябр) / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 576 с.

17. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 15 (2014, 6 октябр – 2015, 29 сентябр) / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 576 с.

18. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 16 (2015, 29 сентябр – 2016, 25 сентябр) / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 576 с.

19. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 17 (2016, 26 сентябр – 2017, 16 ноябр) / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 576 с.

20. Раҳмон Э. Китоб рукни муҳими тамаддуни башарӣ: суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими гузоштани хишти аввали бинои нави Китобхонаи миллӣ, 4 сентябри соли 2007 / Э. Раҳмон // Китобдор. – 2008. – №1 (3). – С.2-4.

21. Раҳмон Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2006 / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2006. – 22 апрел. – №48-49 (21 104-105).

22. Раҳмон Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 2007 / Э. Раҳмон // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2007. – Ҷ. 7. – С. 442 – 460.

23. Раҳмон Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 апрели соли 2008 / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2008. – 26 апрел. – №52 (21409).

24. Раҳмон Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 апрели соли 2009 / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2009. – 16 апрел. – №48 (21555).

25. Раҳмон Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2011 / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2011. – 21 апрел. – №56 (21872).

26. Раҳмон Э. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 январи соли 2016 / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – 40 с.

27. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 апрели соли 2013 / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2013. – 27 апрел. – №59-60 (22 196-197).

28. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 апрели соли 2014 / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2014. – 24 апрел. – №76 (22381).

29. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 январи соли 2015 / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2015. – 48 с.

30. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 апрели соли 2010 / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2010. – 27 апрел. – №52 (21713).

31. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2012 / Э. Раҳмон // Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. – №1-2 (9). – С.9-60.

32. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих: Иборат аз чаҳор китоб. Китоби якум: Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон 2009. – 704 с.

33. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 1. (1992, ноябр – 1996, август). – 511 с.

34. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 2. (1996, август – 1998, декабр). – 512 с.

35. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 3. (1999, январ – 2001, феврал). – 510 с.

36. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 4. (2001, март – 2002, сентябр). – 472 с.

37. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – Ҷилди 5. (2002, сентябр – 2004, ноябр). – 560 с.

38. Раҳмонов Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 2001 / Э. Раҳмонов // Ҷумҳурият. – 2001. – 3 май. – №42-43 (20 322-323).

39. Раҳмонов Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 апрели соли 2002 / Э. Раҳмонов // Ҷумҳурият. – 2002. – 29 апрел. – №48 (20482).

40. Раҳмонов Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 апрели соли 2003 / Э. Раҳмонов // Ҷумҳурият. – 2003. – 5 апрел. – №37 (20655).

41. Раҳмонов Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 2004 / Э. Раҳмонов // Ҷумҳурият. – 2004. – 1 май. – №48 (20814).

42. Раҳмонов Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 апрели соли 2005 / Э. Раҳмонов // Ҷумҳурият. – 2005. – 19 апрел. – №44 (20963).

43. Раҳмонов Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов ба намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 апрели соли 2000 / Э. Раҳмонов // Ҷумҳурият. – 2000. – 29 апрел. – №37 (20210).

**1.3. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ**

44. Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №384 тасдиқ шудааст [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=12121 (санаи истифодабарӣ 21.07.2018)

45. Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 тасдиқ шудааст [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.portali-

huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=8398 (санаи истифодабарӣ 18.07.2018)

46. Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2015: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №85 тасдиқ шудааст // Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталаби татбиқи он / мураттиб ва муҳаррири масъул Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – С.38 –48.

47. Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006 – 2015: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, №238 тасдиқ шудааст // Китобдор. – 2007. – №1(2) – С. 6-17.

48. Дар бораи беҳтар намудани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 14 августи соли 2003, №361 // Садои мардум. – 2003. – 26 август. – №91 (1591).

49. Дар бораи иттилоот: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10 майи с. 2002, №55 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-иттилоот (санаи истифодабарӣ 14.05.2016)

50. Дар бораи иттилоотонӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 августи с. 2001, №40 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://mmk.tj/content/дар-бораи-иттилоотонӣ (санаи истифодабарӣ 11.05. 2019)

51. Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 19 марти соли 2013, №961 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3; [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-матбуоти-даврӣ-ва-дигар-воситаҳои-ахбори-омма (санаи истифода-барӣ 3.04.2017)

52. Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2011, № 792 // Ҷумҳурият. – 2012. – 5 январ. – №3-6 (21 984-987).

53. Дар бораи сохтмони “Китобхонаи миллӣ”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2009, №514 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.adlia.tj (санаи истифодабарӣ 21.07.2018)

54. Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, №958 // Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – С. 7-19.

55. Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №384 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail-=&asosi_id=12120 (санаи истифодабарӣ 21.07.2018)

56. Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2015 ва Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ барои солҳои 2006–2015: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 2 июли соли 2005, №238 // Китобдор . – 2007 – №1. – С.5.

57. Дар бораи тасдиқи Созишнома оид ба созмондиҳии маҷмӯи абонементи байникитобхонавии кишварҳои аъзои ИДМ: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 17 апрели соли 2001, №181 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.adlia.tj (санаи истифодабарӣ 14.05.2016)

58. Дар бораи фарҳанг: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 декабри соли 1997, №519 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №23–24. – С.120–134.

59. Дар бораи фаъолияти китобдорӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 августи соли 2003, №32 // Китобдор: маҷаллаи фарҳангӣ-маърифатӣ. – 2006. – №1 (1). – С.5-11.

60. Дар бораи ҳисоботи Вазири фарҳанги ҶумҳурииТоҷикистон "Оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005, № 238 "Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015" ва "Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015": қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №320 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail-=&asosi_id=13265 (санаи истифодабарӣ 24.07.2016)

61. Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 18 июни соли 2008 № 411 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-ҳуқуқи-дастрасӣ-ба-иттилоот (санаи истифодабарӣ 21.07.2018)

62. Дар хусуси тасдиқ намудани Қарор дар бораи ба муассисаи давлатии федералии "Китобхонаи давлатии Россия" додани мақоми ташкилоти базавии давлатҳои аъзои Давлатҳои Мустақил оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи китобдорӣ: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №95 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.adlia.tj (санаи истифодабарӣ 21.07.2018)

63. Консепсияи инкишофи маданияти Тоҷикистон: Бо қарори Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 1992 тасдиқ шудааст // Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ: маҷмӯаи санадҳои фарҳангӣ. – Душанбе, 1998. – С. 20 –28.

64. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, №501 тасдиқ шудааст // Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталаби татбиқи он / мураттиб ва муҳаррири масъул Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – С.4 –37.

65. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти китобдорӣ", 22 июли соли 2013, № 1008 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2013. – 27 июл. – №106-107 (22243-22244).

66. О Концепции развития культуры Республики Таджикистан: постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2005 года №501 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=83098 (дата обращения 04.03.2018)

67. О ликвидации Государственного учреждения "Национальная библиотека Республики Таджикистан имени Абулкосима Фирдавси": постановление Правительства Республики Таджикистан от 9 августа 2014 года №536 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=69607 (дата обращения 25.09.2016)

68. О Программе развития Национальной библиотеки Таджикистана на 2015-2020 годы: постановление Правительства Республики Таджикистан от 28 февраля 2015 года №105 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=75023 (дата обращения 18.06.2017)

69. Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ: маълумотнома ва тавсияҳои методӣ / мураттиб С. Шосаидов; муҳаррир А.Раҷабов. – Душанбе: Недра, 2008. – 152 с.

## 1.4. Рисолаҳо, маҷмӯаҳо, мақолаҳо

70. Абулхаев Р. Вопросы новейшей истории таджикского народа: Сборник избранных статей и публикаций / Р. Абулхаев. – Душанбе: Офсет-Империя, 2015. – Ч.1. – 338 с.

71. Абулхаев Р. Вопросы новейшей истории таджикского народа: Сборник избранных статей и публикаций / Р. Абулхаев. – Душанбе, 2016. – Ч.2. – 384 с.

72. Азизов Ф. Функсияҳои иҷтимоии китобхонаҳо ва тадбирҳои

амалӣ оид ба рушди фаъолияти китобдорӣ дар замони муосир / Ф. Азизов // Рушди фарҳанг ва маориф дар шароити технологияи муосир: маводи конфронси илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – С. 202-205.

73. Антопольский А. Б. Правовые и технологические проблемы создания и функционирования электронных библиотек / А. Б. Антопольский. – М.: Патент, 2008. – 207 с.

74. Асрорӣ М. Ба китобу китобхонаҳо эътибор дода мешавад, вале мушкилот ҳаст / М. Асрорӣ // Садои мардум. – 2009. – 22 август. – №98 (2474).

75. Аҳмадов Б. Китобхонаи миллӣ ва истиқлолият / Б. Аҳмадов, А. Юнусов // Баҳори Аҷам. – 2005. – №8 –9 (66). – сентябр.

76. Аҳмадов Б. Мақоми китоб дар фарҳанги мардуми тоҷик: маълумотнома / Б. Аҳмадов, Ҷ. Раҷабов. – Душанбе, 2016. – 274 с.

77. Бердизода Ё. Нақши китобхонаҳои электронӣ дар ташаккули донишҳои касбии донишҷӯён / Ё. Бердизода // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – № 1 (37). – С. 92-99.

78. Библиотечная энциклопедия / Рос. гос. б-ка. – М.: Пашков дом, 2007. – 1300 с.

79. Библиотечное дело: терминологический словарь / Рос. гос. б-ка. – 3-е изд., значит. перераб. и доп. – М., 1997. – 168 с.

80. Боев Б. Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳо ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа / Б. Боев // Дунёи китоб. – 2013. – №4-5 (5). – март-апрел.

81. Бӯриев Қ. Библиографияи миллӣ дар замони соҳибистиқлолии кишвар / Қ.Бӯриев // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – № 2 (38). – С. 38-49.

82. Бӯриев Қ. Б. Ду мушкилие, ки монеи рушди китобдорӣ шудааст / Қ.Бӯриев // Садои мардум. – 2017. – 2 ноябр. – №129 (3766).

83. Бӯриев Қ. Б. Китобхонаҳои деҳот. Чанд паҳлуи як проблема / Қ.Бӯриев, М. Муродӣ // Ҷумҳурият. – 2017. – 28 июл. – №159 (23240).

84. Бӯриев Қ. Таҳқиқи афкори китобдории тоҷик дар даврони истиқлол / Қ.Бӯриев // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 4 (36). – С.87-90.

85. Бӯриев Қ. Фаъолияти китобдорӣ дар замони истиқлолият: вазъ ва дурнамо / Қ.Бӯриев // Осор / ПИТФИ. – Душанбе: Аржанг, 2016. – Ҷ. 3. – С.252-282.

86. Володин Б. Всемирная история библиотек: учеб. пособие / Б. Володин. – СПб.: Профессия, 2002. – 352 с.

87. Ванеев А. Н. Библиотечная среда и библиотечное пространство – синонимы? (Некоторые вопросы современной библиотечной терминологии) / А. Н. Ванеев // Библиосфера. – 2016. – № 2. – С. 91-95.

88. Ганҷинаи фарҳанг: ҷашннома бахшида ба 70–солагии Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Эҷод, 2004. – 136 с.

89. Гузориш дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2001 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2002. – Душанбе, 2002. – 119 с.

90. Гузориш дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2002 –ум ва пешниҳоду вазифаҳо роҷеъ ба самтҳои минбаъдаи кор дар соли 2003. – Душанбе: Матбуот, 2003. – 66 с.

91. Ғуломшоев С. Китобхона дар Боми Ҷаҳон / С. Ғуломшоев // Фарҳанг ва ҳунар. – 2008. – №2. – С.32-33.

92. Дворкина М. Я. Библиотечно-информационная деятельность. Теоретические основы и особенности в традиционной и электронной среде / М. Я. Дворкина. – М.: Фаир, 2009. – 356 с.

93. Земсков А. И. Электронная информация и электронные ресурсы. Публикации и документы, фонды и библиотеки / А. И. Земсков, Я. Л. Шрайберг. – М.: Фаир, 2007. – 528 с.

94. Игумнова Н. П. Библиотечное законодательство стран СНГ: история и современное состояние / Н. П. Игумнова. – М: Пашков дом, 2004. – 24 с.

95. Икромӣ С. Ҷойгоҳи китоб дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ / С. Икромӣ // Баҳори Аҷам. – 2017. – 24 октябр. – №31 (434).

96. Истифодаи навгониҳои соҳаи китобдорӣ тавассути технологияи иттилоотии муосир: дастури услубӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 44 с.

97. Истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо: дастури амалӣ–методӣ / мураттибон: С. Шосаидов, Ҷ. Гулбекова; муҳаррир Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 112 с.

98. История таджикского народа. Т.VI: Новейшая история (1941 – 2010 гг.). – Душанбе: Империал-групп, 2011. – 688 с.

99. Каримзода Б. Китобхонаҳои электронӣ / Б. Каримзода // Садои мардум. – 2009. – 4 июл. – №82 (2458).

100. Каримзода Б. Технологияи иттилоотӣ дар китобхонаҳо / Б. Каримзода // Роҳнамои дониш. – 2010. – №5. – май.

101. Каримова Р. Культура Таджикистана в годы независимости (1991 –2011гг.) / Р. Каримова. – Душанбе: Дониш, 2013. – 212 с.

102. Китобхонаи электронӣ ва дастёбӣ ба он: дастури услубӣ (методӣ) барои китобдорон / мураттибон М. Каримов, П. Қадимова. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 44 с.

103. Китобхонаҳои Тоҷикистон дар арафаи асри XXI: фишурдаи маърӯзаҳои конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ 27 – 28 апрели соли 2000 ш. Душанбе. – Душанбе, 2000. – 43 с.

104. Книжная культура в трудах ученых стран СНГ: сб.статей. – М.: Наука, 2006. – 272 с.

105. Комилзода Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз: дастури таълимӣ барои мактабҳои олӣ / Ш.Комилзода. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 196 с.

106. Комилзода Ш. Ташаккули фарҳанги китобдорӣ-иттилоотии хонандагон: дастур барои китобдорон / Ш.Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 64 с.

107. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталаби татбиқи он: маҷмӯаи мақолоти мизи мудаввар, Душанбе, 20 ноябри соли 2007 / мураттиб ва муҳаррири масъул Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 144 с.

108. Мамадазимова М. Национальная библиотека Таджикистана: история становления и развития (1933 –1993 гг.) / М. Мамадазимова. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 224 с.

109. Масов Р. Чароғи маърифат / Р. Масов, Р. Абулҳаев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 124 с.

110. Маҳмудов Г. Вазъ ва проблемаҳои кунунии китобхонаҳои Тоҷикистон / Г. Маҳмудов // Баҳори Аҷам. – 2017. – 24 октябр. – №31 (434).

111. Мелентьева Ю. П. Сельская библиотека: проблемы развития и перспективы: науч.-метод. пособие / Ю. П. Мелентьева. – М.: Либерея, 2003. – 96 с.

112. Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ: дастури методӣ-амалӣ / таҳияи С. Шосаидов, Ш. Тошев; муҳаррир Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 112 с.

113. Мирзоева, Р. Татбиқи технологияи нав дар китобхона / Р. Мирзоева, Л. Боев // Паёми Душанбе. – 2010. – 15 декабр. – №96 (1545).

114. Модельный Библиотечный кодекс для государств – участников СНГ: новая редакция. – М.: Пашков дом, 2017. – 67 с.

115. Мотульский Р. Национальная библиотека Белоруси: учеб.пособие для вузов / Р. Мотульский. – 2-е изд. – Минск, 2010. – 132 с.

116. Муродов У. Чаро ҷавонон китоб намехонанд?: изҳори назари ашхоси касбу кори гуногун / У. Муродов // Ҷумҳурият. – 2007. – 18 январ. – №7 (21214).

117. Муҳиддинов З. Технологияи муосир ва истифодаи он дар фаъолияти китобхонаҳо (дар мисоли китобхонаҳои ноҳияи Исфара) / З. Муҳиддинов // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 4 (36). – С.60-64.

118. Муҳиддинов С. Консепсияи инкишофи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ то соли 2010 / С. Муҳиддинов. – Душанбе, 2001. – 20 с.

119. Набиев В. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол / В. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 340 с.

120. Набиев В. Таърихи давлати соҳибистиқлол / В. Набиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.

121. Натиҷаҳои фаъолияти Вазорат дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 168 с.

122. Национальная библиотека: люди, факты, работа: сб.статей и сообщений. – Алматы, 2000. – 275 с.

123. Оиди фаъолияти солонаи (1999) Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоду дархостҳо роҷеъ ба самтҳои минбаъдаи кор дар соли 2000: Гузориши вазири фарҳанг Б. А. Маҳмадов. – Душанбе, 2000. – 60 с.

124. Раванди ҷаҳонишавии технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 5–6 майи с. 2016, ш. Душанбе. – Душанбе: Бебок, 2016. – 132 с.

125. Раҳимов А. Андешаҳо перомуни китобу китобхона // Китобхонаи миллии Тоҷикистон: ҷашнномa / А. Раҳимов. – Душанбе, 1993. – С. 32-40.

126. Раҳимов Ф. Фаъолияти китобхонаҳо беҳбудӣ мехоҳад ё чаро мутасаддиён ба кори китобхонаҳо кам аҳаммият медиҳанд / Ф. Раҳимов, Ҳ. Ҳомид // Омӯзгор. – 2013. – 5 апрел. – №14 (11784).

127. Раҷабӣ М. Китобхона рукни давлат аст / М. Раҷабӣ // Адабиёт ва санъат. – 2000. – 31 август. – №31-32 (1020).

128. Саидов Б. Ҷавонон ва китоб: оид ба натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ доир ба хониши китоб дар байни синфҳои 7-8 / Б. Саидов // Омӯзгор. – 2016. – 27 май. – №22 (12038).

129. Сарватҳои иттилоотии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт, инноватсия ва маърифати ҷомеа: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ, 18–19 апрели соли 2013, ш. Душанбе. – Душанбе, 2013. – 110 с.

130. Сафар М. Рушди фаъолияти китобдорӣ: оид ба татбиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 / М. Сафар // Ҷумҳурият. – 2013. – 13 июл. – №94 (22231).

131. Справочник библиотекаря. – СПб.: Профессия, 2003. – 432 с.

132. Сулаймонӣ С. Китобхонаҳои электронӣ: маводи таълимӣ барои донишҷӯён ва китобдорон / С. Сулаймонӣ. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 104 с.

133. Сулаймонӣ С. Китобхонаҳо ва иттилоотсозӣ: чанд тарҳи пешниҳодӣ / С. Сулаймонӣ, Т.Розӣ // Паёмномаи фарҳанг. – 2010. – №2(14). – С. 3–6.

134. Ташкили маъхазҳои электронӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон: маводи конфронси умумиҷумҳуриявӣ, 15 –16 майи с. 2014, ш. Душанбе. – Душанбе: Бебок, 2015. – 96 с.

135. Умарова М. С. Государственная политика суверенного Таджикистана в сфере библиотечного дела (1991-2005 годы) / М. С. Умарова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики / Серия общественных наук. – 2011. – №1 (45). – С.137-144.

136. Файзалӣ Т. Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ чӣ гуна амалӣ гардид? / Т. Файзалӣ // Садои мардум. – 2016. – 16 июн. – №77 (3557).

137. Фарҳанг ва истиқлол / таҳияи Ф. Азизӣ; муҳаррир Гулназар. – Душанбе: Адиб, 2011 – 292 с.

138. Фаъолияти китобдорӣ дар даврони ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ: маҷмӯаи мақолаҳои омӯзгорони факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 88 с.

139. Фаъолияти китобдорӣ дар замони истиқлолият / таҳияи Қ. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 225 с.

140. Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон: Китоби III / таҳияи Қ. Бӯриев; муҳаррир С. Ҳ. Шосаидов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 172 с.

141. Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон: Китоби IV / таҳияи Қ. Бӯриев; муҳаррир С. Ҳ. Шосаидов. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – 184 с.

142. Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон: Китоби V / таҳияи Қ. Бӯриев; муҳаррир С. Ҳ. Шосаидов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 240 с.

143. Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Б. Бӯриев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 640 с.

144. Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Б. Бӯриев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 480 с.

145. Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон: хрестоматия / мураттибон С. Ҳ. Шосаидов, Қ. Б. Бӯриев; муҳаррир Қ. Б. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 200 с.

146. Холов Б. Афкори китобхонашиносии тоҷик: вазъият ва дурнамои пажӯҳишҳо / Б. Холов // Паёмномаи фарҳанг. – 2014. – №2 (26). – С. 111-114.

147. Хотамов Н. Б. Социально-экономические преобразования в Республике Таджикистан в период суверенитета (1991-2006 гг.) / Н. Б. Хотамов. – Душанбе, 2008. – 268 с.

148. Ҳасан З. Китобхонаҳои маҳаллӣ магар зарур нестанд?!: оид ба вазъи татбиқи «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» дар китобхонаҳои вилояти Хатлон / З. Ҳасан // Хатлон. – 2012. – 11 октябр. – №41-42 (2884).

149. Ҳасан З. Хатлон: Китобхонаҳои маҳаллӣ ҳоли табоҳ доранд / З. Ҳасан // Ҷумҳурият. – 2012. – 4 декабр. – №149 (22130).

150. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2001 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2002. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 120 с.

151. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2003 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2004. – Душанбе: Матбуот, 2004. – 113 с.

152. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2005. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 89 с.

153. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2005 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2006. – Душанбе: Матбуот, 2006. – 60 с.

154. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2007. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 86 с.

155. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2008. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 85 с.

156. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2009. – Душанбе: Матбуот, 2009. – 79 с.

157. Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2010. – Душанбе: Матбуот, 2010. – 66 с.

158. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2010 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2011. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 72 с.

159. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2011 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2012. – Душанбе: Матбуот, 2012. – 43 с.

160. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2012 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2013. – Душанбе: Матбуот, 2013. – 52 с.

161. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорат дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар соли 2014. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 80 с.

162. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорат дар соли 2014 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар соли 2015. – Душанбе: Матбуот, 2015. – 80 с.

163. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2016. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – 124 с.

164. Ҳисоботи хаттии китобхонаҳои вилояти Суғд барои соли 2008. – Хуҷанд, 2008. – 27 с.

165. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 644 с.

166. Ҷойгоҳи китоби анъанавӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ: маводи конфронси илмӣ, 18 октябри соли 2018, ш. Душанбе. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – 128 с.

167. Шарофзода Р. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: ақоиди асосӣ / Р. Шарофзода. – Душанбе, 1992. – 27 с.

168. Шарофов Р. Библиографияи адабии тоҷик: китоби дарсӣ / Р. Шарофов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 240 с.

169. Шерматов Дж. Библиотечное дело за годы независимости Таджикистана (1991-2007 гг.) / Дж. Шерматов // Паёмномаи фарҳанг. – 2007. – №10. – С. 19-28.

170. Шерматов Ҷ. Ҷомеаи иттилоотиро маданияти иттилоотӣ мебояд: масъалагузорӣ / Ҷ. Шерматов // Ганҷинаи фарҳанг: ҷашннома. – Душанбе: Эҷод, 2004. – С. 102-107.

171. Шосаидов С. Инноватикаи китобдорӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ / С. Шосаидов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 10-28.

172. Шосаидов С. Рушди фаъолияти китобдорӣ [Матн] / С. Шосаидов // Баҳори Аҷам. – 2011. – 28 январ. – №2-3 (194).

173. Шосаидов С. Сиёсати фарҳангии Тоҷикистон дар замони истиқлолият / С. Шосаидов // Паёмномаи фарҳанг. – 2007. – №10. – С. 4-13.

174. Шосаидов С. Стандартсозии истилоҳоти китобдорӣ: вазъият ва проблемаҳо / С. Шосаидов // Фарҳанг – силоҳи маънавии пирӯзӣ: маводи конфронси илмӣ – амалӣ. – Душанбе: Эҷод, 2005. – С. 66 –69.

175. Шосаидов С. Фаъолияти китобдорӣ. Фаъолияти иҷтимоӣ – фарҳангӣ: назария, услубҳо, амалия: маҷмӯаи мақолаҳо / С. Шосаидов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 240 с.

## 1.5. Диссертатсия ва автореферат

176. Авгонов К. Г. Проблемы совершенствования библиотечного образования (На примере учебных заведений Республики Таджикистан): автореф. дис… канд. пед. наук: 13.00.01 / К. Г. Авгонов. – Душанбе, 1999. – 16 с.

177. Бахромов З. Социально–экономическая и культурная жизнь ГБАО Республики Таджикистан в годы независимости (1991–2008): автореф. дис…канд.ист.наук: 07.00.02 / З. Бахромов. – Душанбе, 2009. – 23 с.

178. Буриев, К. Библиография земледельческой культуры таджикского народа: автореф. дис….на соик.канд.ист.наук: 07.00.09 / К. Буриев. – Душанбе, 2000. – 22 с.

179. Гаффоров Б. История культурно – просветительных учреждений Республики Таджикистан (1991 –2011 гг.): дис…. канд. ист. наук: 07.00.02 / Б. Гаффоров. – Душанбе, 2014. – 186 с.

180. Гуломшоев С. История библиотечного дела в ГБАО: дис…. канд. ист. наук: 07.00.02 / С. Гуломшоев. – Душанбе, 2007. – 157 с.

181. Ёров Ф. С. История библиотечного дела в Бухарском эмирате (вторая половина XIX – начало XX вв.): автореф. дис…канд.пед.наук: 05.25.03 / Ф. С. Ёров. – М.: МГИК, 1997. – 16 с.

182. Камолзода С. Детские и школьные библиотеки в системе образовательных учреждений Таджикистана: История, состояние и проблемы развития: автореф. дис… канд.пед.наук: 13.00.01 / С. Камолзода. – Душанбе, 2010. – 22 с.

183. Каримова Р. История развития культуры Таджикистана в годы независимости (1991–2011 гг.): автореф. дис…канд.ист.наук: 07.00.02 / Р. Каримова. – Душанбе, 2012. – 25 с.

184. Мамадазимова М. Становление Национальной библиотеки Республики Таджикистан и её трансформация в период с 1933 по 2013 гг.: дис…канд. ист. наук: 07.00.02 / М. Мамадазимова. – Душанбе, 2019. – 185 с.

185. Муазазов С. Разработка автоматизированного рабочего места библиографа-эксперта в научно-технической библиотеке: автореф. дис. канд. пед. наук: 05.25.03 / С. Муазазов. – М.: МГИК, 1992. – 16 с.

186. Мухиддинов С. Библиографирование персидско–таджикской минётуры: Культурно–исторический и теоретико–методические аспекты: автореф. дис... канд. пед. наук: 05.25.03 / С. Мухиддинов. – М.: МГИК, 1993. – 16 с.

187. Мухиддинов С. Изучение истории изобразительного искусства таджикского народа (до советский период): автореф. дис… д-ра. ист. наук: 07.00.09 / С. Мухиддинов. – Душанбе, 2003. – 47 с.

188. Собиров Ш. Вклад интеллигенции Гиссарской долины в развитие культуры Республики Таджикистан (1921-1991): автореф. дис…канд.ист.наук: 07.00.02 / Ш. Собиров. – Душанбе, 2010. – 23 с.

189. Сулаймони С. Библиотечное дело в Иране: история и современное состояние: дис…д-ра.пед.наук в форме науч.докл.: 05.25.03 / С. Сулаймони. – СПбГАК, 1995. – 44 с.

190. Халимова М. Научные и культурные связи Таджикистана со странами Европейского Союза в годы независимости (1991-2014 гг.): автореф. дис... канд. ист. наук: 07.00.15 / М. Халимова. – Душанбе, 2015. – 26 с.

191. Шорахматов З. Пути оптимизации комплектования фондов сельских библиотек в условиях многоязычия (на примере Таджикистана): автореф. дис. канд. пед. наук: 05.25.03 / З. Шорахматов. – М.: МГИК, 1991. – 16 с.

**1.6. Суҳбатҳо**

192. Суҳбат бо директори Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар Ҳусайн Сафарзода. – 2016. – 10 март.

193. Суҳбат бо директори Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гулрухсор Алиева. – 2018. – 24 октябр.

194. Суҳбат бо мудири Китобхонаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Саломат Хайруллоева. – 2016. – 6 сентябр.

195. Суҳбат бо мудири Китобхонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Ситора Абдумуминзода. – 2017. – 4 октябр.

196. Суҳбат бо сардабири маҷаллаи фарҳангӣ-маърифатии «Китобдор» Шариф Комилзода. – 2016. – 11 январ.

## II. Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

### 2.1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд

[1-М]. Комилов М. Инъикоси осори Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар библиографияи тоҷик / М.Комилов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2019. – №3 (66). – С. 195-204.

[2-М]. Комилов М. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон / М.Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №5. – Қисми 1. – С.175-180.

[3-М]. Комилов М. Компютеркунонии китобхонаҳои Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамои рушд / М. Комилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ: нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – 2019. – №3. – С.286-292.

[4-М]. Комилов М. Рушди китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол / М.Комилов // Муаррих. – 2019. – №2 (18). – С. 124-128.

### 2.2. Рисолаи илмӣ ва библиографӣ

[5-М]. Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол: феҳристи адабиёт / мураттиб М. Комилов. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 312 с.

[6-М]. Комилов М. Истиқлолият ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1991-2016): рисола / М. Комилов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 262 с.

**2.3. Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табърасида**

[7-М]. Комилов М. Таҳкими заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол / М.Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2015. – №3 (31). – С. 55 –58.

[8-М]. Комилов М. Рушди шабакаи китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол / М. Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №4 (36). – С. 67-77.

[9-М]. Комилов М. Созмондиҳии озмуни китобхонаҳои мамлакат дар даврони истиқлол / М.Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 2 (34). – С.65-71.

[10-М]. Комилов М. Бунёди китобхонаҳои электронӣ дар Тоҷикистон / М. Комилов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 75-101.

[11-М]. Комилов М. Даврахои асосии рушди китобхонаҳои Тоҷикистон дар замони истиқлол / М. Комилов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 254-272.

[12-М]. Комилов М. Татбиқи барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои илмии соҳаи китобдорӣ дар даврони истиқлол / М. Комилов, Ш. Комилзода // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – №4 (40). – С. 64-73.

[13-М]. Комилов М. Ташкил ва гузаронидани озмуну фестивалҳо дар соҳаи китобдорӣ / М. Комилов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 279-291.

[14-М]. Комилов М. Фаъолияти китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ дар Тоҷикистон / М. Комилов // Ташаккули фарҳанги хизматрасонӣ ва баланд бардоштани нуфузи фаъолияти китобхонаҳо дар

ҷомеаи муосир: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 4-5 майи соли 2017, ш. Душанбе. – Душанбе, 2017. – С.97-102.

[15-М]. Комилов М. Нақши китобхонаҳои ҷумҳурӣ дар ташаккули маънавии ҷомеаи муосир / М. Комилов, Г. Бутаева // Душанбе. – 2018. – №6. – С. 71-72.

[16-М]. Комилов М. Истиқлолият ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон / М. Комилов, Ш. Комилзода // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С. 130-145.

[17-М]. Комилов М. Манбаъҳои такмили захираи китобхонаҳои электронӣ / М. Комилов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С.21-25.

[18-М]. Комилов М. Нақши сомонаҳои интернетӣ дар такмили фонди китобхонаҳо / М. Комилов // Нақши китобхонаҳои ҷумҳурӣ дар ташаккули маънавии ҷомеаи муосир: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 4-5 майи соли 2018., ш. Душанбе. – Душанбе, 2018. – С. 102-105.

[19-М]. Комилов М. Нашри китобҳои электронӣ ва тарғиби онҳо тавассути Интернет / М. Комилов // Ҷойгоҳи китоби анъанавӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ: маводи конфронси байналмилалӣ, 18 октябр, ш. Душанбе. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – С. 34-42.

[20-М]. Комилов М. Саҳми сомонаи КМТ дар тарғиби фарҳанги китобдорӣ / М. Комилов // Роҳҳои татбиқи инноватсия дар фаъолияти китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 3 сентябри с. 2018. – Душанбе, 2018. – С. 128-133.

[21-М]. Комилов М. Татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон / М. Комилов // Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С.221-231.

[22-М]. Комилов М. Таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ дар китобхонаҳои марказӣ ва макотиби олии ҷумҳурӣ / М. Комилов // Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С.110-140.

[23-М]. Комилов М. Таҳқиқи фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон / М. Комилов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С. 460-465.

[24-М]. Комилов М. Ташаккули захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ дар китобхонаҳо / М. Комилов // Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С.199-206.

[25-М]. Комилов М. Марҳилаҳои рушди китобхонаҳои Тоҷикистони шӯравӣ / М.Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2019. – №3 (47). – С.64-74.

[26-М]. Комилов М. Тарғиби библиографии осори Пешвои миллат / М. Комилов // Душанбе. – 2019. – №5. – С.37-41.

[27-М]. Комилов М. Таъмини китобхонаҳои Тоҷикистон бо технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ / М. Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2019. – №2 (46). – С.62-73.

[28-М]. Комилов М. Такмили фонди китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол / М. Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2020. – №2. – С.56-76.

[29-М]. Комилов М. Феҳристнигории осори Пешвои миллат / М. Комилов // Китоб сарчашмаи маърифат. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – С.243-252.

# ЗАМИМАҲО

**Ҷадвали №1**

## Таъсисёбии китобхонаҳои оммавӣ дар вилояти Суғд (1991-2016)[1]

| № | Номгӯи муассиса | Махзан | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Дигар забонҳо | Мавқеи ҷойгиршавӣ | Соли таъсисёбӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КФ* №11-и н. Ҷ. Расулов | 2049 | 307 | 47 | 1694 | 1 | ҷамоати деҳоти Ҳаёти Нав, деҳаи Гулафшон | 1991 |
| 2. | КФ №20-и н. Ҷ. Расулов | 4403 | 328 | 42 | 3532 | 1 | ҷамоати деҳоти Деҳмой, деҳаи Заркор | 1991 |
| 3. | КФ №19-и ш.Истаравшан | 4707 | 2132 | 49 | 2227 | 99 | ҷамоати деҳоти Зарҳалол, деҳаи Қалъачаи Араб | 1991 |
| 4. | КФ №7-и н. Кӯҳистони Мастчоҳ | 1097 | 633 | 64 | - | - | ҷамоати деҳоти Лангар, деҳаи Табушн | 1993 |
| 5. | КФ №20-и ш.Исфара | 5528 | 4080 | 122 | 326 | - | ҷамоати деҳоти Сурх, кӯчаи Б. Ғафуров, №8 | 1994 |
| 6. | КФ №7-и ш. Хуҷанд | 14278 | 2662 | 11048 | 544 | 24 | хиёбони Исмоили Сомонӣ, №1 | 1994 |
| 7. | КФ №8-и ш. Хуҷанд | 13020 | 5217 | 7783 | 17 | 3 | хиёбони Исмоили Сомонӣ, №1 | 1994 |
| 8. | КФ №9-и ш.Истаравшан | 4153 | 3918 | 191 | 5 | 39 | ҷамоати деҳоти Гули Сурх, деҳаи Боғикалон | 1995 |
| 9. | КФ №10-и ш.Истаравшан | 3057 | 491 | 630 | 1895 | 41 | ҷамоати деҳоти Гули Сурх, деҳаи Тапқоқ | 1996 |
| 10. | КФ №1-и н.Спитамен | 5123 | 2759 | 400 | 1957 | 7 | ҷамоати деҳоти Т. Ӯлҷабоев, деҳаи Янгиобод | 1997 |
| 11. | КФ №8-и ш. Исфара | 13399 | 213 | 11835 | 1351 | - | шаҳри Нурафшон, кӯчаи Оксаниян, №10 | 1997 |
| 12. | КФ №18-и ш. Истаравшан | 3731 | 3399 | 163 | 130 | 39 | ҷамоати деҳоти Сабристон, деҳаи Ругунд | 1999 |
| 13. | КФ №21-и ш. Исфара | 3147 | 2465 | 556 | 126 | - | ҷамоати деҳоти Чоркӯх, кӯчаи Мӯъминобод | 1999 |
| 14. | КМ** н. Шахристон | 12110 | 1325 | 1589 | 9196 | - | ноҳияи Шаҳристон, кӯчаи Сино | 2002 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 15. | КБ*** н.Шаҳристон | 2523 | 1898 | 515 | 110 | - | ноҳияи Шаҳристон, кӯчаи Сино | 2002 |
| 16. | КФ №1-и н.Шаҳристон | 5005 | 2147 | 2350 | 508 | - | ҷамоати деҳоти Шаҳристон, деҳаи Шаҳристон | 2002 |
| 17. | КФ №15-и н. Спитамен | 4024 | 371 | 388 | 3251 | 14 | ҷамоати деҳоти Хуррамзамин, деҳаи Машъал | 2003 |
| 18. | КФ №11-и н. Мастчоҳ | 2139 | 957 | 948 | 223 | 11 | шаҳраки Бӯстон, деҳаи Деҳқонобод | 2009 |
| 19. | КФ 17-и н. Ҷ.Расулов | 4739 | 356 | 790 | 3592 | 1 | шаҳраки Меҳробод, кӯчаи Рӯдакӣ | 2009 |
| 20. | КМ ш. Бӯстон | 28797 | 3093 | 25696 | - | 8 | шаҳри Бӯстон, кӯчаи Московская, №15а | 2009 |
| 21. | КФ Палос, ш. Бӯстон | 10181 | 433 | 9744 | - | 4 | ҷамоати деҳоти Палос, кӯчаи Ҷ. Румӣ, №11 | 2009 |
| 22. | КФ №24-и ш. Исфара | 3635 | 2463 | 785 | 387 | - | ҷамоати деҳоти Ворух, кӯчаи Б.Ғафуров, №26 | 2009 |
| 23. | КФ №13-н. Спитамен | 3723 | 394 | 644 | 2679 | 6 | ҷамоати деҳоти Сарбанд, кӯчаи Абдусаломов | 2010 |
| 24. | КМ ш. Истиқлол | 30630 | 3227 | 27101 | 200 | 102 | маҳаллаи 1, кӯчаи Ленин, №3 | 2010 |
| 25. | КФ №16-и н. Мастчоҳ | 1180 | 543 | 636 | - | 1 | ҷамоати деҳоти Палдорак, деҳаи Чанок | 2012 |
| 26. | КФ №36-и н. Айнӣ | 1773 | 841 | 895 | - | - | ҷамоати деҳоти Урметан, деҳаи Ёвон | 2013 |
| 27. | КФ №19-и н. Ҷ. Расулов | 2791 | 325 | 181 | 2285 | - | шаҳраки Меҳробод, кӯчаи Нурматов | 2015 |
| | **Ҳамагӣ** | **187219** | **46977** | **107292** | **36235** | **401** | | |

1. Ҷадвал дар асоси маълумотномаи Китобхонаҳои вилояти Суғд: маълумоти мухтасар / мураттибон А. Қаландаров, С. Шодиева; муҳаррири масъул Б. Мирсаидов. – Хуҷанд: Меърoҷ, 2017. – 64 с., тартиб дода шудааст.

*КФ – китобхона-филиал
**КМ – китобхонаи марказӣ
*** КБ – китобхонаи бачагона

**Ҷадвали №2**

## Таъсисёбии китобхонаҳои оммавӣ дар вилояти Хатлон (1991-2016)[1]

| № | Номгӯи муассиса | Махзан | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Дигар забонҳо | Мавқеи ҷойгиршавӣ | Соли таъсисёбӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КФ №9-и н. Ҷ.Балхӣ | 3047 | 3008 | 36 | 3 | - | деҳаи Правда | 1991 |
| 2. | КФ №21-и н. Ҷайхун | 2437 | 437 | 1000 | - | 1000 | ҷамоати Қумсангир, деҳаи Омиён | 1991 |
| 3. | КФ №24-и н. Данғара | 3682 | 2594 | 888 | 200 | - | ҷамоати деҳоти Пушинг, деҳаи Шар-шар | 1991 |
| 4. | КФ №25-и н. Данғара | 7067 | 3636 | 3431 | - | - | ҷамоати деҳоти Лоҳур, деҳаи Тоҷмаҳал | 1991 |
| 5. | КМ н. Ш. Шоҳин | 5651 | 2162 | 3280 | - | 209 | маркази ноҳия ҷамоати деҳоти Шурообод | 1991 |
| 6. | КФ №1-и н. Ш. Шоҳин | 5524 | 2728 | 2636 | - | 160 | ҷамоати деҳоти Доғистон, деҳаи Дараи об | 1991 |
| 7. | КФ №2-и н. Ш. Шоҳин | 4983 | 2381 | 2532 | - | 70 | ҷамоати деҳоти Доғистон, деҳаи Доғистон | 1991 |
| 8. | КФ №3-и н. Ш. Шоҳин | 3595 | 1084 | 2471 | - | 40 | ҷамоати деҳоти Шурообод, деҳаи Зулмобод | 1991 |
| 9. | КФ №4-и н. Ш. Шоҳин | 4679 | 1868 | 2596 | - | 215 | ҷамоати деҳоти Чагам, деҳаи Назарбой | 1991 |
| 10. | КФ №8-и н. Ш. Шоҳин | 5659 | 2195 | 3216 | - | 248 | ҷамоати деҳоти Саричашма, деҳаи Ҷилда | 1991 |
| 11. | КФ №10-и н. Ш. Шоҳин | 4187 | 2165 | 1836 | - | 186 | ҷамоати деҳоти Н.Маҳмудов, деҳаи Ёл | 1991 |
| 12. | КФ №11-и н. Ш. Шоҳин | 3854 | 886 | 2900 | - | 68 | ҷамоати деҳоти Н.Маҳмудов, деҳаи Порвор | 1991 |
| 13 | КФ №12-и н. Ш. Шоҳин | 2974 | 1215 | 1517 | - | 242 | ҷамоати деҳоти Даштиҷум, деҳаи Даштиҷум | 1991 |
| 14. | КФ №14-и н. Ш. Шоҳин | 1086 | 558 | 525 | - | 3 | ҷамоати деҳоти Чагам, деҳаи Бодомту | 1991 |
| 15. | КФ №15-и н.Ш. Шоҳин | 2933 | 895 | 1962 | - | 76 | ҷамоати деҳоти Н.Маҳмудов, деҳаи Саримарғзор | 1991 |
| 16. | КФ №7-и н. Ҷайхун | 5867 | 404 | 1800 | - | 3663 | ҷамоати Панҷ, деҳаи Фатҳобод | 1992 |
| 17. | КФ №6-и н. Ш.Шоҳин | 6210 | 2807 | 3189 | - | 214 | ҷамоати деҳоти Саричашма, деҳаи Бобоносир | 1992 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 18. | КФ №7-и н. Ш. Шоҳин | 6179 | 1567 | 3777 | - | 835 | ҷамоати деҳоти Саричашма, деҳаи Мирзоалӣ | 1992 |
| 19. | КФ №18-и н. Муъминобод | 3169 | 1241 | 1919 | - | 9 | ҷамоати деҳоти Н.Назаров, деҳаи Садбаргҳо | 1992 |
| 20. | КФ №16-и н. Ҷ. Балхӣ | 2855 | 2659 | 62 | 134 | - | ҷамоати деҳоти Фрунзе | 1994 |
| 21. | КФ №5-и н. Ш.Шоҳин | 8459 | 2177 | 3700 | - | 2582 | ҷамоати деҳоти Чагам, деҳаи Чагам | 1994 |
| 22. | КФ №16-и н. Ш. Шоҳин | 1236 | 1167 | 60 | - | 9 | ҷамоати деҳоти Доғистон, деҳаи Кафтар | 1994 |
| 23. | КФ №16-и н. Муъминобод | 2462 | 1862 | 599 | - | 1 | ҷамоати деҳоти Чилдухтарон, деҳаи Ҷавзодара | 1995 |
| 24. | КФ №28-и н.Ҷ. Балхӣ | 3493 | 3169 | 287 | 37 | - | ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Комсомол | 1995 |
| 25. | КМ н. Носири Хусрав | 4476 | 1665 | 2674 | | 137 | шаҳраки Баҳор | 1996 |
| 26. | КФ №2-и н.Носири Хусрав | 2280 | 1465 | 400 | 215 | 200 | ҷамоати деҳоти Истиқлол, деҳаи Бешкент | 1996 |
| 27. | КФ №3-и н. Носири Хусрав | 1370 | 564 | 541 | 3 | 262 | ҷамоати деҳоти Истиқлол, деҳаи Арабхона | 1996 |
| 28. | КФ №5-и н. Носири Хусрав | 976 | 473 | 232 | - | 271 | ҷамоати деҳоти Наврӯз, деҳаи Сангоба | 1996 |
| 29. | КФ №33-и н.Ҷ. Балхӣ | 2560 | 585 | 1073 | 902 | - | деҳаи Қазоқобод | 1997 |
| 30. | КФ №1-и н.Ҷ. Балхӣ | 2061 | 960 | 664 | 437 | - | деҳаи С. Кароматулло | 1997 |
| 31. | КФ №4-и н.Ҷ. Балхӣ | 6915 | 3237 | 3170 | 508 | - | марказӣ Гулистон | 1997 |
| 32. | КФ №6-и н.Ҷ. Балхӣ | 10223 | 1012 | 8947 | 264 | - | ҷамоати Гулистон | 1997 |
| 33. | КФ №12-и н.Ҷ. Балхӣ | 2110 | 1502 | 466 | 142 | - | деҳаи М.Горкий | 1997 |
| 34. | КФ №25-и н.Ҷ. Балхӣ | 6044 | 1753 | 1246 | 3045 | - | деҳаи Калинин | 1997 |
| 35. | КФ №13-и н. Ҷайхун | 3031 | 422 | 2000 | - | 609 | ҷамоати шаҳраки Дӯстӣ, озодии-1 | 1997 |
| 36. | КФ №29-и н.Ҷ. Балхӣ | 1909 | 449 | 991 | 469 | - | ҷамоати деҳоти Маданият, деҳаи Янгиёр | 1998 |
| 37. | КФ №14-и н.Ҷ. Балхӣ | 2042 | 1713 | 88 | 241 | - | ҷамоати деҳоти Узун, деҳаи Пахтаобод | 1998 |
| 38. | КФ №34-и н.Ҷ. Балхӣ | 1712 | 720 | 412 | 580 | - | ҷамоати деҳоти Маданиёт, деҳаи Янгиобод | 1998 |
| 39. | КФ №29-и н. Кушониён | 3007 | 1007 | 1808 | - | 192 | ҷамоати деҳоти Сарвати Истиқлол, деҳаи Ӯртабуз | 1998 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 40. | КФ №24-и н.Ҷ. Балхӣ | 2764 | 839 | 1388 | 537 | - | ҷамоати деҳоти Узун, деҳаи Ӯртабуз | 1999 |
| 41. | КФ №18-и н.Ҷ. Балхӣ | 2747 | 247 | 647 | 1853 | - | ҷамоати деҳоти Фрунзе, деҳаи Роҳи Ленин | 2000 |
| 42. | КФ №17-и н. Ш. Шоҳин | 782 | 739 | 33 | - | 10 | ҷамоати деҳоти Лангардара, деҳаи Ново | 2000 |
| 43. | КФ №17-и н. Муъминобод | 2261 | 1186 | 1071 | - | 4 | ҷамоати деҳоти Деҳибаланд, деҳаи Тутқавул | 2001 |
| 44. | КФ №5-и ш. Кӯлоб | 6014 | 2894 | 2740 | - | 380 | маҳаллаи Борбад | 2002 |
| 45. | КФ №3-и н. Вахш | 4226 | 1553 | 2145 | 528 | - | ҷамоати деҳоти Ваҳдат, маҳаллаи Деҳқон | 2003 |
| 46. | КФ №10-и н. Вахш | 2626 | 1077 | 1290 | 259 | - | ҷамоати деҳоти Тоҷикобод | 2003 |
| 47. | КФ №4-и н. Н Хусрав | 1192 | 571 | 561 | - | 60 | ҷамоати деҳоти Наврӯз, деҳаи Бешкапа | 2003 |
| 48. | КФ №5-и н.Ҷ. Балхӣ | 2105 | 730 | 398 | 977 | - | ноҳияи Ҷ. Балхӣ | 2004 |
| 49. | КФ №17-и н.Ҷ. Балхӣ | 3107 | 390 | 836 | 1881 | - | ноҳияи Ҷ. Балхӣ | 2004 |
| 50. | КФ №30-и н.Ҷ. Балхӣ | 4406 | 624 | 3434 | 348 | - | деҳаи Киров | 2004 |
| 51. | КФ №20-и н. Ҷайхун | 2126 | 211 | 1000 | - | 915 | фароғатгоҳи шаҳраки Дӯстӣ | 2004 |
| 52. | КФ №7-и н. Дӯстӣ | 2607 | 2185 | 422 | - | - | ҷамоати деҳоти Ҷиликул, деҳаи Асрор Раҷабов | 2004 |
| 53. | КФ №9-и н. Ш. Шоҳин | 888 | 731 | 156 | - | 1 | ҷамоати деҳоти Нуриддин Маҳмудов, деҳаи Хирманҷо | 2004 |
| 54. | КФ №13-и н. Ш. Шоҳин | 684 | 551 | 123 | - | 10 | ҷамоати деҳоти Лангардара, деҳаи Лангар | 2004 |
| 55. | КФ №3-и н.Ҷ. Балхӣ | 3568 | 114 | 3175 | 279 | - | ҷамоати шаҳраки Балх, кӯчаи Ҷ.Балхӣ | 2005 |
| 56. | КФ 35-и н.Ҷ. Балхӣ | 3453 | 1255 | 1964 | 234 | - | идораи Бойтории ҷ/ш Балх | 2005 |
| 57. | КФ №11-и н. Вахш | 3944 | 1110 | 2562 | 272 | - | ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ | 2006 |
| 58. | КФ №4-и ш. Кӯлоб | 806 | 733 | 65 | - | 8 | шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ | 2006 |
| 59. | КФ №29-и н.Восеъ | 3513 | 2039 | 1327 | - | 147 | ҷамоати деҳоти Мирзоалӣ Вайсов | 2006 |
| 60. | КФ №7-и н.Ҷ. Балхӣ | 2921 | 838 | 557 | 1526 | - | деҳаи Бӯстон | 2007 |
| 61. | КФ №10-и н.Ҷ. Балхӣ | 2365 | 2099 | 217 | 49 | - | деҳаи Орҷоникидзе | 2007 |
| 62. | КФ №2-и н. Вахш | 3642 | 1484 | 1399 | 759 | - | ҷамоати деҳоти Тоҷикобод | 2007 |
| 63. | КФ №19-и н. Муъминобод | 2786 | 1948 | 835 | - | 3 | ҷамоати деҳоти Нуралишо Назаров, деҳоти Личаки Поён | 2008 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 64. | КФ №5-и нВахш | 2858 | 852 | 1822 | 184 | - | ҷамоати шаҳраки Киров | 2009 |
| 65. | КФ №8-и н. Вахш | 2144 | 548 | 1350 | 246 | - | ҷамоати деҳоти Машъал | 2009 |
| 66. | КФ №25-и ш. Кӯлоб | 1435 | 1136 | 288 | - | 11 | ҷамоати Зиракӣ, деҳаи Зарқалъа | 2009 |
| 67. | КФ №6-и н. Муъминобод | 2901 | 1907 | 978 | - | 16 | ҷамоати деҳоти Боғгайи, деҳаи Хоҷаинур | 2010 |
| 68. | КФ №20-и н. Муъминобод | 4785 | 1972 | 2798 | - | 15 | ҷамоати шаҳраки Муъминобод, деҳаи Ҷавонон | 2010 |
| 69. | КФ №6-и н. Ҷомӣ | 4774 | 369 | 3002 | 1403 | - | ҷамоати деҳоти Яккатут | 2010 |
| 70. | КФ №1-и н. Вахш | 4056 | 1860 | 1812 | 384 | - | ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон | 2010 |
| 71. | КФ №7-и н. Вахш | 3664 | 652 | 2770 | 242 | - | ҷамоати деҳоти Машъал | 2010 |
| 72. | КФ №10-и н. Панҷ | 2135 | 745 | 1054 | 336 | - | ҷамоати деҳоти Намуна, деҳаи Файзободқалъа | 2011 |
| 73. | КФ №16-и н. Ховалинг | 1411 | 667 | 744 | - | - | ҷамоати деҳоти Шугнов, деҳаи Сангдара | 2011 |
| 74. | КВ* ба номи Ш. Шоҳин | 55612 | 9025 | 45482 | 99 | 1006 | ш. Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), кӯчаи Борбад. | 2011 |
| 75. | КБ вилоятӣ | 22161 | 7281 | 14817 | 63 | - | ш. Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), кӯчаи Борбад. | 2011 |
| 76. | КФ №21-и н. Муъминобод | 2039 | 920 | 1119 | - | - | ҷамоати деҳоти Деҳи-баланд, деҳаи Файзобод | 2012 |
| 77. | КФ №4-и н. Кушониён | 4332 | 1752 | 2000 | - | 580 | ҷамоати деҳоти Меҳнатобод, деҳаи Ганҷина | 2012 |
| 78. | КФ №16-и н. Кушониён | 5017 | 1969 | 3000 | - | 48 | ҷамоати деҳоти Заргар, деҳаи Обшорон | 2012 |
| 79. | КФ №12-и н. Вахш | 6774 | 1084 | 4891 | 799 | - | ҷамоати шаҳраки Киров | 2012 |
| 80. | КФ №1-и н. Н. Хусрав | 2819 | 1649 | 689 | 280 | 201 | ҷамоати деҳоти Фирӯза, деҳаи Фирӯза | 2013 |
| 81. | КФ №11- н. Ҷомӣ | 5216 | 1490 | 3650 | 76 | - | ҷамоати деҳоти 50-солагӣ | 2013 |
| 82. | КФ №14-и н. Кушониён | 2879 | 1106 | 1473 | - | 300 | ҷамоати деҳоти Заргар, деҳаи А.Ҷомӣ | 2013 |
| 83. | КФ №22-и н. Ҷайхун | 3124 | 2004 | 1000 | - | 120 | ҷамоати шаҳраки Дӯстӣ, кӯчаи И. Сомонӣ | 2014 |
| 84. | КБ н. Н. Хусрав | 1409 | 1409 | - | - | - | шаҳраки Баҳор | 2014 |
| 85. | КФ №12-и н. Ҷомӣ | 6326 | 1659 | 4300 | 367 | - | ҷамоати деҳоти Калинин | 2014 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 86. | КФ №17-и н. Кушониён | 2733 | 1013 | 1200 | - | 520 | ҷамоати деҳоти Заргар, деҳаи М.Горкий | 2014 |
| 87. | КФ №17-и ш. Норак | 12360 | 599 | 11761 | - | - | Қасри фарҳанг | 2014 |
| 88. | КФ №12-и н. Ховалинг | 1097 | 551 | 546 | - | - | ҷамоати деҳоти Лоҳутӣ, деҳаи Садбарҳо | 2014 |
| 89. | КФ №6-и н. Хуросон | 1433 | 613 | 820 | | - | шаҳраки Обикиик | 2015 |
| 90. | КФ №19-и н. Хуросон | 1839 | 327 | 647 | 865 | - | ҷамоати деҳоти Ҳилолӣ | 2015 |
| 91. | КФ №5-и н. Ховалинг | 1661 | 809 | 852 | - | - | ҷамоати деҳоти Ғаффор Мирзо, деҳаи Зардакӣ | 2015 |
| 92. | КФ №15-и н. Ҷайхун | 2003 | 1003 | 800 | - | 200 | ҷамоати деҳоти Ваҳдати миллӣ, деҳаи А. Фирдавсӣ | 2015 |
| 93. | КФ №10-и н. Ҷомӣ | 7729 | 2624 | 5000 | 105 | - | ҷамоати деҳоти Яккатут | 2016 |
| 94. | КФ №14-и н. Ҷомӣ | 4236 | 1375 | 2861 | | - | ҷамоати деҳоти Яккатут | 2016 |
| 95. | КФ №13-и н. Ховалинг | 1935 | 955 | 980 | - | - | ҷамоати деҳоти Лоҳутӣ, д еҳаи Чашмаибедак | 2016 |
| 96. | КФ №11-и н. Кушониён | 1829 | 824 | 900 | - | 105 | ҷамоати деҳоти Сарвати Истиқлол, деҳаи Зарафшон | 2016 |
| 97. | КФ №15-и н. Кушониён | 2753 | 1010 | 1009 | - | 734 | ҷамоати деҳоти Заргар, деҳаи Ҳосилот | 2016 |
| 98. | КФ №22-и н. Кушониён | 5263 | 2106 | 2357 | - | 800 | ҷамоати шаҳраки Бӯстонқалъа, шаҳраки Бӯстонқалъа | 2016 |
| 99. | КФ №24-и н. Панҷ | 2019 | 1016 | 763 | 240 | - | ҷамоати деҳоти Озодагон, деҳаи Отчапар | 2016 |
| 100. | КФ №7-и н. Муъминобод | 3219 | 1920 | 1299 | - | - | ҷамоати деҳоти Боғгай, деҳаи Навбаҳор | 2016 |
| | **Ҳамагӣ** | **417515** | **147341** | **230110** | **22371** | **17695** | | |

1. Ҷадвал дар асоси маълумотномаи Китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон: маълумоти мухтасар. – Қӯрғонтеппа, 2017. – 112 с., тартиб дода шудааст.

*КВ – китобхонаи вилоятӣ

**Ҷадвали №3**

## Таъсисёбии китобхонаҳои оммавӣ дар ВМКБ (1991-2016)[1]

| № | Номгӯи муассиса | Махзан | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Дигар забонҳо | Мавқеи ҷойгиршавӣ | Соли таъсисёбӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КФ №6-и н. Шуғнон | 3483 | 2158 | 1325 | - | - | деҳаи Гожак | 1993 |
| 2. | КФ №15-и н. Шуғнон | 4913 | 2066 | 2847 | - | - | деҳаи Ривак | 1993 |
| 3. | КФ №3-и н. Шуғнон | 3837 | 2042 | 1795 | - | - | деҳаи Дирёмч | 1994 |
| 4. | КФ №11-и н. Мурғоб | 2791 | 421 | 851 | - | 1519 | деҳаи Чештебе | 1999 |
| 5. | КФ №13-и н. Мурғоб | 2450 | 452 | 290 | - | 1708 | деҳаи Купрукбошӣ | 1999 |
| 6. | КФ №12-и н. Ишкошим | 4650 | 2550 | 2100 | - | - | деҳаи Птуп | 2003 |
| 7. | КФ №11-и н. Шуғнон | 5413 | 4849 | 564 | - | - | деҳаи Бердибекобод | 2010 |
| 8. | КФ №30-и н. Шуғнон | 1092 | 1069 | 23 | - | - | деҳаи Баччор | 2010 |
| 9. | КФ №22-и н. Шуғнон | 5480 | 3269 | 2211 | - | - | деҳаи Чарсем | 2012 |
| 10. | КФ №4-и н. Шуғнон | 2219 | 1942 | 270 | - | - | деҳаи Боғеф | 2016 |
| | **Ҳамагӣ** | **29756** | **20818** | **12276** | **-** | **3227** | | |

1. Ҷадвал дар асоси «Маълумотнома оид ба китобхонаҳои ВМКБ», ки аз ҷониби Китобхонаи вилоятии ба номи А. Рӯдакӣ пешниҳод шудааст, тартиб дода шудааст.

**Ҷадвали №4**

## Нишондиҳандаҳои асосии китобхонаҳои Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)[1]

| Солҳо | Шумораи умумии китобхонаҳо | Шумораи умумии фонди китобхонаҳо ҳаз. нусха | Шумораи умумии хонандагони китобхонаҳо ҳаз. нафар |
|---|---|---|---|
| 1991 | 1747 | 16115 | 1256,9 |
| 1992 | 1269 | 13051 | 936,9 |
| 1993 | 1577 | 14881 | 1083,6 |
| 1994 | 1591 | 17054 | 1040,0 |
| 1995 | 1560 | 14415 | 974,2 |
| 1996 | 1495 | 14103 | 880,0 |
| 1997 | 1470 | 14012 | 891,9 |
| 1998 | 1473 | 13912 | 815,7 |
| 1999 | 1463 | 13849 | 798,5 |
| 2000 | 1441 | 13487 | 805,9 |
| 2001 | 1436 | 13339 | 816,6 |
| 2002 | 1438 | 13436 | 838,0 |
| 2003 | 1430 | 13222 | 1051,3 |
| 2004 | 1427 | 13077 | 840,0 |
| 2005 | 1414 | 13429 | 872,3 |
| 2006 | 1413 | 12881 | 835,8 |
| 2007 | 1420 | 13270 | 1198,7 |
| 2008 | 1420 | 12782 | 903,9 |
| 2009 | 1419 | 12676 | 1227,3 |
| 2010 | 1392 | 12078 | 1193,0 |
| 2011 | 1376 | 12526 | 1311,5 |
| 2012 | 1382 | 12112 | 1180,4 |
| 2013 | 1368 | 11800 | 1331,8 |
| 2014 | 1374 | 11819 | 1078,9 |
| 2015 | 1366 | 16653 | 1461,8 |
| 2016 | 1366 | 11381 | 1626,7 |

[1] Ҷадвал дар асоси маҷмӯаҳои омории: Таджикистан: 20 лет государственной независимости: статистический сборник. – Душанбе: Шарки озод, 2011. – С.302-305; Тоҷикистон дар рақамҳо 2017 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 69., тартиб дода шудааст.

**Ҷадвали №5**

## Фонди китобхонаҳои Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)[1]

| Солҳо | Шумораи умумии китобхонаҳо | Шумораи умумии фонди китобхонаҳо ҳаз. нусха | Теъдоди китобу маҷалла ба ҳисоби миёна дар як китобхона, ҳаз. нусха | Теъдоди китобу маҷалла ба ҳисоби миёна ба як хонанда |
|---|---|---|---|---|
| 1991 | 1747 | 16115 | 9,2 | 13 |
| 1992 | 1269 | 13051 | 10,3 | 14 |
| 1993 | 1577 | 14881 | 9,4 | 14 |
| 1994 | 1591 | 17054 | 10,7 | 16 |
| 1995 | 1560 | 14415 | 9,2 | 15 |
| 1996 | 1495 | 14103 | 9,4 | 16 |
| 1997 | 1470 | 14012 | 9,5 | 16 |
| 1998 | 1473 | 13912 | 9,4 | 17 |
| 1999 | 1463 | 13849 | 9,5 | 17 |
| 2000 | 1441 | 13487 | 9,4 | 17 |
| 2001 | 1436 | 13339 | 9,3 | 17 |
| 2002 | 1438 | 13436 | 9,4 | 16 |
| 2003 | 1430 | 13222 | 9,2 | 13 |
| 2004 | 1427 | 13077 | 9,2 | 16 |
| 2005 | 1414 | 13429 | 9,5 | 15 |
| 2006 | 1413 | 12881 | 9,1 | 15 |
| 2007 | 1420 | 13270 | 9,3 | 11 |
| 2008 | 1420 | 12782 | 9,0 | 14 |
| 2009 | 1419 | 12676 | 8,9 | 10 |
| 2010 | 1392 | 12078 | 8,7 | 10 |
| 2011 | 1376 | 12526 | 9,1 | 10 |
| 2012 | 1382 | 12112 | 8,8 | 11 |
| 2013 | 1368 | 11800 | 8,6 | 9 |
| 2014 | 1374 | 11819 | 8,6 | 11 |
| 2015 | 1366 | 16653 | 12,2 | 12 |
| 2016 | 1366 | 11381 | 8,3 | 7 |

[1] Ҷадвал дар асоси маҷмӯаҳои омории: Таджикистан: 20 лет государственной независимости: статистический сборник. – Душанбе: Шарки озод, 2011. – С.302-305; Тоҷикистон дар рақамҳо 2017 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 69., тартиб дода шудааст.

**Ҷадвали №6**

## Ташрифи хонандагон ба китобхонаҳои Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)[1]

| Солҳо | Шумораи умумии китобхонаҳо | Шумораи умумии хонандагони китоб-хонаҳо ҳаз. нафар | Шумораи хонандагон ба ҳисоби миёна дар як китобхона нафар |
|---|---|---|---|
| 1991 | 1747 | 1256,9 | 719 |
| 1992 | 1269 | 936,9 | 738 |
| 1993 | 1577 | 1083,6 | 687 |
| 1994 | 1591 | 1040,0 | 654 |
| 1995 | 1560 | 974,2 | 624 |
| 1996 | 1495 | 880,0 | 589 |
| 1997 | 1470 | 891,9 | 607 |
| 1998 | 1473 | 815,7 | 553 |
| 1999 | 1463 | 798,5 | 546 |
| 2000 | 1441 | 805,9 | 559 |
| 2001 | 1436 | 816,6 | 569 |
| 2002 | 1438 | 838,0 | 583 |
| 2003 | 1430 | 1051,3 | 735 |
| 2004 | 1427 | 840,0 | 589 |
| 2005 | 1414 | 872,3 | 617 |
| 2006 | 1413 | 835,8 | 592 |
| 2007 | 1420 | 1198,7 | 844 |
| 2008 | 1420 | 903,9 | 636 |
| 2009 | 1419 | 1227,3 | 865 |
| 2010 | 1392 | 1193,0 | 857 |
| 2011 | 1376 | 1311,5 | 967 |
| 2012 | 1382 | 1180,4 | 854 |
| 2013 | 1368 | 1331,8 | 974 |
| 2014 | 1374 | 1078,9 | 785 |
| 2015 | 1366 | 1461,8 | 1070 |
| 2016 | 1366 | 1626,7 | 1190 |

[1] Ҷадвал дар асоси маҷмӯаҳои омории: Таджикистан: 20 лет государственной независимости: статистический сборник. – Душанбе: Шарки озод, 2011. – С.302-305; Тоҷикистон дар рақамҳо 2017 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 69., тартиб дода шудааст.